**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ВБД: 336.02.027 (575.3)**
**ТБК: 65.9 (2Т) 261.3**
**Ф-17**

**ФАЙЗУЛЛОЗОДА БАХТОВАР САЙФУЛЛО**

# ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ РУШДИ НИЗОМИ АНДОЗБАНДИИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ**

**аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

**Роҳбари илмӣ: - д.и.и., профессор**

**Иброҳимзода И.Р.**

**Душанбе - 2024**

**МУНДАРИҶА**

**ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ………………..3**
**МУҚАДДИМА ..........................................................................................4**
**БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ НИЗОМИ АНДОЗБАНДИИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА ........ 188**
1.1.Назарияи танзими давлатии сиёсати андоз ва хусусиятҳои он......... 188
1.2. Субъектҳои соҳибкории хурду миёна ҳамчун объекти андозбандӣ ..34
1.3. Истифодаи таҷрибаи танзими давлатии низоми андози кишварҳои хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ ..........................................................54
**БОБИ II. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ТАНЗИМИ АНДОЗ ..................................................................................................71**
2.1. Механизмҳои арзёбии андозбандии рушди соҳибкории хурду миёна ..........................................................................................................71
2.2. Таҳлил ва баҳодиҳии вазъи институтсионалии низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна.........................................................................87
2.3. Маъмурикунонии андоз ҳамчун заминаи асосии танзими низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна ................................................106
**БОБИ 3. САМТҲОИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ АНДОЗБАНДИИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА..... 125**
3.1. Танзими муносибатҳои андозии субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар заминаи усулҳо ва моделҳои эконометрикӣ ................................ 12525
3.2. Роҳҳои устуворгардонии манбаҳои андозбандии соҳибкории хурду миёна ..........................................................................................142
3.3. Такмили механизми танзими давлатии андоз дар заминаи дастгирии соҳибкории хурду миёна.......................................................................160
**ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ..........................................................................177**
**РУЙХАТИ АДАБИЁТ ............................................................................. 180**
**РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ.............................................................................. 199**
**ЗАМИМА...............................................................................................201**

## ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

ИДМ – Иттиҳоди давлатҳои мустақил.

ХБА – Хазинаи байналмиллалии асъор.

БҶ – Бонки ҷаҳонӣ.

СҲИР - Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд.

ИМА – Иёлоти муттаҳидаи Амрико.

ММД – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ.

ИА – Иттиҳоди Аврупо.

ВМКБ – Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон.

НТҶ – Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ.

АИИ – Андоз аз арзиши иловашуда.

МОИ – Минтақаҳои озоди иқтисодӣ.

ВА – Воридоти андоз.

ДУ – Даромади умумӣ.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Масъалаҳои танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна дар шароити иқтисоди бозорӣ барои тамоми кишварҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим баромад мекунад. Дар ин самт, масъалагузорӣ оид ба ташаккул додани механизмҳои танзими андоз дар робита ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ муайянкунанда мебошад. Масъалаи мазкур объекти махсуси омӯзиши коршиносон ва олимони соҳа буда, дар заминаи татбиқи натиҷаҳои илман асоснок танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна мунтазам тақвият меёбад ва дар амалия барои рушди соҳаҳои воқеӣ равона карда мешаванд. Ҳамзамон масъалаи мазкур пайваста дар ҳуҷҷатҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва иқтисодии кишвар, аз ҷумла дар партави Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Аз ҷумла, дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ қайд гардид, ки “Барои нигоҳ доштани рушди босуботи иқтисодӣ, таъмин намудани устувории молияи давлат, афзоиши даромад ва баланд бардоштани самаранокии буҷет заминаи зарурии қонунгузорӣ фароҳам оварда шуда, корҳо дар самти мукаммал гардонидани низоми миллии молия ва андоз идома доранд”.[1]

Ҳамин тавр, гузариш ба принсипҳои давлатии танзим дар самти муфидгардонии муносибатҳои андозӣ аз ҳисоби пурзӯр намудани иқтидори молиявии субъектҳои иқтисодӣ шарти муҳими устуворгардонии буҷети ҷумҳурӣ дар заминаи танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна мебошад. Дар ин асос, таъмини танзими давлатии муносибатҳои андозӣ ба ташаккулёбии заминаҳои моддии муносибатҳои молиявӣ алоқаманд мебошад. Бо ин

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23.12.2022. – С.3.

роҳ танзими фаъолияти бахшҳои воқей таъмин гардида, бо дарназардошти баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии иҷтимоии аҳолӣ, инчунин пешгирӣ намудани қонунвайронкуниҳои андозӣ ва иқтисоди ниҳонӣ шароити муҳим баромад мекунанд ва дар алоқамандӣ бо маъмурикунонии андоз ва рақамикунонии онҳо равона карда мешавад. Чорабиниҳои мазкур, аз мавқеи танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна имкониятҳоеро дар бар мегиранд, ки онҳо барои рушди устувори молия нигаронида шуда, аз фаъолияти пурсамари субъектҳои иқтисодии ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ асосёфта вобастагии зич доранд. Дар ин самт, тибқи асосҳои назария ва амалияи танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна, дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, сарчашмаҳои молиявии давлатӣ ниҳоят лозим мебошанд. Дар баробари ин, афзудани гаронии андоз дар фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ боиси паст шудани рушди иқтисодӣ мегардад. Бинобар ин, татбиқи нуқтаҳои муҳими асосҳои назария ва амалияи танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна ва ба назар гирифтани қонуниятҳои иқтисодии танзим имкониятеро ба амал меорад, ки мувозинати иқтисодӣ таъмин гардида, зеро он барои рушди шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва устуворгардонии иқтидори андозӣ, дар робита ба равандҳои ислоҳоти иқтисодӣ, хеле муҳим баромад мекунанд.

Бинобар ин, ҳалли масъалаҳои болозикр мубрам будани мавзуи таҳқиқотро ифода карда, дар робита ба ҷанбаҳои назариявию амалии мақтабҳои иқтисодӣ заминаи таҳлили вазъи институтсионалии танзими андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад менамояд. Ҳамзамон, танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна дар робита ба истифода аз усулҳои иқтисодию математикӣ имкониятҳоеро фароҳам меорад, ки самтҳои такмили механизми танзими давлатии

андозбандии субъектҳои нави хоҷагидорӣ дар кишвар коркард ва пешниҳод карда шавад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар самти такмили назария ва амалияи танзими муносибатҳои андозӣ олимон ва коршиносони хориҷию ватанӣ саҳми назаррас гузоштаанд. Масъалаи мазкур аз ҷониби олимони барҷаста, бахусус асосгузорони илми иқтисоди классикӣ ва неоклассикӣ, аз ҷумлаи У. Петти, Ф. Кенэ, А. Смит, Д. Рикардо, К. Маркс, Ф. Энгелс, Й. Шумпетер, Ҷ.М. Кейнс, А. Лаффер, А. Вагнер, А.С. Пигу ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар робита ба муносибатҳои андозбандӣ, нуқтаҳои калидии омӯзиши танзими андозро таҳлили вазъи институтсионалии танзими андоз ва дар ин замина коркарди механизми танзими давлатии андозбандӣ ва таъмини принсипҳои адолати иҷтимоӣ дар андозбандӣ ташкил медиҳад.

Вобаста ба масъалаи мазкур асарҳои илмии олимони рус, аз ҷумла таҳқиқотҳои илмии М.И. Литвин, Е.Н. Егорова, А.Кадушин, Е.А. Кирова, И.А. Майбуров ва дигаронро қайд кардан мумкин аст. Ҳамзамон, масъалаҳои назариявӣ ва амалии танзими давлатии низоми андозбандии соҳибкорӣ дар асарҳои илмии олимони ватанӣ Л.Ҳ. Саидмуродов, А. Мирсаидов, Ҳ. Умаров, Х. Улуғхоҷаева, И.Р. Иброҳимзода, Г. Оймаҳмадов, А. Бегматов, Ф. Шомуродов, Р.Т. Ҷабборов, Т.С. Исломов, С. Маъдиев, У. Воҳидов, Х.Ҷумъабоев М. Салимова, М.А. Одинаев ва дигарон таҷассум ёфтааст.

Лекин, то имрӯз дар кишвар назария ва амалияи умумии мукаммали танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна дар робита ба субъектҳои хоҷагидори характери истеҳсолидошта, хусусан субъектҳои соҳибкории хурду миёна аз мавқеи истифодаи усулҳои иқтисодию математикӣ ташаккул наёфтааст. Бинобар ин, мавзӯи таҳқиқшаванда мубрам буда, барои омӯзиш ва коркарди

чорабиниҳо барои баланд бардоштани мақоми танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна нигаронида мешавад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкориии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо як қатор барномаҳои давлатии марбут ба танзими давлатии муносибатҳои андозбандӣ ва рушди низоми андоз мутобиқат менамояд, иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади тадқиқоти мазкур омӯзиши муаммоҳои назариявӣ ва амалии танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна ҳангоми гузариш ба иқтисоди бозорӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда муаллиф дар диссертатсия ҳалли вазифаҳои зеринро ба миён мегузорад:

- омӯзиш ва муайян кардани асосҳои назариявӣ ва методологияи танзими давлатии сиёсати андоз;
- таҳқиқи захираҳо ва истифодаи таҷрибаҳо бобати усутувор гардонидани вазъи молиявии субъектҳои хоҷагидор ҳамчун заминаи усутувории андоз, танзим ва суботи молиявӣ;
- таҳлили имкониятҳо оид ба вазъи истифодабарии фишангҳои институтсионалии ба илм асосёфта дар робита ба муносибатҳои андозбандӣ ва ташкили муносибатҳои молиявӣ;
- таҳияи механизмҳои институтсионалии танзими давлатии андоз ва ташаккули роҳҳои истифодабарии унсурҳои маъмурикунонии андоз;
- коркард ва пешниҳод намудани механизмҳои такмили ояндавии танзими давлатии андоз ва устуворгардонии манбаи андоз дар заминаи дастгирии соҳибкории хурду миёна;

- асоснокгардонии танзими муносибатҳои андозии субъектҳои хоҷагидор аз тариқи истифодаи усулҳои иқтисодию математикӣ.

**Объекти таҳқиқот** низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна ҳамчун заминаи тақвияти институтсионалии устуворгардонии манбаи андози субъектҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Мавзуи таҳқиқотро** маҷмуи муносибатҳое ташкил медиҳанд, ки дар низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна вобаста ба тақвияти институтсионалии дастгирии он дар кишвар ба амал меоянд.

**Фарзияи илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** ба муқаррароте асос ёфтааст, ки дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ барои тақвиятёбӣ ва мукаммал гардидани механизмҳои танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна таҳлили вазъи институтсионалии танзими андоз дар ҷумҳурӣ, муқаррар намудани самтҳои такмили механизми танзими давлатии андозбандии субъектҳои соҳибкории хурду миёна, маъмурикунонӣ ва тавсеаи манбаи андоз дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти ҳалкунанда дорад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ** асарҳои олимон ва коршиносони дохил ва берун аз кишвар оид ба танзими давлатии низоми андоз, санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзими низоми андозбандӣ, барномаҳои давлатии дастгирии соҳибкорӣ, нашрияҳо оид ба танзими давлатии муносибатҳои молиявӣ дар робита ба рушди соҳибкорӣ, васеъ ба роҳ мондани рақамикунонии раванди маъмурикунонӣ ва тавсеаи манбаи андоз, истифодаи усулҳои иқтисодию математикӣ бо мақсади таъмини муфидгардонии гаронии андоз ва устувории иқтидори андозӣ ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқоти** диссертатсионӣ усулҳои монографӣ, таҳлили иқтисодию математикӣ ва усули муқоисавӣ истифода бурда шудааст. Истифодаи усулҳои мазкур танзими давлатии

рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна ва муносибатҳои молиявии онҳоро, дар робита ба тақвият додани иқтидори иқтисодии субъектҳои хоҷагидор, таъмин менамояд.

**Сарчашмаи маълумоти таҳқиқоти диссертатсионӣ** ба сарчашмаҳои илмии таҳқиқот санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла, қонунҳо, кодексҳо, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти омории Агентии оморӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маълумотҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи солонаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои илмию амалӣ ва маълумотҳо аз сомонаҳои интернетӣ дохил мешаванд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Корҳои таҳқиқотӣ дар назди кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкориии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон гузаронида шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқот дар асосноккунии коркардҳои илмӣ-методии танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна ва муайян кардани самтҳои такмили механзми танзими давлатии субъектҳои мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад.

Дастовардҳои муҳиме, ки муаллиф мустақимона ба даст овардааст ва ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, аз инҳо иборатанд:

- дар асоси назария ва методологияи танзими давлатии низоми андоз, зимни истифодабарӣ аз дастовардҳои илмии олимони хориҷию ватанӣ маълум карда шуд, ки дар ҳолати ташаккулёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ,дар самти танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна дураномо ва чораҳои пешгирии зуҳуроти буҳронӣ муҳим ба шумор меравад. Зимнан таҳияи муаллифии низоми андоз пешниҳод карда шуд, ки дар ин асос, ҷалби

сиёсати монетарӣ ва риояи қоидаҳои андозбандӣ хеле муҳим баромад карда, ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ маҷмӯи шароит ва омилҳо таъсир мерасонанд. Бинобар ин, дар ин раванд ба эътибор гирифтани имкониятҳои беҳгардонии вазъи институтсионалӣ ва муфидгардонии хароҷотҳои маъмурикунонии андоз ба амал меояд;

- дар заминаи татбиқи чорабиниҳои муҳими ҳукуматӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум намудем, ки татбиқи онҳо ба ҳавасмандгардонии раванди соҳибкории хурду миёна ва таъмини устувории буҷет мусоидат менамояд. Бо ин роҳ, сиёсати ҷории макроиқтисодӣ ва ислоҳоти сохторӣ ва институтсионалӣ имкноиятҳоеро фароҳам меоранд, ки ниҳодҳои молиявӣ барои сафарбар намудани захираҳо дар самти коркарди ашёи хоми ватанӣ ва усутвор гардонидани вазъи молиявии субъектҳои хоҷагидор ҳаматарафа ҳавасманд гардонида шаванд. Собит намудем, ки бо бартараф намудани камомади касри буҷа ва васеъ намудани сармояи умумӣ субъектҳои хоҷагидор заминаи андозбандиро устувор гардонида, барои танзим ва беҳтар кардани вазъи молиявии субъектҳои соҳибкорӣ таъсири мусбат мерасонанд;

- бо мақсади ташаккули фишангҳои самарабахши танзими давлатии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурате дар пеш меистад, ки механизмҳои танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна такмил дода шаванд. Бинобар ин, механизми институтсионалии танзими низоми андоз дар шароити бозор коркард ва пешниҳод карда шуд. Зеро дар ин замина фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ метавонанд имконияти рушд пайдо намоянд. Баланд бардоштани дараҷаи муфидгардонии меъёрҳо ва таъмини идоракунии давлатӣ имконияти ҳалли масъалаҳои баландбардории сатҳи даромадҳо ва некуаҳволии мардум ба амал меорад. Зимнан тавассути таҷдиди инфрасохторҳо ва тақвияти хизматрасониҳои иҷтимоии баландсифат дар маҳалҳо имкониятҳои рушд таъмин мегарданд. Аниқ карда шуд, ки

ташаккули фишангҳои ҳамгироии фискалии бахшҳои воқеӣ зарурати таҳияи методикаҳои муайян намудани меъёрҳои андозиро дар бар мегиранд. Дар ин замина муфидгардонии гаронии андози субъектҳои иқтисодӣ ва такмили механизмҳои андоз оид ба ҳавасмандгардонии соҳибкории хурду миёна муайянкунанда баромад мекунанд;

- ба назар гирифтани татбиқи амалии ҳадафҳои стратегии кишвар вобаста ба арзёбӣ намудани ҷараёни такмили оянравии танзими давлатии андози субъектҳои хоҷагидорӣ омили муайянкунанда мебошад. Аз ин лиҳоз механизми такмили оянравии танзими давлатии андоз барои таъмини рушди соҳибкории хурду миёна дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард ва пешниҳод гардид. Дар робита ба рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна мавқеъгирӣ дар самти таъсири гаронии андоз ба фаъолияти субъектҳо аз тариқи истифодаи усулҳои эконометрикӣ имкониятҳои зиёд дорад. Бинобар ин, механизми танзими давлатии андози фаъолияти соҳибкории хурду миёна таҳия ва пешниҳод гардонида шуд. Маълум карда шуд, ки гаронии андоз ба тариқи тафриқавӣ сатҳи идоракунии иқтисодиётро дар бар гирифта, нишондиҳандаи мазкур барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, бояд ҳангоми муайян намудан манфиати тарафҳо дар сатҳи макро, мезо, микро ва наноиқтисодӣ ба эътибор гирифта шавад;
- таъмини такмили механизми танзими давлатии андоз ва вусъат бахшидани дастгирии минбаъдаи соҳибкории хурду миёна зарур арзёбӣ мегардад. Танзими давлатии андози фаъолияти субъектҳои хурду миёна, дар робита бо дастгирии давлатӣ барои тақвият додани бахшҳои воқеии иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ, тибқи ба роҳ мондани кластери аграрию саноатӣ асоснок гардидаст. Муайян карда шуд, ки такмили механизми иқтисодии устуворгардонии манбаи андоз дар раванди соҳибкорӣ аз иқтидори иқтисодӣ, шаклҳои навоварӣ, сохторӣ,

сармоягузорӣ ва молиявӣ вобаста буда, бевосита татбиқи усулҳои эконометрикиро тақозо менамояд. Бо ин роҳ мутобиқгардонии соҳибкории хурду миёна ба тағйироти муҳити рушди устувори молиявии онҳо самаранок ба роҳ монда мешавад. Дар ин самт идоракунии равандҳои инноватсионӣ бо дарназардошти муқаррар намудани омилҳои таъсирбахш дар таъмини устувории молиявӣ ва васеъ кардани манбаи андоз таъмин мегардад;

- ташкили низоми муфидгардонии ҳаҷми бақияи қарзи андозҳо, пардохтҳо ва мунтазам амалӣ намудани истифодаи усулҳои эконометрикӣ дар ин раванд. Аниқ гардонида шуд, ки мукаммалгардонидани механизми иқтисодии устуворгардонии манбаи андози субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар оянда ба амал меояд. Ҳамзамон, заминаи моддии афзоиши даромад аз ҳисоби диверсификатсияи истеҳсоли молу хизматрасониҳо ба амал омада, устувории иқтисодию молиявӣ ва васеъгардонии манбаи андозбандӣ дар самти танзими муносибатҳои андозбандӣ таъмин мегардад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- муайян кардани асосҳои назариявӣ ва методологии танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна бо роҳи ҷалби сиёсати монетарӣ ва риояи қоидаҳои андозбандӣ ҳамчун ҷузъи институтсионалӣ муҳим баромад мекунад;
- бо роҳи бартараф намудани камомади касри буҷа ва васеъ намудани сармояи умумӣ субъектҳои хоҷагидор заминаи андозбандиро устувор намуда, барои танзими андоз ва суботи молиявӣ таъсири мусбат мерасонанд;
- барои ташаккули фаъолияти истеҳсолию хизматрасонӣ ва қабули қарорҳои муфиди танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна фишангҳои институтсионалии ба илм асосёфта

муайянкунанда мебошанд. Бинобар ин, сафарбар намудани фишангҳои институтсионалӣ ва риояи пурраи сиёсати пулию қарзӣ муҳим буда, батақвият додани танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна ва истифодаи имкониятҳои бозори молиявӣ мусоидат менамояд. Зеро дар ин замина идоракунии раванди муносибатҳои андозӣ муфид гардонида мешавад. Механизмҳои таҳлили имкониятҳо оид ба фишангҳои институтсионалии ба илм асосёфта нисбат ба муносибатҳои андоз ва ташкили муносибатҳои молиявии субъектҳои соҳибкории хурду миёна такмил дода шуд;

- дар робита ба рушди фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна мавқеъгирӣ дар самти таъсири андоз ба фаъолияти субъектҳо аз тариқи истифодаи усулҳои эконометрикӣ имкониятҳои зиёд дорад. Бинобар ин, механизмҳои институтсионалии танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна коркарда ва пешниҳод карда шуд;
- танзими давлатии андози фаъолияти субъектҳои хурду миёна дар робита бо дастгирии давлатӣ ҳамчун асоси тақвият додани бахшҳои воқеии иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ баромад мекунад. Бо дарназардошти фаъолияти кластерии аграрию саноатӣ механизмҳои такмили ояндавии танзими давлатии андоз ва устуворгардонии манбаи андоз дар заминаи дастгирии соҳибкории хурду миёна пешниҳод карда шуд;
- бо мақсади коҳиш додани гаронии умумии андоз ва муфидгардонии он дар сатҳи субъектҳои соҳибкории хурду миёна моделҳои ҳисобии регрессияи давраҷавӣ таҳия карда шуд.

**Аҳамияти назарияввӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола аз предмет (мавзуъ)-и таҳқиқи он бар меояд. Низоми муносибатҳои танзими давлатии рушди андозбандии соҳибкории хурду миёна байни марказ ва минтақаҳо дар шароити муосир яке аз унсурҳои

асосие ба шумор меравад, ки таҳкурсии рушди дарозмуддати иқтисодиро мегузорад. Таҳлили назариявии гузаронидашуда, ки дар асоси онҳо тавсияҳо оид ба ислоҳоти танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна пешниҳод карда шудаанд, оид ба омӯзиши комплекси мушкилоти низоми андоз дар сатҳҳои гуногун муносибати нави методологиро пешбинӣ менамоянд. Натиҷаҳои тадқиқотро дар муассисаҳои тадқиқотӣ ва марказҳои таҳлилӣ, ки ба ҷараёни коркарди масъалаҳои иқтисодию сиёсӣ ва тавсияҳо барои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҷалб гардидаанд, истифода бурдан мумкин аст.

Маводи рисола инчунин метавонад дар таълими курсҳо доир ба назарияҳои иқтисодӣ, андоз ва андозбандӣ, молияи давлатӣ ва курсҳои дигари ба инҳо наздик дар мактабҳои олӣ истифода шавад.

Дар асоси тадқиқоти мазкур маърӯзаҳо ва мақолаҳои илмӣ доир ба масъалаи ислоҳоти низом ва муносибатҳои танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна дар Тоҷикистон омода карда шудаанд, ки натиҷаҳои тадқиқотро дар таҳияи санадҳо оид ба таҳияи буҷа истифода кардан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқот ба роҳ мондани дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Ҳамзамон, масъалаҳои мубрами самти такмили танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна таҳлил гардида, инчунин тавассути маълумоти асосноккардашуда пайдарпайии таҳқиқи назария, методология ва амалия дар сатҳи зарурӣ таҳлил ва арзёбӣ карда шуд. Хулоса ва тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ асоснок гардонида шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-

и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси **08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз** мувофиқат мекунанд: 2.4. Пешгӯӣ ва банақшагирии буҷетию андозӣ дар иқтисоди бозорӣ; 2.5. Танзими андозии бахшҳои иқтисодиёт. 2.6. Назарияи бунёди системаи буҷетию андозӣ. 2.9. Асосҳои назариявӣ, афзалиятҳои сиёсати андозӣ ва самтҳои асосии ислоҳоти низоми андозӣ. 2.16. Сиёсати буҷетию андозии давлат дар иқтисоди бозорӣ. 2.20. Шаклдигаркунии низоми буҷетию андозӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушди иқтисодиёт: фишангҳо ва амсилаҳои мутобиқсозӣ. 2.22. Назорати давлатии ҳуқуқвайронкуниҳои андозӣ. 2.27. Иқтидори андозии минтақа ва субъектҳои алоҳида. 3.14. Назария, методология ва методҳои заминавии андозбандии субъектҳои хоҷагидор. 3.15. Муносибгардонии портфели андозии субъектҳои хоҷагидор. 3.16. Мониторинги саҳми андозии субъектҳои хоҷагидор. 3.17. Таҳқиқоти вобастагии байни нарх ва андозбандӣ. 3.18. Консепсияи машваратҳои андозӣ ва экспертизаи андозӣ. 3.19. Назарияи қабули қарорҳо ва методҳои идоракунии хавфҳои молиявӣ ва андозӣ. 3.30. Баҳисобгирии андоз ҳамчун унсури андозбандӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Саҳми шахсии довталаб дар он муайян мегардад, ки иҷрои нақшаи кори таҳқиқотӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноксозӣ, мақсад, вазифаҳо, мубрамият ва аҳамиятнокии он аз ҷониби диссертант таҳия гардидааст. Тавсияҳои кори илмӣ метавонанд ҳангоми такмили танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна, ҷорӣ намудани шаклҳои нави хоҷагидорӣ, муфидгардонии гаронии андоз ва васеъ намудани манбаи андоз дар таъмини устувории молиявии кишвар ва такмили савияи дониши кормандони соҳаи молия мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосӣ ва нуқтаҳои муҳимми таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои

илмию назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин дар конференсияҳои ҳарсолаи ҳайати профессорону устодон ва кормандони Донишгоҳи давлати молия ва иқтисоди Тоҷикистон ироа гардидаанд. Нуқтаҳои муҳимми таҳқиқоти диссертатсионӣ дар якчанд конференсияҳои илмию назариявии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ маъруза карда шудааст. Бештари мақолаҳои довталаб дар солҳои 2020-2023, дар маводи конференсияҳои илмию амалии Донишгоҳи давлати молия ва иқтисоди Тоҷикистон рӯйи чоп омадаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 10 мақола (дар ҳаҷми 6,7. ҷ.ч. нашр гардидааст) аз инҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ки аз 9 зербоб таркиб ёфтааст, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт бо 167 номгӯй иборат мебошад. Диссертатсия аз 202 саҳифаи матни чопӣ таркиб ёфта, 11 расм, 13 ҷадвал, 12 формуларо дарбар мегирад.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок ва дараҷаи таҳқиқи он арзёбӣ гардида, объект ва мавзӯи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии он муайян карда шудаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия** – “Асосҳои назариявии танзими давлатии низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна”, назарияи танзими давлатии сиёсати андоз ва хусусиятҳои он, субъектҳои соҳибкории хурду миёна ҳамчун объекти андозбандӣ ва истифодаи таҷрибаи танзими давлатии низоми андози кишварҳои хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ баррасӣ гардидааст.

**Дар боби дуюми диссертатсия** – “Таҳлили вазъи институтсионалии танзими андоз”, механизмҳои арзёбии андозбандии рушди соҳибкории хурду миёна, таҳлил ва баҳодиҳии вазъи институтсионалии низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна ва маъмурикунонии андоз ҳамчун заминаи танзими низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор дода шудаанд.

**Дар боби сеюми диссертатсия** – “Самтҳои такмили механизми танзими давлатии андозбандии соҳибкории хурду миёна”, танзими муносибатҳои андозии субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар заминаи усулҳо ва моделҳои эконометрикӣ, роҳҳои устуворгардонии манбаҳои андозбандии соҳибкории хурду миёна ва такмили механизми танзими давлатии андоз дар заминаи дастгирии соҳибкории хурду миёна мавриди таҳқиқ ва хулосабарориҳо қарор дода шудаанд.

**Дар хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбаст шудааст.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ НИЗОМИ АНДОЗБАНДИИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА

## 1.1. Назарияи танзими давлатии низоми андоз ва хусусиятҳои он

Андоз моҳияти низоми молиявии давлатӣ буда, ҳамчун категорияи азнавтақсимкунандаи сарчашмаи асосии қисмати воридотии буҷаи давлатии кишварҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Категорияи андоз бо моҳияти дохилӣ ва шаклҳои зоҳиршавии берунӣ дар воқеият муайян карда мешавад. Аз назари мо, истифодаи муносибати маҷмӯӣ ба коркарди сиёсати андоз, хусусан дар робита ба таҳқиқи танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна, дар асоси муносибати системавӣ ва хусусиятҳои минтақавии он зарур мебошад. Яъне дида баромадани он дар динамика вобаста ба маҷмӯи омилҳо аз рӯйи дараҷаи рушди қувваҳои истеҳсолкунанда, хусусияти муносибатҳои истеҳсолӣ, суръати рушди маҳсулоти миллӣ ва даромади миллӣ, инчунин нишондиҳандаҳои дигари макроиқтисодӣ муайянкунанда ба шумор мераванд.

Тибқи назарияи классикии А. Смит ба сифати принсипҳои иқтисодии ташаккули низоми андоз “мустақилияти хоҷагӣ, қонунияти андоз, арзонии андози ситондашаванда ва баробарии гаронии андоз” [2] баромад мекунанд. Чунин мушоҳида мегардад, ки танзими давлатии сиёсати андоз ба таври ҳадди аксар бояд содда ва сабук амалӣ гардонида шавад.

Намояндагони классикии назарияи иқтисодӣ К. Маркс ва Ф. Энгелс дар тақриз ба кори Э.Д. Жирарден («Сотсиализм ва андоз» Париж 1850) иштибоҳи Ҷаноби Жирарденро бо он ошкор намуданд, ки “низоми молиявии мо дар тахти худ ягон пояи илмӣ надорад ва он анъанаҳои

---

[2] Смит А. Исследования о природе и причинах богатства народов / А. Смит.-М.1962 – 1590с.-С.611

асримиёнагиро инъикос мекунад, ки асоси онҳоро мероси дағал ва ғоратгаронаи фискалии римӣ ташкил медиҳад. Ислоҳоти андоз ё мақсади инкор кардани низоми кӯҳнаро дорад, ки ба рушди саноат халал мерасонанд, ё ин ки тақсими баробари андозро дар бар мегирад. Андозҳо танҳо синфи миёнаи дар байни буржуазия ва пролетариат қарордоштаро, ки вазъашон ба синфи дигар вогузор намудани гаронии андозро имкон намедиҳад анд, муфлис мекунанд»[3]. Ҳолатҳои дигари пешбинишуда оид ба танқиди низоми андоз дар ҳама давру замон хеле мубрам мебошанд. Дар мавриди қонунгузориҳои мавҷуда оид ба низоми андоз аён мегардад, ки қонунгузориҳои дар кишварҳои имрӯзаи аврупоӣ қабулшуда - идомаи анъанаҳои фискалии римӣ мебошанд. Масъалагузории андозбандии онҳо барои кишвари аз нигоҳи саноатӣ сустинкишофёфта мувофиқат намекунад. Яъне, ба ақидаи мо, ҳангоми истифодаи васеъ аз дастовардҳои хориҷӣ зарурате дар пеш меистад, ки барои паст кардани гаронии андоз ва ҳавасмандгардонии рушди истеҳсолоти ватанӣ ислоҳот бояд ба хусусиятҳои минтақавии андозбандӣ мувофиқат дошта бошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба танзими давлатии сиёсати андоз ва хусусиятҳои минтақавии он таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Бинобар ин, васеъ кардани қиёснокии танзимшавандагии сиёсати андози кишвар хеле муҳим аст. Қайд кардан бамаврид аст, ки сарчашмаҳои илмии иқтисодӣ дар мавриди ягонагӣ ва зарурати гузаронидани сиёсати стратегии низоми андоз нуқтаи назари якхеларо надоранд.

Тибқи ақидаи Ҷ. Кейнс[4], Э. Хансен, У. Хеллер ва дигарон Зарурати дахолати давлат тавассути таъсири танзимкунанда, дар асоси коркард ва татбиқи сиёсати андоз бар меояд. Бояд қайд намуд, ки равияи Кейсианӣ

---

[3] Маркс К., Энгельс Ф. Сочетания 2. Т.7 / К. Маркс, Ф. Энгельс.-М., 1956. – 702с.- С.295-300.
[4] Кейнс Дж.М. Избранные произведения / Дж.М. Кейнс. - М.: Экономика, 1993. – 543с. - С.224.

дахолати фаъолонаи давлат ба иқтисодиётро бо роҳи пеш гирифтани сиёстаи дискретсионии фискалӣ ифода менамояд.

Ба эътибор нагирифтани нақши давлат дар танзими ҷараёнҳои иқтисодӣ, аз ҷумла тариқи гузаронидани сиёсати андоз ва саҳми монетаристон, ки бештар аз мавқеи Фридмен ва дигарон бар меояд, дар мавриди ба роҳ мондани сиёсати пуливу қарзӣ тавассути бонки марказӣ, аз назари мо асосноккуниро тақозо менамояд. Тибқи ақидаи монетаристон ҳамон давлате муваффақ аст, ки ба низоми андоз нисбатан камтар ё ин, ки умуман дахолат намекунад.

Дар робита ба мафҳуми сиёсати фискалӣ П. Самуэлсон чорабиниҳои умумиро дар самти андозбандӣ ва хароҷот, инчунин усулҳои маблағгузории ин хароҷотро мефаҳмад.[5] Вобаста ба ин, бояд қайд намуд, ки бо ҳам мувофиқ гирифтани ҳаҷми мол ва пул, дастгирии буҷаи бидуни камомад дар асоси гузаронидани сиёсати пурзӯри фискалӣ ва маҳдуд кардани хароҷоти давлатӣ асосӣ ҳисобида мешавад.

Мувофиқи ақидаи М. Фридмен барои сиёсати андоз лагаҳои тӯлонии дохилӣ заруранд, ки имконияти "танзими дақиқи" механизми хоҷагиро инкор мекунад. Аз назари мо, "танзим дақиқи" механизми хоҷагӣ ҳангоми татбиқи сиёсати чандири низоми андоз имконпазир аст. Ин дар ҳолате, ки агар стратегияи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ пешгуӣ ва чораҳои превентивии роҳ надодан ба зуҳуроти буҳронӣ андешида шуда бошанд. Аз ҷониби «монетарстон» паст кардани нақши давлатии танзими пассиви фиксалӣ ва назорати беқурбшавӣ кифоя набуда, танҳо дахолати фаъоли давлат бо истифодаи маъмуригардонӣ ва истифодаи усулҳои иқтисодии танзим метавонад боиси аз вазъи буҳронӣ баромадани давлат гардад. Қайд кардан бамаврид аст, ки иқтисодиёти миллии мо дар сатҳи танзим ва тақвият рушд карда истодааст.

[5] Самуэльсон П. Экономика / П. Самуэльсон. - М.: Прогресс, 1964 - 843с. - С.276-277

Аз таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта чунин бар меояд, ки кишварҳои истифодабарандаи модели кейнсиании рушди иқтисод дар муқоиса бо кишварҳои истифодабарандаи модели монетаристӣ бештар муваффақ мебошанд, алалхусус истифодаи усулҳои танзими давлатии иқтисодиёт ва сиёсати фаъоли фиксалӣ дар Япония, ки он аз рӯйи сатҳи пешрафти иқтисодӣ мавқеи намоёнро мегирад.

Тибқи ақидаи Ҷ.Ю. Стиглитс панҷ низоми «хуб»-и андозбандӣ амал мекунад:[6]

1.Дар доираи самаранокии иқтисодӣ, низоми андоз набояд бо тақсимоти самарабахши захираҳо дар ихтилоф қарор дошта бошад;

2.Тибқи низоми содакардашудаи маъмурӣ, ки дар ин ҷараён низоми маъмурӣ сода буда, дар истифода мураккаб набошад;

3.Низоми чандирӣ, ки дар он низоми андоз ба вазъияти дигаргуниҳои иқтисодӣ зудмутобиқшаванда баромад намояд;

4.Масъулияти сиёсӣ: низоми андоз бояд чунон таҳия шавад, ки одамонро барои низоми сиёсӣ беҳбудии онҳоро инъикос мекунад.

5.Адолат: низоми андоз дар муносибат ба шахс бояд одилона бошад.

Баҳсҳои солҳои охир бобати низоми андоз масъалаи таъсири вайронкунандаи он ба фаъолнокии расмӣ ва рафтори иқтисодиро бештар дар бар мегирад. Андозбандӣ аз музди меҳнат ё фоида аз сармоя баробарвазниро дар иқтисодиёт тағйир медиҳад. Дараҷаи андозаи даромадҳои фоиздор имкони камгардонии пешниҳодҳои пасандозро доранд. Амалан сармояи саҳҳомӣ, ки ин ҳавасмандиро дар самти таъсиси ҷойи кор кам мегардонад. Қайд кардан бамаврид аст, ки самаранокии низоми андоз имконияҳои зиёдро доро мебошад. Ин аз рӯйи баҳои таъсири андозбандӣ ба фаъолии субъектҳои хоҷагидор ва хароҷоти маъмурикунонии андоз амалӣ карда мешавад.

---

[6] Стиглиц Дж. Ю. Экономика государственного сектора / Дж.Ю. Стиглиц.-М.: Издательство МГУ: ИНФРА-М, 1997.- 720с.-.368

Имрӯзҳо дар низоми андозбандӣ ислоҳот идома дорад. Ислоҳоти мазкур асосан ба самти идоракунии раванди андоз нигаронида шуда вобаста ба низоми маъмурикунонии муносибати тарафҳои андозбандӣ аз ҷиҳати хусусиятҳои минтақавӣ асоси риояи қоидаҳои андозбандӣ мебошад. Таҷрибаи андозбандӣ нишон медиҳад, ки риояи принсипи содагии ба роҳ мондани андоз муаммоҳои ҷойдоштаи андозбандиро аз байн мебарад. Мураккаб будани ин раванд монеаҳоро дар ин самт бештар мегардонад. Аз ин лиҳоз, сиёсати андоз ҳарчи бештар содагардонии низоми андозбандии соҳавиро тақозо менамояд. Тағйиротҳои дар шароити иқтисоди бозорӣ ба амаломада мувофиқан зарурати дигаргуниҳои фишангҳои танзимкунонии андозҳо, алалхусус нисбати меъерҳои андозро ба миён овард. Тибқи назарияи кейнсионӣ, сиёсати андоз дар алоқамандӣ ба меъёри чандирии андоз амал мекунад. Баҳси заминавии сиёсати андоз бо баррасии таъмини баробарии уфуқӣ ва амудӣ алоқамандии зич дорад. Имрӯзҳо дар баъзе кишварҳо низоми мавҷудаи андоз бештар аз рӯйи баробарии уфуқӣ таъмин мегардад, яъне андозбандӣ вобаста ба ҳаҷми даромад тибқи меъёрҳои прогрессивӣ амалӣ карда мешавад. Лекин, аз ақидаи коршиносон маълум мегардад, ки майли нисбатан зиёди прогрессивии андозбандӣ, ба амалкарди андозсупорандагон таъсири манфӣ мерасонад, яъне онҳоро аз ҳавасмадӣ бозмедорад ва садди роҳи ташаббускории онҳо мегардад.

Бояд қайд намуд, ки дар мавриди андозбандӣ зарурате дар пеш меистад, ки тибқи он бояд ҳайати хонаводаи андозсупоранда ба эътибор гирифта шавад. Теъдоди бештар аз се нафаре, ки шуғл намеварзанд, бояд онҳо ба имтиёз фарогир бошанд. Чунки дар ин маврид сатҳи зиндагӣ аз тарзи андозбандӣ вобаста мебошад. Аз ҷумла, интихоби пардохти прогрессивии андоз аз даромади фаъолияти меҳнатӣ дар робита ба теъдоди хонаводаҳои серфарзанд бетаъсир намемонанд. Яъне, зарурате дар пеш меистад, ки дар мавриди ба эътибор гирифтани истифодаи ин ё

он режими андоз ва сиёсати андозбандӣ, хусусиятҳои демографӣ, аз қабили зиёд будани теъдоди хонаводаҳои серфарзанд ва вазъи гендерӣ бояд ҳамчун заминаҳои хусусияти минтақавӣ инъикос ёбанд. Дар доираи татбиқи функсияи адолатхоҳии андозбандӣ, ба эътибор гирифтани дараҷа ва таркиби андозбандӣ муайянкунандаи рафтори иқтисодии субъектҳои андозсупор мебошад. Ин гуна муносибат барои таъмин минбаъдаи устувории муносибатҳои андозбандӣ, риояи қонунгузории андозбандӣ ва шароити муҳими сатҳи хизматрасониҳои иҷтимоӣ шарти муҳим мебошад.

Дар ин раванд, риояи самаранокӣ хеле муҳим баромад мекунад. Мувофиқ ба усули Парето, "тақсимоти захираҳое, ки бо беҳ нашудани вазъи як шахс аз ҳисоби бад нашудани вазъи шахси дигар ба амал намеояд, оптимуми Парето ном гирифтааст».[7] Яъне ҳангоми истифодаи ин усул тағйиротҳои мусоидаткунанда ба беҳгардии вазъи як гурӯҳ ва дахлнопазир ба вазъи дигарон , мазмун ва моҳияти беҳбудиро ифода мекунад.

Маълум аст, ки бозор дорои ҷараёни номуайянӣ буда, Бинобар инномукаммалии бозор барои аксари давлатҳо ҳадафи асосӣ мебошад. Иқтисодиёти фароҳамшароитӣ, теоремаи аввалини Парето - беҳбудӣ баромадад карда, на дар ҳама маврид оптималӣ ҳисобида мешавад, яъне он дар баъзе мавридҳо самаранок мебошад. Шарт ва шароитҳое, ки дар он бозор самаранок нест тибқи усули Парето бозори номукаммал номида мешавад. Ин ҳолат, далели асосии дахолати давлат шуморида мешавад. Низоми андозбандие, ки аз доираи музди меҳнат ва арзиши иловаи сармоя бунёд мегардад, самаранок шуморида намешавад. Зеро чунин ҳолат, ҳавасмандиро бобати маҳсулнокии меҳнат кам гардонида, ҳамзамон тақсимоти муфиди захираҳоро аз байн мебарад. Самараноки андоз бо усули Парето, аз сохторҳое иборат мебошанд, ки ҳеҷ кадоме аз

[7] Pareto V. Manual of Political Economy. Translated by A.Schwier. New York : Augustus M. Kelley, (1909, 1971). – 504p.

онҳо вазъи иқтисодии худро беҳтар намесозад, то ин ки вазъи иқтисодии дигаронро бадтар насозад. Дар ин раванд сохторҳои пинҳонӣ худро аз андоз дар канор гирифта, ӯҳдадориҳояшонро иҷро намекунанд. Субъектҳои хоҷагидори амалкунанда бошанд, андозро пурра ва саривақт пардохт менамоянд. Сохторҳои пинҳонӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон низ дида мешаванд. Бинобар ин қонунигардонии онҳо амалан тибқи усули Парето беҳбудиро ифода мекунад, яъне дар раванди ислоҳоти низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи усули Парето зарур шуморида мешавад. Арзёбӣ намудани майли тарафҳо дар доираи муносибатҳои андозбандӣ муайянкунанда баромад мекунад. Тибқи ақидаи К.Р. Макконел ва С.А. Брю[8] ду қоидаи танзими гаронии андоз вобаста ба лаппиши чандирӣ амалӣ мешаванд. Бинобар ин, субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ дар доираи фаъолияти соҳибкорӣ пеш аз ҳама бо андозҳои истеъмолӣ, аз ҷумла бо ААИ, ки чандирияти талаботро ба мол муайян мекунад, вобастагии зич дорад.

Имрӯзҳо сохтори иқтисодиёти миллӣ аз рӯйи тамоил бештар дар асоси муомилоти ашёи хом муайян гардида, қисмати асосии ташаккулёбии муносибатҳои иқтисодиро коркарди пахта ва алюминий ташкил медиҳад. Бо мақсади беҳтаргардонии таркиби сохтории иқтисоди миллӣ ва таъмини бевоситаи устувории динамикаи истеҳсоли ватанӣ, танзими андозбандии маҳсулоти ватанӣ асоси заминавӣ баромад мекунад.

Ба роҳ мондани танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна ба таъмини рушди иқтисодӣ ва устуворгардонии ҷараёнҳои инноватсионӣ вобастагии зич дорад. Қайд кардан бамаврид аст, ки бо дарназардошти ақидаҳои классикӣ ва неоклассикӣ, низоми андозбандии соҳибкории хурду миёнаро ба таври зайл таъриф кардан мумкин аст: он ҳамчун ҷузъи таркибии низоми андоз

---

[8] Макконел К.Р., Брю С.А. Экономикс / К.Р. Макконел, С.А. Брю. Т.2. - М.,1992. – 1041с. – С. 92.

тиқби қонунгузории андозбандӣ вобаста ба ҷой доштани хусусиятҳои минтақавӣ амалӣ гардонида мешавад. Дар мавриди ҳавасмандӣ ва дастгирии давлат дар пешрафти соҳибкории хурду миёна, онҳо ҳарчи бештар ба навовариҳои илмию техникӣ ва ташаббускорӣ дар раванди истеҳсолот ва хизматрасонӣ машғул гардида, дар ниҳояти кор ин ҳама ба рушди фаъолияти инноватсионӣ боис мегарданд.

Таҷрибаи мамлакатҳои пешқадам собит месозад, ки давлат фаъолияти инноватсиониро бо роҳи таъмини интихобии имтиёзҳо ва муқаррар намудани афзалиятҳои гуногун ҳавасманд мегардонад. Сафарбар намудани таътилҳои андоз, қарзҳои андозӣ ва коҳишёбии суръатнок имкониятҳоеро фароҳам меоранд, ки ба афзудани фаъолияти инноватсионӣ ва васеъ гардидани манбаи андозҳо боис мегарданд. Дар ин самт, лоиҳаҳои инноватсионии ба навовариҳои патентӣ, шаҳодатнома, литсензияҳои моликияти зеҳнӣ асосёфта - нишондиҳандаи асосии иштироки субъектҳои хоҷагидори дорои фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи илм ва техника ба шумор рафта, тадбирҳои дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ дар раванди таъсиси маҳсулот ва технологияҳои нав, барои рушди мустақилонаи субъектҳои мазкур хеле муфид баромад мекунанд.Дар шароити авҷ гирифтани деградатсияи истеҳсолоти ватанӣ ва афзоишёбии вобастагии кишвар аз воридот ноустувории молиявию иқтисодӣ, дефитсити буҷети давлатӣ ва тавозуни пардохти кишвар ва афзоиши ӯҳдадориҳои қарзиро ба амал омада, барои хизматрасонии қарзи давлатӣ зарурати афзоиши гаронии андоз ба корхонаҳоро ба миён меорад.

Дар таъмини сафарбарнамоии рушди иҷтимоию иқтисодӣ мақоми махсусро иқтисоди бозорӣ касб мекунад. Ҳамзамон дар ин самт муътадилии бозори миллӣ аз шаффофият ва одилона будани муносибатҳои андозӣ ва гумрукӣ дарак дода, он ҳамчун заминаи риояи

манфиатҳои миллӣ ва шароити мусоиди корбарӣ муайян гардидааст. Шароити бозор бевосита аз истифодаи усулҳои иқтисодии танзими давлатӣ бо истифодаи воситаҳои андозӣ, имтиёзҳо, меъёрҳои бозтамвил ва тарифҳо бар омада, дар ҳамоҳангии бахши хусусӣ ва давлат ҳамчун механизми муфиди таъмини рушд бaромад мекунанд.

Тибқи назарияи институтсионализми Й. Шумпетер, Д. Норт[9]. - маҷмӯи шароит ва омилҳо ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ таъсир мерасонанд. Дар ин раванд муомилот ва шартномаҳо ҳамчун фишанги таҳлил ва идоракунӣ эътирофи умумро пайдо кардаанд. Аз амалия чунин бар меояд, ки фаъолияти ин ниҳодҳо дар низомҳои гуногуни иҷтимоӣ тафриқавӣ мебошад. Ҳамзамон ин раванд аз бисёр ҷиҳатҳо монанд ва аз мавқеи эволютсионистонӣ воқеият дорад. Моҳиятан, андозҳо аз қабили хароҷотҳое мебошанд, ки ба фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ таъсир расонида, дар ин ҷараён зарурати соддагардонии андозбандӣ ба миён меояд.

Дар таҳияи сиёсати мутавозини муносибатҳои андозӣ истифодабарӣ аз низомҳои ҳавасмандгардонӣ ҳамчун омили таъсиррасон ба ташаккули сиёсати андозбандӣ баромад мекунад. Бинобар ин, омӯзиши муносибатҳои иқтисоди ниҳонӣ дар ин равандҳо имкониятҳои зиёди мувозинати сиёсати андоз ҳисобида мешавад.

Ҳангоми меъёрҳои аз ҳад зиёди андозҳо андозсупорандагон ангезаҳои худро барои кор дар соҳаи ҳуқуқии иқтисодиёт гум мекунанд ва ба тиҷорати пинҳонӣ машғул мешаванд, ки ин ба паст шудани ҳаҷми андоз оварда мерасонад.

Тибқи андешаи Э.Б. Антиксон ва Дж.Э. Стиглиц[10] андозбандиро аз се ҷиҳат таҳлил намудан мумкин аст, аз ҷумла:

---

[9] Норт Д. Институты, институциональные изменения и функционирование экономики / Д. Норт. – М., 1997.-190с. – С.110.

[10] Антиксон Э.Б., Стиглиц Дж.Э. Лекции по экономической теории государственного сектора. Учебник /пер. с англ. под. ред. Л.П. Любимова.-М.: Аспект Пресс, 1995.- 832с. - С. 47-48

1. Андозбандӣ фардҳоро камбизоат мегардонад (фоидаи кам ба даст меоранд);

2. Кӯшишҳои пешгирии андозбандӣ бо иваз намудани фаъолияти андозбандишаванда ба андозбандинашаванда таъсири ивазкунандаи андоз номида мешаванд;

3. Натиҷаи молиявӣ он аст, ки низоми андоз метавонад ба тағйирот дар шакли ташкилии молиявӣ ва сохтори амалиётҳо оварда расонад. Аз рӯйи натиҷаи аввал, бояд қайд кард, ки андозҳои ғайримустақим ин андозҳо аз истеъмол мебошанд, ки асосан шахсони воқеиро камбизоат мегардонанд. Нисбати таъсири дуюм - аксарияти фаъолияти истеъмолкунандагон дар дохили ширкат андозбандӣ намешавад. Нисбати таъсири сеюм, норасоии гаронии андоз барои рафъи субъектҳои соҳибкорӣ ба иқтисоди пинҳонӣ мусоидат менамояд.

Тибқи ақидаи И.Р. Иброҳимов "паст кардани гаронии андози корхонаҳои истеҳсолӣ бо роҳи баланд намудани самараи фаъолияти соҳибкории давлатӣ ва васеъ кардаи бозори коғазҳои қиматнок зарӯр мебошад. Барои дастгирии соҳибкорони навкор (корхонаҳои истеҳсолӣ) ба мӯҳлати 1 сол аз андоз озод карда шаванд. Бартараф намудани камбудиҳои зикргардида дар низоми фискалӣ афзоиш ва рушди устувори соҳибкории хурду миёнаро таъмин менамояд".[11] Яъне, кам кардани гаронии андози субъектҳои истеҳсолӣ, дар маҷмӯъ иқтисодиёти пинҳониро коҳиш дода, ба васеъ гардидани манбаи андоз оварда мерасонад.

Байни андозҳо ва хароҷот муносибати наздик мавҷуд аст, аммо, истилоҳҳои сиёсати буҷаву андоз ё андозу буҷа маънои якхела надоранд. Бо дарназардошти он, ки мушкилоти сохтори андозбандӣ ҳар қадар ба хароҷоти молиявӣ дахл дошта бошад, ҳамон қадар ба андоз дахл дорад. Ин мафҳумҳо дар аксар маврид ба ҳам омехта карда мешаванд. Ба

---

[11] Иброхимов И.Р. Налогово-бюджетное регулирование экономики Таджикистана: автореф. дис. .. канд. экон. наук: 08.00.05/ И.Р. Иброхимов. – Душанбе, 2006. – 24с. – С.16.

ақидаи мо, сиёсати андоз ин таркиби сиёсати фискалии Кейнс мебошад, яъне ташаккули қисми даромади буҷет дар асоси эҳтиёҷоти қисми хароҷоти буҷет ва сиёсати андоз ин ташаккул додани буҷет дар асоси имкониятҳои андозсупорандагон ва принсипи ҳавасмандкунандаи рушди иқтисодии таъминот мебошад. Аз нигоҳи мо, шакли охир дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар мақбул аст.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати фискалии фаъол нисбат ба сиёсати ғайрифаъол афзалият дорад. Бо дарназардошти он, ки дар соли 2023 ҷумҳурии мо ба бисту панҷ кишвари камбизоаттарин мансуб дониста аст[12], аммо сохтори андозбандӣ ба мисли кишварҳои пешрафта мебошад. Таъмин намудани давлат бо захираҳои молиявӣ асосан аз ҳисоби азнавтақсимкунӣ, яъне қисми дороиҳои амволии субъектҳои хоҷагидор амалӣ карда мешавад. Ба ақидаи мо, танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна асоси ташаккул додани шаклҳои нави хоҷагидорӣ буда, бо дарназардошти ба эътибор гирифтани хусусиятҳои минтақавӣ таъсирбахш баромад мекунад. Маҳз ҳамин ҷиҳат, аз як тараф шароити баланд бардоштани нақши вазифаи фискалӣ, ва аз тарафи дигар таъминоти муттасили давлат бо захираҳои молиявӣ ҳамчун заминаи амал намудани низоми андоз ба ҳисоб меравад. Чунин ҳолат имкониятеро фароҳам меорад, ки хароҷоти буҷаро пӯшонида, аз ҷониби дигар, рушди фаъолияти субъектҳои соҳибкориро маҳдуд намояд ва ба вусъати камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд. Ҳавасмандгардонӣ метавонад рушди эҳтиёҷоти истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ (соҳаи ғайриистеҳсолӣ, маориф, илм, фарҳанг ва ғайра) ва паст кардани сатҳи камбизоатиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд.

---

[12]Самые бедные страны в мире: https://iworld.com/ru/blog/poorest-countries

Ҳавасмандии иқтисодии амалҳои шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ тавассути ҳавасмандгардонӣ ё ҷазодиҳӣ як зуҳуроти вазифаи ҳавасмандкунии андозҳо мебошанд. Азнавтақсимкунии самаранок ба беҳтарсозии мусодира ва тақсими қисми амвол бо ифодаи пулӣ дар самтҳои паҳлӯи хароҷоти буҷа оварда мерасонад, яъне сиёсати молиявӣ ба муассисаҳои сиёсиву иҷтимоии давлат хизмат мекунад. Ҳамин тариқ, дар ислоҳоти низоми андоз ба ғайр аз вазифаҳои фискалӣ ва азнавтақсимкунӣ, бояд функсияи ҳавасмандгардонӣ дар ислоҳоти низоми андозӣ тибқи усулҳои идоракунии он ба назар гирифта шавад (ниг. ба расми 1).




**Расми 1.1. – Қоидаҳо ва фишангҳои идораи низоми андоз**

***Сарчашма: Таҳияи муаллиф.***

Тавре аз расми 1.1 бар меояд, усулҳои идоракунии низоми андоз дар маҷмӯъ аз ҳамкории андозсупорандагону давлат, принсипҳои ташаккули самараноки низоми андоз ва мавқеъи миёнавии андозбандӣ, вобаста ба муносибатҳои шакл ва усулҳои фаъолияти иқтисодӣ, иборат мебошад. Ҳар яке аз қисмҳои номбаршуда дар худ зерқисмҳоро дар бар мегиранд, ки риояи пайдарпайии онҳо ба самаранокии идоракунии низоми андоз оварда мерасонад. Яке аз қисмаҳои дар расм овардашуда ин принсипҳои ташаккули самараноки низоми андоз мебошад. Принсипҳои андозбандӣ ин муқаррароти муҳим буда, асоси базавӣ ба мақсаднокӣ ва баҳодиҳии андозҳо ҳамчун падидаи иқтисодӣ мебошанд. Бинобар ин, ба эътибор гирифтани хусусиятҳои минтақавӣ асоси риояи қоидаҳои андоз ва ифодакунандаи самаранокии идоракунии низоми андоз мебошад.

Дар кишварҳои пешрафта ва кишварҳои ИДМ принсипҳои асосии андозбандии яккаратӣ, андозбандии яккхела, адолат ва мусоид будан, принсипҳои сарфакорӣ, субот ва устувории андоз истифода мешаванд.

Мувофиқи принсипи адолати уфуқӣ, шахсоне, ки дар ҳолати нобаробар қарор доранд, бояд дар ҳолати нобаробари андоз қарор дошта бошанд, яъне ҳама бояд ҳамон андозро пардохт кунанд (принсипи пардохтпазирӣ). Андозҳо бояд дар байни ҳамаи шаҳрвандон баробар тақсим карда шаванд. Тибқи принсипи адолати амудӣ, шахсоне, ки дар мавқеи нобаробар ҳастанд, бояд дар нобаробарии андоз бошанд. Аммо то чӣ андоза одилона будани принсипи фоидаҳо аз ба куҷо сарф шудани маблағҳои давлатии аз андоз ба дастоянда вобаста аст.

Принсипи классикии адолат нишон медиҳад, ки бо андозбандии мутаносиб пардохткунандаи сарватманд нисбат ба пардохткунандаи камсарват қисми бештари даромади худро ҳамчун андоз месупорад. Ин иқтисоди пешниҳодҳоро ҳавасманд намекунад ва аз ин рӯ андоз бояд бештар бетараф бошад.

Ба ғайр аз принсипҳои дар боло зикршудаи андозбандӣ, мо принсипҳои осонӣ, дастрасӣ, ҳудудӣ ва иқоматиро (резидентӣ) низ пешниҳод менамоем. Фарқи байни принсипи адолат ва осонӣ дар он аст, ки адолатро ҳамчун сатҳи баланди андозҳои иҷтимоӣ ва миқёси прогрессивии андоз аз даромад ва сатҳи баланди он фаҳмидан мумкин аст. Ғайр аз ин, адолати андозбандии уфуқӣ ва амудиро ҷудо мекунанд. Ба ақидаи Р.Т. Ҷабборов "принсипи резидентӣ барои кишварҳои тараққикарда фоидаовар аст, ки шаҳрвандонашон аз фаъолият ва тақсимоти сармоя берун аз кишварашон даромадҳои зиёд ба даст меоранд ва барои кишварҳое, ки дар иқтисодиёт сармоягузориҳои хориҷӣ ҷои муҳимро ишғол мекунанд, принсипи ҳудудияти андозбандӣ манфиатовар аст, ки новобаста ба миллат ва мақоми ҳуқуқи аз даромади дар ин ҳудуд бадастоварда андоз ситонида мешавад, аз даромади дар хориҷа ба даст овардаи шаҳрвандони худӣ бошад, андозаситонида намешавад”[13]. Ба назари мо, тибқи принсипи мазкур дастарсӣ маънои имконпазирии пардохти андозро дорад. Резидентӣ будан даромадест, ки андозсупоранда дар қаламрави ин кишвар ва дар хориҷи кишвар гирифтааст ва андози онро месупорад. Принсипи ҳудудият маънои паардохти андозеро дар назар дорад, ки андозсупоранда дар ҳудуди ҳамин кишвар ба даст овардааст.

Ҳамин тариқ, ҳама амалҳои ҳукумат ба тағйирёбии даромад ва тағйирёбии ҳавасмандкунӣ ба агентҳо оварда мерасонанд. Ба назар гирифтани принсипҳои ҳудудият ва резидентӣ имкон медиҳад, ки қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода шаванд. Татбиқи усулҳои танзими давлатии андоз ба сиёсат ва принсипҳои иқтисоди бозорӣ мухолиф нест. Баръакс, он як унсури органикӣ аз иқтисоди бозаргонии мутамаддин аст. Таҷрибаи кишварҳои

---

[13] Джаббаров Р.Т. Направления налогового регулирования в Таджикистане / Р.Т. Джаборов. – Душанбе: Конуният, 2002. - С.44

тараққикарда нишон медиҳад, ки он давлатҳое, ки моделҳои кейнсиании танзими давлатиро истифода мебаранд, дар навбати аввал ба сиёсати чандири андоз асос ёфтаанд ва муваффақиятҳои бузург ба даст меоранд. Таъмини тағйирпазирии андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди минбаъдаи иқтисодӣ мусоидат хоҳад кард.

**Хулосаи зербоби 1.1**

Бо дида баромадани асосоҳои назариявии танзими давлатии низоми андоз ва таваҷҷуҳ намудан ба хусусиятҳои минтақавии он маълум гардид, ки андоз ҳамчун категорияи азнавтақсимкунандаи даромади умумӣ барои таъмини устувории буҷети давлатӣ дар заминаи дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ ба шумор меравад. Маълум гардид, ки коркарди низоми андоз дар асоси муносибати комплексӣ бо дарназардошти ба эътибор гирифтани хусусиятҳои минтақавии он муайянкунада мебошад. Ба ин масъала аз ҷониби намояндагони мактабҳои иқтисодӣ таваҷҷуҳи махсусзоҳир карда мешавад. Аз ҷумла, тибқи назарияи классикии А. Смит ба сифати принсипҳои иқтисодии ташаккули низоми андоз мустақилияти хоҷагӣ, қонунияти андоз, арзонии андози ситондашаванда ва баробарии гаронии андоз дар ташаккул додани низоми андоз ва таъмини танзими давлатии он татбиқ карда мешавад. Бо мурури вақт, чунин муносибатҳо характери асоснокии илмӣ гирифта, барои баланд бардоштани мақоми танзими андоз дар рушди соҳибкорӣ ҳамчун омили таъсиррасон ба миён омадаанд. Аз ҷумла, тибқи ақидаи М. Фридмен барои низоми андоз дигаргуниҳои вақтӣ ва арзёбӣ намудани онҳо зарур буда, маҳз дар ҳамин замина, механизми фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар мавриди татбиқи сиёсати андоз самаранок мебошад. Ҳамзамон, маълум гардид, ки дар ҳолати ташаккулёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дураномо ва чораҳои пешгирии

зуҳуроти буҳронӣ дар самти танзими андоз бо ҷалби сиёсати монетарӣ ва риояи қоидаҳои андозбандӣ муҳим мебошанд.

Дар рафти таҳқиқ ва омӯзиши асосоҳои назариявии танзими давлатии низоми андоз ва муайян кардани хусусиятҳои минтақавӣ маълум гардид, ки маҷмӯи шароит ва омилҳо ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ таъсир расонида, дар ин раванд ба эътибор гирифтани назарияи институтсионалӣ муайянкунанда мебошад. Дар ин раванд, моҳияти андозҳо аз қабили хароҷотҳои маъмурикунонии андоз мебошанд. Дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидор тақвият пайдо намудани он, бо дарназардошти содагардонии андозбандии онҳо ба омили таъсиррасон, ба монанди кам кардани фоиданокӣ, пешгирӣ ва назорати манбаи андозбандӣ, инчунин натиҷаҳои молиявӣ аз рӯйи сохтори амалиётҳо ба омили рушд ва танзим табдил меёбанд.

Дар баробари олимони хориҷӣ маълум карда шуд, ки мавқеи олимони ватанӣ дар самти паст кардани гаронии андози корхонаҳои истеҳсолӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ, васеъ кардаи бозори коғазҳои қиматнок ҳамчун омили таъсиррасон дар танзими низоми андоз ва муносибатҳои андозӣ, назаррас мебошад. Вобаста ба ин, таърифи муаллифии низоми андоз коркард ва пешниҳод карда шуд.

Ҳамин тавр маълум карда шуд, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон зарарute дар пеш меистад, ки ба эътибор гирифтани хусусиятҳои минтақавӣ дар самти истифода бурдани таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои дар ҳолати рушд қарордошта ба ҳисоб гирифта шавад. Маълум карда шуд, ки кишварҳо асосан аз ҳисоби азнавтақсимкунии даромадҳо ва дороиҳои амволии субъектҳои хоҷагидор усутвории танзими муносибатҳои андозиро таъмин гардонида, бо инкишоф додани низомии андоз рушди нишондиҳандаҳои

макроиқтисодиро ба роҳ мемонад. Чунки бо баланд бардоштани нақши сиёсати андозӣ устувории манбаи андоз таъмин гардида, бо пушонидани хароҷотҳои буҷетӣ ва иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ имкониятҳои татбиқи ҳадафҳои стратегии миллиро фароҳам меоранд.

## 1.2. Субъектҳои соҳибкории хурду миёна ҳамчун объекти андозбандӣ

Дар ташаккул ёфтани иқтидори молиявӣ андоз омили муайянкунада мебошад. Бинобар инин, омӯзиши андозбандӣ дар пешбурди фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна заминаи молиявиро ба амал оварда, ин масъала тибқи қонунгузории соҳавӣ мақоми махсусро дар бар мегирад. Аз ҷумла, тибқи талаботи қонунгузорӣ "соҳибкорӣ - фаъолияти мустақили ба таваккал амалишавандаи шахсони бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифташудае, ки барои ба даст овардани фоида аз истифодаи молу мулк, истеҳсол, фурӯши мол (иҷрои кор ё хизматрасонӣ) равона шудааст".[14]

Субъектҳои соҳибкории хурд тибқи муқаррарот аз рӯйи патент ва шаҳодатнома фаъолият менамоянд. Субъектҳои соҳибкории тибқи патент фаъолияткунанда аз рӯйи ӯҳдадорӣ ба супоридани андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ мавқеъ доранд. Субъектҳои соҳибкории хурд, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият менамоянд, ҳамзамон ба соҳибкорони инфиродӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ҷудо карда мешаванд, онҳо бо тариқи тафриқавӣ аз рӯйӣ хусусияти фаъолият супорандаи андози иҷтимоӣ, андоз тибқи низоми содакардашуда ва андози ягонаи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ мебошанд.

Субъектҳои соҳибкории миёна тибқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун шахсони ҳуқуқӣ баромад карда, аз рӯйи

[14] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ" аз 2.01.2020, № 1684. – С.1.

даромади солона, ки “дар 12 моҳи пайдарпайи (муттасили) тақвимии гузашта аз 1 000 000 (як миллион) сомонӣ то 25 000 000 (бисту панҷ миллион) сомонӣ мебошад”[15], тибқи низоми содакардашуда, андозбандӣ карда мешаванд.

Дар мавриди таҳқиқ намудани танзими давлатии субъектҳои соҳибкории хурду миёна ҳамчун объекти андозбандӣ маълум мегардад, ки масъалаи мазкур бевосита аз рӯйи таносуби тавозуни маҷмӯи талабот ва пешниҳод, пасандоз ва истеъмол, тавозуни пардохт бар меояд. Дар ин раванд, донисти гирифтани тавозуни иқтисодӣ ва истифода бурдани он муайянкунанда ҳисобида мешавад.

Аз ақидаи О. Курно[16] мушоҳида мегардад, ки таъсири аксиз ба нархи маҳсулот дар таҳлил намудани муносибатҳои андозбандӣ ва таъсири он ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ зарур мебошад. Дар ҳақиқат, андозҳои аксизӣ ва ААИ ба категорияи молиявии андозҳои ғайримустақим тааллуқ дошта, дар ташаккул ёфтани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, аз қабили ММД ҳиссаи назаррас дорад. Аз ин лиҳоз дар асоси натиҷаҳои таҳқиқотӣ А.Маршалл[17] ба хулосае меояд, ки қонуниятро дар ин самт пешниҳод намояд, аз ҷумла, ошкор гардид, ки таъсири аксиз ба "камшавии зиёди истеҳсолот, болоравии назарраси нархҳо ва талафоти зиёди истеъмолкунандагон" оварда мерасонад.

Ҳамин тариқ, дар раванди таҳқиқ А. Маршалл яке аз аввалинҳо шуда, фарқияти макроиқтисодро дар муқоиса бо микроиқтисод пешниҳод намуд, аз ҷумла, истифода бурдани чунин мафҳумҳо аз қабили пул, давраҳои корӣ ва афзоиши ҳосилнокии меҳнат, ки онҳо дар самти

[15] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С.34.
[16] Coournot A. Researches into the mathematical Principles of the Theory of Wealth. Translated by Bacon. New York, 1897.
[17] Marshall A. Principles of economics. L.: 9th Variorum edition, edition with a volume of notes by C. Guillebaud, 1961 p483-484

дарки моҳият ва аҳаммияти сиёсати андоз нишондиҳандаҳои муҳим ба шумор мераванд.

Намояндаи дигари илми иқтисод Ҷ.М. Кейнс чунин қайд менамояд, ки "постулатҳои назарияи классикӣ на ба ҳолатҳои умумӣ, балки танҳо ба шароити махсус татбиқ карда мешаванд, зеро вазъи иқтисодии он танҳо як вазъи маҳдудкунандаи ҳолати имконпазири мувозинат аст." [18] Дар ин асос, низоми бозори озод механизми дохилӣ ба шумор рафта, дар ин замина мувозинати макроиқтисодиро таъмин менамояд. Дар ин замина шароите ба амал меояд, ки нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар ҳолати рушд қарор дошта, заминаи устувори андозбандиро ба миён меорад.

Ба ақидаи Ҷ.М. Кейнс, чунин алоқамандӣ дар байни нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ амал мекунанд ва аз рӯйи он маълум мегардад, ки номутавозинии байни пасандозҳо ва сармоягузориҳои пешбинишуда пастравии фаъолнокии соҳибкориро ба миён оварда, дар навбати худ равандҳои таваррумро тақвият медиҳанд ва чунин дар ниҳояти кор ба сатҳи бекорӣ таъсир мерасонад. Аз назарияи мазкур маълум мегардад, ки тағйирот дар захираҳои умумии молҳои истеъмолӣ ва сармоягузорӣ асосан ба сатҳи истеҳсолот ва шуғл таъсир мерасонанд. Бинобар ин, аз рӯйи ақидаи Кейнсионӣ он дахолати фаъоли давлатро ба иқтисодиёт тавассути сиёсати молиявии ихтиёрӣ ҳамчун шароити устуворӣ молиявӣ таъмин мегардонад. Вобаста ба чунин асос, суботи молиявӣ яке аз ҷузъҳои тавозуни иқтисодӣ ба шумор рафта, дар ин замина рушди иқтисодӣ аз бисёр ҷиҳат ба суботи молиявӣ вобаста мегардад. Ҳамин тавр, низоми таъсирбахши андоз ҳолатҳоеро ба амал меорад, ки онҳо дар заминаи танзимкунонӣ, ташаккулёбӣ ва истифодаи даромадҳоро бо дарназардошти транзаксия, тақсим ва азнав

[18] Кейнс Дж. М. Избранные произведения. М.: Экономика, 1993 – 224с.

тқсимкунонии даромад барои рушди иқтисоди миллӣ таъмин мегардонанд.

Дар шароити муосири рушди илми иқтисодӣ ва тақвият додани иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурате ба миён омадааст, ки равияҳои нави ташаккули сиёсати андози илман асоснокшуда ва консептуалӣ бо дарназардошти ҷаҳонбинии он амалӣ гардонида шавад. Имрӯзҳо, дар доираи консепсияҳои илмии иқтисодии ҷаҳонӣ, консепсияи талаботи самаранок ҳамчун ҷузъи таркибии назарияи макроиқтисодӣ барои рушди низоми танзими давлатии субъектҳои соҳибкории хурду миёна ҳамчун объекти андозбандӣ дар таъмини рушди иқтисоди миллӣ аз назари мо хело зарур мебошад, ки аз ҷониби иқтисоддони шинохтаи англис Ҷон Мейнард Кейн пешбарӣ, таҳия ва асоснок карда шудааст.

Равияи консепсияи талаботи самаранок дар шароити муосир тавассути истифодаи методологияи назарияи иқтисодӣ ба таври қатъӣ амал менамояд. Механизми ташаккул ва татбиқи талаботи самаранок ба таври васеъ ҳамчун заминаи хеле таъсирбахши рушди иқтисодии миллӣ мақоми ҳалкунанда пайдо кардааст. Масалан, бо истифода аз нишондиҳандаҳои динамикии талаботи самаранок, тамоюлҳои дигаргуншавии муносибатҳои бозориро дар давраи гузариш пешгӯӣ кардан мумкин аст. Дар ин раванд, имкониятҳои таҳлили алоқамандии маҷмӯи талабот ва пешниҳод ба амал омада, дар ин замина хусусиятҳои объективии тавозуни макроиқтисодӣ муайян карда мешавад. Бо амал намудани чорабиниҳои танзими давлатии макроиқтисодиёт, аксари муаммоҳои ҷойдоштаи назариявию амалӣ ҳалли худро пайдо мекунанд. Дар робита ба ин, истифодабарӣ аз ақидаи монетаризми М. Фридман хеле муҳим мебошад. Тибқи ақидаи мазкур, ки дар он бозорҳои фарзиявӣ рақобаткунанда мебошанд ва низоми бозор ба мувозинати макроиқтисодӣ ноил мешавад. Қайд кардан бамаврид аст, ки мантиқи

чунин муносибат пештар низ аз ҷониби иқтисодчии англис А. Смит ҳамчун «принсипи дасти ноаён» пешниҳод шуда буд. Мазмун ва мундариҷаи моҳияти мафҳуми "монетаристҳо" танзими ҳаҷми пешниҳоди пул бо мақсади мӯътадил сохтани бозори миллӣ ва дар ҳадди аққал дахолати давлат ба худтанзимкунӣ дар бозор мебошад. Бинобар ин, мувофиқ ба назари монетаристҳо, давлат танҳо сиёсати фискалии ғайрисиёсиро ба роҳ мемонад. Қайд кардан бамаврид аст, ки хусусияти умумии иқтисодии давраи гузариш ба бозор ин истифодаи алтернативаҳо: маъмурӣ ва бозорӣ ба шумор рафта, бо мақсади таъмини мувозинат шаклҳо ва усулҳои идоракуниро дарбар мегиранд. Дар ҳолати номутобиқатӣ механизми иқтисодӣ муносибатҳои ҷомеаи гузаришро бевосита инъикос намуда, дар баъзе ҳолатҳо зарурате ба амал меояд, ки ҳадаферо бо роҳҳои гуногун, баъзан номувофиқ амалӣ гардонад.

Тибқи ақидаи Ҷ. Кейнс, механизми бозорӣ имконияти иқтисодиётро аз ҳолати нобаробарӣ баровардан надорад. Дар ин раванд, зарурате ҷой дорад, ки тибқи он барои танзими маҷмӯи талаботи муайянкунандаи ҳаҷми истеҳсолот ва шуғл дар иқтисодиёти миллӣ муҳим будани дахолат ба амал меояд. Таҷрибаи бозорӣ нишон медиҳад, ки воситаи асосии танзими макроиқтисодӣ ин сиёсати иқтисодии давлат мебошад, аз ҷумла, вазифаҳои танзимкунанда дар рушди иқтисоди миллӣ тибқи сиёсати андоз ба роҳ монда мешаванд. Ҳамзамон қайд кардан мумкин аст, ки мақоми сиёсати иқтисодии давлат дар иқтисоди давраи гузариш ба таври назаррас баланд мегардад. Зеро ниҳодҳои бозорӣ ва шаклҳои он дар иқтисодиёти давраи гузариш дар марҳилаи ибтидоии худ характери институтсионалӣ мегирад.

Дар низоми нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дигаргуншавии шуғл ва маҳсулоти миллӣ ҳамчун омилҳои тағйирёбии дараҷаи сармоягузории соф баромад мекунад. Чи тавре маълум аст, сатҳи мувозинати даромади

миллӣ дар алоқамандӣ бо пасандозҳо ва сармоягузориҳо амал мекунанд. Тибқи ақидаи П. Самуэлсон “дар мавриди ҳаракати доимии худ, амалҳои соҳибкорон бояд субъекти иқтисодиро ба сатҳи мутавозин баргардонанд”.[19] Яъне, бо тағйир ёфтани даромади миллӣ, мувофиқан барои дарёфти нақтаи мувозинат майл пайдо мекунад. Чунин ҳолат асоси танзими нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ба шумор рафта, дар доираи алоқамандии байни истеъмоли зиёд ва сармоягузории баланд, суботи молиявӣ ва тавозуни иқтисодӣ таъмин карда мешавад. Дар ин самт ба эътибор гирифтани мавқеи назариявии муносибатҳои бозорӣ ва рушди макроиқтисодӣ хеле зарур мебошад. Дар робита ба ин, муносибати классикӣ манбаи ноустувории бозорро дар сохтори бозории макроиқтисодӣ шарҳ медиҳад. Ҳамзамон, дар сиёсати макроиқтисодӣ бошад, ин як воситаи бартараф кардани номувозинатӣ мебошад. Имрӯзҳо, маҳз макроиқтисодиёт аз нигоҳи дохилӣ , бо дарназардошти тағйирот дар сиёсати макроиқтисодӣ дар алоқамандӣ бо омӯзиш ва таҳлили параметрҳои умумииқтисодӣ муътадил ҳисобида мешавад.

Дар шароити кунунӣ тақвият додани ислоҳоти низоми молияи давлатӣ яке аз чорабиниҳои муҳими Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, дар алоқамандӣ бо татбиқ намудани ҳадафҳои стратегияи миллии рушд, давраи сифатан нави сиёсати фискалӣ амалӣ гардида истодааст. Татбиқи чунин чорабиниҳо аз ҳавасмандгардонии сохтори маблағгузории буҷет, ҷалб ва танзими сармоягузориҳои хориҷӣ, васеъ кардани иқтидори иқтисодии дохилии давлат ва дар ин замина афзоиш ёфтани ҳаҷм ва андозаи манбаи андозбандӣ ба шумор меравад, ки он ба татбиқи сиёсати воридотивазкунанда ва тақвият додани иқтидори сармоягузории дохилию хориҷӣ мусоидат менамояд.

---

[19] Самуэльсон П. Экономика -М.: Прогресс, 1964 - С.276-277.

Аз назари мо, сиёсати ҷории макроиқтисодӣ ва ислоҳоти сохторӣ зарурaтеро ба миён овардаанд, ки аз ҷониби ниҳодҳои молиявӣ, ҷиҳати сафарбар намудани захираҳо дар самти коркарди ашёи хоми ватанӣ ва устутвор гардонидани вазъи молиявии субъектҳои соҳибкории хурд, ҳамчун объекти андозбандӣ хоҷагидорон ҳавасманд гардонида шаванд. Чунки дар ин замина, бо роҳи бартараф намудани камомади касри буҷа, сармояи умумӣ имкониятеро фароҳам меорад, ки субъектҳои хоҷагидор, аз ҷумла фаъолияти соҳибкорӣ заминаи андозбандиро устувор гардонида, барои танзим ва устувории молиявӣ шароитҳои мусоидро фароҳам оваранд. Бинобар ин, дар раванди таҳқиқот ба арзёбӣ намудани хусусиятҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна ҳамчун объекти андозбандӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардид. Соҳибкории хурду миёна бо дарназардошти режими андозбандӣ пеш аз ҳама, заминаи ташаккул ёфтани хусусиятҳои хоси объекти андозбандӣ баромад мекунанд. Дар ин ҷода, хусусиятҳои асосии эҳёгардии соҳибкории истеҳсолии хурд дар ҷумҳурӣ пеш аз ҳама ба равандҳои иҷтимоию иқтисодии давраи гузариш вобастагӣ дошта, бо дарназардошти низоми идоракунии бозорӣ ба ташаккулёбии муҳити беруна ва дохилии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ алоқамандии зич доранд.

Яке аз чунин равандҳо дар робита ба унсурҳои таркибии бозорӣ барқароршавии иқтисоди омехта мебошад. Хусусияти ин раванд дар бисёр ҳолат аз рафтори субъектҳои бозор, рақобат, дигаргуниҳои миқдорӣ ва сифатии молу хизматҳо ва ғайраҳо алоқаманд мебошад, яъне дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин низом ба сифати омили ташаккулёбии механизмҳои асосии институтсионалӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ истифода мегарданд, ки ба таври мушаххас чунин ҳолат ба чунин чорабиниҳо, ба монанди хусусигардонии корхонаҳои

давлатӣ дар марҳилаи аввал, таъмини озодии шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва ба роҳ мондани идоракунии муфиди иқтисодиёт асос меёбанд. Аз назари мо, чунин ислоҳот дар кишвар - муайян намудани ҳолатҳои камшавии даромади аҳолӣ ва талаботи ниҳоиро ба вуҷуд овард. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ин раванд натиҷаи озодкунии иқтисодиёт ва дастгирии давлати рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна, бо дарназардошти имтиёзу сабукиҳо, барои рушди бахшҳои воқеӣ ҳамчун шароит ва омили таъсирбахш баромад намуд.

Тақвият ёфтани субъектҳои соҳибкории хурд ҳамчун объекти андозбандӣ барои аксарияти кишварҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарурати арзёбии татбиқи маъмурикунонии андозрохеле ба миён овардааст. Ин раванд нишондиҳандаи ҳаҷми воридоти андозиро ба буҷет ҳамчун объекти андозбандӣ, дар заминаи диверсификатсияи молу хизматҳо васеъ кардани манбаи андоз, дар бар мегирад. Ҳамзамон чунин таҷриба, бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи самаранокии фаъолияти муносибатҳои андозӣ, имконияти ба роҳ мондани арзёбии низоми маъмурикунонии андозро инъикос менамояд. Ин заминаи баланд бардоштани самаранокии низоми андоз ва омили асосии бартараф намудани таъсири бӯҳронҳо дар раванди нишондиҳандаҳои таъмини рушди иқтисоди миллӣ мебошад.

Дар ин самт, сафарбар намудани имкониятҳо барои баромадан аз бӯҳрони амиқи молиявӣ, ҳамзамон ҳалли масъалаҳои қонунвайронкуниҳои андозӣ ва баланд бардоштани самаранокии манбаҳои ғайриандозии даромад ба давлат асоснок пешбинӣ мегарданд. Тибқи муқаррароти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 “Таъмини афзоиши иқтисодии фарогир, босубот ва устувор вазифаи муҳими рушди дарозмуҳлат маҳсуб

меёбад”.[20] Аз инҷо, бо сафарбар намудани имкониятҳо, ҷиҳати муҳими дигар ин ба танзим даровардани низоми андоз дар асоси фишангҳои танзими давлатии андозӣ мебошад. Ба андешаи мо, маҷмӯи меъёрҳои самаранокии низоми андоз дар шароити имрӯза бо пуррагӣ имкон намедиҳанд, ки низоми муфиди тақсимоти баробарарзишро муайян намоем. Қайд кардан бамаврид аст, ки Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон айни ҳол санади муҳими танзими муносибатҳои молиявии субъектҳои хоҷагидор мебошад, ки бо дарназардошти тағйир ёфтани таносуби элементҳои муносибатҳои андозбандӣ, он барои рушди нишондиҳандаҳои молиявии субъектҳои соҳибкории хурду миёна ҳамчун объекти андозбандӣ шароит фароҳам оварда, ҳамчун омили танзими давлатии таъмини суботи даромадҳо дар сатҳи микро ва макриқтисодӣ баромад мекунад. Масъалаи мазкур, дар шароити рақамикунонӣ ва равандаҳои маъмурикунонии андозбандӣ, аҳаммияти махсусро дар бар мегирад. Ба ақидаи И.Р. Иброҳимзода ва А.Б. Мирсаидов “бо мақсади аз байн бурдани омилҳои фардӣ ва дахолати беасос ба фаъолияти субъекҳои соҳибкорӣ дар кодекси нав тартиби муосири хизматрасонӣ, такмили низоми корҳои назоратӣ, системаи муттаҳидаи иттилоотии андоз оид ба баҳисобгирӣ, назорат ва мониторинги амалиётҳо, сода намудани расмиёти андозбандӣ ва мубодилаи электронии иттилоот пешбинӣ карда шуд”.[21] Аз инҷо маълум мегардад, ки масъалаи самаранок ба роҳ мондани таъмини мувозинатӣ маҷмӯи даромаду таклифоти молиявӣ характери комплексӣ гирифта, бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавӣ, алалхусус дар шароити Ҷумуҳурии Тоҷикистон, ба яке аз масъалаҳои муҳими татбиқи ислоҳоти андоз дар самти рушди

---

[20] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – 104с. – С.67.

[21] Иброҳимзода И.Р., Мирсаидов А.Б. Рушди низоми молиявию бонкии кишвар дар 31-соли истиқлолияти давлатӣ / И.Р. Иброҳимзода, А.Б. Мирсаидов//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.-Душанбе, 2022. - №8. – С. 85-87.

соҳибкорӣ табдил ёфтааст. Аз назари мо, омӯзиш ва татбиқи ҳолати мазкур ба арзёбӣ намудани хусусияти давраи гузариш вобаста мебошад, яъне бо тақвият ёфтани устувории молиявии субъектҳои хоҷагидор ва васеъ шудани манбаи андозбандӣ нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ бо дарназардошти ҳавасмандгардониҳо дар оянда тақвият ёфта, механизми истифодабарии усулҳои идораи низоми андоз дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин мегардонад.

Ҳамзамон, қайд кардан бамаврид аст, ки усулҳои идораи низоми андоз аз ҷониби намояндагони мактаби иқтисодӣ махсусан таъкид гардидааст, аз ҷумла чи тавре А. Лаффер ва дигарон қайд намудаанд: “назорати зиёд дар ситонидани даромадҳои андозсупорандагон ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ, иқтисодиёт ва буҷети давлат таъсири манфӣ мерасонад”.[22] Аз инҷо, дар доираи тақсим гардидани андозҳо ба мустақиму ғайримустақим, мақоми илмии суботи молиявӣ бартарӣ ва норасоиҳои онҳоро ба эътибор гирифта, дар ташаккул додани низоми андоз ва баланд бардоштани мақоми сиёсати андозбандӣ дар таъмини рушди субъектҳои соҳибкории хурд ҳамчун объекти андозбандӣ аҳаммияти калон доранд. Дар ин хусус, олимони ватанӣ Л.Ҳ. Саидмуродов ва В.А. Сабуров қайд намудаанд, ки ҳангоми аниқ гардонидани стратегияи сиёсати андози минтақавӣ “доираи андозҳоеро, ки ба салоҳияти мақомотҳои минтақавӣ дохил мешаванд, зарурати васеъ намудани салоҳияти онҳоро дар бар мегирад”.[23] Бинобар ин, дар робита ба ақидаи мазкур қайд кардан бамаврид аст, ки вазифаҳои сиёсати андоз дар минтақа бо таъмини самтҳои стратегии рушд ва инъикоси вазифаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо дар давраи муайян аз рушди

---

[22] Лаффер А. Экономическая теория уклонения от налогов. Москва, 2010.-250с. – С.25.
[23] Саидмуродов Л.Х., Сабуров В.Д. Налоговый потенциал региона и региональная система налогового администрирования: механизмы и инструменты управления. Монография / Л.Х. Саидмуродов, В.Д. Сабуров. – Душанбе: «Матбуоти Уротеппа», 2020, – 176с. – С. 24-25.

субъектҳои соҳибкории хурд ҳамчун объекти андозбандӣ вобаста мебошад.

Аз инҷо, шароитҳои ташаккулёбии манбаи андозбандӣ тавре ба эътибор гирифта шавад, ки вобаста ба сатҳи рушди иқтисоди миллӣ алоқамандии фоизнокии гаронии андоз ва фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар робита ба танзими давлатии манфиатҳои андозбандӣ дар минтақаҳои алоҳида муайянкунанда ба шумор меравад. Тибқи ақидаи олимони ватани С. Маъдиев ва У.М. Воҳидов "ҳар кишвар ба қадри имкону иқтидори иқтисодиёташ барои худ сатҳи гаронии андозро муайян менамояд".[24] Аз инҷо, меъёрҳои таъмини устувории муносибатҳои андозӣ ҳамчун замина бояд ба тақвият додани нерӯи иқтисодӣ, васеъ кардани манбаи андоз ва тамини суботи молиявӣ равона карда шаванд.

Имрӯзҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли масъалаи мазкур аз он ҷиҳат муҳим мебошад, ки бесуботии кунунии молиявии ҷумҳурӣ оқибати сиёсати иқтисодии имрӯзаро дар бар мегирад. Бинобар ин, дар мавриди ба эътибор гирифтани ақидаи назари коршиносону иқтисоддонҳо дар рушду такмил ёфтани низоми андозбандӣ, ташаккул ёфтани субъектҳои соҳибкории хурд ҳамчун объекти андозбандӣ ба сифати омили таъсирбахш дар рушди иқтисод баромад мекунад. аз ин лиҳоз, ба андешаи мо зарурате дар пеш меистад, ки рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар доираи самаранок ба роҳ мондани истифодаи фишангҳои танзими давлатӣ мавриди истифода қарор дода шавад.

Ҳамин тавр, доир ба натиҷаи таҳлили механизмҳои гуногуни тақсимоти молиявӣ аз нигоҳи андоз қайд кардан бамаврид аст, ки маҷмӯи меъёрҳои ташкилию ҳуқуқии таъмини самаранокии низоми

---

[24] Маъдиев С., Воҳидов У.М. Усулҳои оморию иқтисодии идоракунии гаронии андоз дар сатҳи корхона. Монография / С. Маъдиев, У.М. Воҳидов. – Душанбе, - 2019. – 120с. – С.36.

андоз дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз баробарсозии шароитҳои таъмини низоми андозбандӣ, шаффоф ва соддагардонӣ вобаста буда, бо дарназардошти танзимкунии андоз омили рушд ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд истифодаи механизми идоракунии низоми андоз имкониятҳоеро фароҳам меорад, ки бо дарназардошти риояи принсипҳои андозбандӣ, мавқеъи миёнавии андозбандӣ вобаста ба муносибатҳои шакл ва усулҳои фаъолияти иқтисодӣ тақвият меёбад. Инчунин мувозинати даромадҳо ва хароҷотҳоро бо мақсади таъмини самаранокии истифодаи хароҷотҳо сафарбар менамояд.

Чунин тарзи масъалагузорӣ бевосита аз ҳадафҳои стратегӣ замина гирифта, иҷрои вазифаҳои давлатиро дар робита бо ҳавасмандгардонии андозӣ фароҳам меоранд. Таъмини суботи иқтисоди миллӣ бояд дар заминаи низоми андоз мавриди истифодабарӣ қарор гирад. Дар мавриди таъмини ҳамоҳангсозии нишондиҳандаҳои буҷаи сатҳҳои гуногун, сафабар намудани комплексии унсурҳои андозӣ барои таъмини манбаи андоз ҳамчун фишанги идоракунӣ баромад мекунанд. Бинобар ин, рушди фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна ҳамчун объекти андозбандӣ, бояд бо назардошти вазифаҳои мушаххаси давлат, ки он тақсим ва аз нав тақсимкунии даромадҳоро амалӣ мекунад, бо дарназардошти хусусиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва табиӣ-ҷуғрофии кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он мавриди истифода қарор гиранд.

Ба ақидаи М. Искаков "бесуботии иқтисодӣ ва молиявӣ давлатро водор мекунад, ки роҳҳои нави сиёсати мутамарказ, ҳамоҳангшуда ва фарогирро ҷустуҷӯ кунанд". [25] Бинобар ин, танзими давлатии андозбандии соҳибкории хурду миёна дар доираи истифодаи самаранок ва ҳамаҷонибаи унсурҳои андозӣ механизмеро фароҳам меорад, ки ҳангоми ба эътибор гирифтани манфиатҳои муносибатҳои андозӣ

[25] Искаков М. Развитие налоговой системы Казахстана//Экономист №11, 2003.-С.79

усулҳои идоракунии низоми андоз ҳамчун омили танзимкунандаи муносибатҳои иқтисодӣ ва ташаккули низоми самараноки иқтисоди миллӣ баромад мекунанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар таъмини тавсеаи заминаи андозбандӣ, ба эътибор гирифтани сохторҳои институтсионалии идоракунии андоз ва татбиқи лоиҳаҳои барномавии онҳо аҳаммияти калон дорад. Аз ҷумла, ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, аз қабили ХБА ва БҶ бо дарназардошти талаботҳои иқтисоди рақамӣ фаъолияти худро ба роҳ монда, дар ин раванд онҳо нишондиҳандаҳои фискалӣ ва пулиро васеъ истифода менамоянд. Вобаста ба ин Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар раванди танзими фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурд ҳамчун объекти андозбандӣ аз имкониятҳои рақамикунонӣ, барои васеъ кардани манбаи андоз ва барқарорсозии иқтидори иқтисоди миллӣ, аз таҷрибаи идоракунии таҳлилии ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ васеъ истифода намояд. Аз назари мо, бо таври нав, яъне дар робита бо имкониятҳои рақамикунонӣ шароитҳое фароҳам мегарданд, ки танзими рушди иҷтимоию иқтисодии мӯътадилгардонии фаъолияти субъектҳои андозсупор, аз қабили субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ, аз якчанд омилҳо вобастагӣ пайдо менамоянд. Дар ин самт, ҳавасмандгардонии муносибатҳои бозорӣ, дастгирии фаъолияти соҳибокрӣ, сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ, таҷдиди назари меъёрҳои андоз ва ғайраҳоро ба миён меоранд. Чунки объкти андозбандӣ ин маҷмӯи муносибатҳои андозие мебошад, ки дар доираи низоми андоз амалӣ карда мешавад. Тибқи ақидаи Р.Х. Улуғхоҷаева "... низоми андоз ин маҷмӯи андозҳое мебошад, ки аз ҷониби давлат тавассути қонунҳо муқаррар карда мешаванд, ки тартиби ворид, ҳисоб, ҷамъоварӣ ва бекор кардани онҳоро танзим мекунанд.[26] Вобаста ба ин, дар таъмини

[26] Улугходжаева Х.Р. Налоги и налогообложение: Учебник –Душанбе: Ирфон, 2003.- С.83

васеъкунии манбаи андоз дигаргуниҳои андоз аз ҳисоби коҳиш додани сарбории умумии андозбандии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ, имтиёзҳои андозӣ, воридоти технологияҳои нав, соддагардонии низоми андозбандӣ дар робита ба роҳ мондани таъсири муфиди маъмурикунонӣ нақши ҳалкунада доранд. Бинобар ин, барои ҳавасмандгардонии фаъолияти истеҳсолӣ ва дар ин замина беҳтар кардани манбаи андози субъектҳои хоҷагидор бо тариқи стратегӣ имкониятҳои молиявиро таъмин менамоянд. Таҷрибаи мамлакатҳои пешқадам нишон медиҳад, ки кам гардидани гаронии андоз ба фаъол гардидани иқтидори иқтисодию андозӣ, васеъ гардидани манбаи андоз, коҳиш ёфтани қонунвайронкуниҳои андозӣ ва иқтисоди ниҳонӣ оварда мерасонад. Дар ин самт, дар баробари даромадҳои андозӣ манбаъҳои ғайриандозии даромади буҷет низ дар таъмини устувории молиявӣ аҳаммияти калон доранд. Ба ақидаи мо, низоми таъмини васеъгардонии манбаи андоз аз маҷмӯи ҳама намуди андозҳо ва буҷетҳое мебошад, ки дар доираи истифодаи механизми танзими муносибатҳои иқтисодӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва механизми сафарбар намудани имкониятҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар рушди истифодаи иқтидори иқтисодию таббии кишвар, бо мақсади коркарди ашёи хоми ватанӣ ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ, вобастагии зич доранд.

Дар ин раванд, тақсимот ва аз нав тақсимкунии арзиши хизматрасониҳои иҷтимоӣ бо роҳи ташаккули фонди мутамаркази фондҳои давлатӣ ва истифодаи он ҷиҳати васеъ кардани истеҳсолот ва қонеъ гардонидани талаботҳои иҷтимоӣ ифода меёбанд.

Бо мақсади таъмин намудани васеъкунии манбаи андоз, дар баробари танзими низоми андоз ва васеъ гардонидани манбаи андозбандӣ, зарур аст, ки ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии низоми хароҷотҳои давлатӣ дар рушди соҳибкории хурду миёнаи

истеҳсолӣ аз чорабиниҳои ташкилию иқтисодӣ, иҷтимоию иттилоотӣ ва фарҳангӣ васеъ истифода бурда шавад. Таъмини устувории молиявию буҷети аз ҳисоби сиёсати буҷет бояд ба муносибати мақсадноки барномавӣ бо дарназардошти меъёрҳои стандартҳои байналмилалӣ асос ёбад. Дар ин раванд, бо дарназардошти таъмини тиҷорати электронӣ ва муфидгардонии муносибатҳои иқтисодию молиявӣ, низомии дастгирии давлатӣ аз ҳисоби кам гардонидани сатҳи қонунвайронкуниҳои иқтисодӣ ва хизматрасонӣ таъмин гардонида мешавад. Дар таъмини устувории молиявӣ истифодабарӣ аз фишангҳои нархӣ манфиатнок мебошад. Дар ин самт зарур аст, ки ҳадди ниҳоии нарх барои хариди давлатӣ имконияти таъмини хароҷоти самарабахши маблағҳои сатҳҳои гуногуни буҷети давлатиро дар бар гирад. Аз амалия чунин бар меояд, ки низоми нархгузории аз ҷониби Агентии хариди давлатӣ муқарраршуда қаноатмандкунанда намебошад, яъне аз назари мо ташкили ниҳоди нархгузории хариди давлатӣ барои субъектҳо ва устувории молиявии фаъолияти онҳо хеле зарур мебошад. Бо мақсади дар оянда таъмин намудани диверсификатсияи манбаи андоз ҷиҳатеро ба эътибор гирифтан лозим аст, ки риоя нагардидани меъёрҳои андозӣ яке аз сабабҳои асосии баландшавии нархҳо гардида, дар ниҳояти кор ба номунтазами муносибатҳои андозӣ боис мегардад. Аз назари мо, дар ин самт дастгирии давлатӣ барои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ, коркарди ашёи хоми маҳаллӣ, зиёд кардани иқтидори андозии субъектҳои иқтисодӣ ва танзими пардохтҳои гумрукӣ асоси муфидгардонии нарх ва таъмини устувории буҷет мебошад. Дар ин замина, ҳавасманд намудани намудҳои мухталифи соҳибкорӣ дар шароити ривоҷ ёфтани муносибатҳои байналмилалии ҷумҳурӣ ба сифати воситаи мусоидат намудан ба тиҷорат ва афзоиши талабот ба қувваи

корӣ бо ҷалб намудани сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ баромад мекунад.

Бинобар ин, дар доираи низоми муносибатҳои иқтисодӣ ҳавасмандкуниҳои фискалӣ дар худ имкониятҳоеро таҷассум менамояд, ки ба пайдоиши майли муфиди таносуби даромад ва хароҷотҳо муосидат намуда, даромадҳои андозӣ ва ғайриандозӣ ҳамчун омили устувории андоз баромад менамояд.

Таъмини устувории андоз дар заминаи васеъкунии манбаи андоз аз ҳисоби соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ ташкил ва дурурст ба роҳ мондани муносибатҳои байнибуҷетӣ шарти муҳими рушди иқтисоди минтақаҳо ва устуворгардонии буҷетҳои сатҳҳои гуногун ба шумор меравад. Бинобар ин, ташаккули буҷаҳои сатҳҳои гуногун дар робита ба ХБА ва БҶ аз тариқи самаранок ба роҳ мондани татбиқи барномаҳои молиявӣ зарурат пайдо карда, дар ниҳояти кор ҳамчун заминаи таъмини устувории андоз дар заминаи васеъкунии манбаи андоз аз ҳисоби соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он баромад мекунад.

Танзими давлатии устувории андоз бевосита аз дуруст ба роҳ мондани сиёсати фискалӣ бо дарназардошти ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ташаккул меёбад. Бинобар ин, заминаи он - банақшагирии иқтидори андоз ва таъмини иҷрои он муайянкунада мебошад. Дар ин самт, фаъол гардонидани сиёсати иқтисодӣ аз қабили андоз ва идоракунии он, мониторинги иҷрои пардохтҳои андоз, қонуни андоз, низоми буҷавӣ, фондҳои мақсадноки ғайрибуҷетӣ, молияи суғуртаи давлатӣ, маблағҳои бонкҳои давлатӣ, маблағгузории корхонаҳо ва муассисаҳои давлатӣ ва марказҳои низомҳои иқтисодӣ ба шумор меравaнд. Дар робита ба ин, таъмини танзими давлатии васеъкунии манбаи андоз дар заминаи рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ аз маблағгузорӣ вобаста буда, аз рӯйи самтҳои иқтисодӣ,

иҷтимоӣ, мудофиа, идоракунӣ ва хизматрасониҳои қарзи давлатӣ амалӣ гардонида мешавад.

Тибқи ақидаҳои назари иқтисодӣ, буҷетҳои сатҳҳои гуногун метавонанд иҷтимоӣ, милитаристӣ ва ба ҳавасмандгардонӣ нигаронидашуда иборат бошанд. Ҳамзамон, равишҳои ташаккули буҷаи мутавозини давлатӣ баэътибор гирифта мешавад, ки ҳамаи ин маънои муфидгардонии таркиб ва самтҳои даромад ва хароҷотҳо ва таъмини қисми даромади буҷетиро дар бар мегиранд.

Маълум аст, ки буҷет ба иқтисодиёт ва таъмини иқтидори андозӣ, бо роҳи фаъол гардонидани маъмурикунонии андоз ва рақамикунонии он, ба васеъкунии манбаи андоз мусоидат менамоянд. Чунин ҳолат, нақши низоми андозбандии соҳибкории хурду миёнаро ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ дар маҷмуъ барои рушд инъикос менамояд. Ҳамин тавр, таъмини устувории андоз дар заминаи васеъкунии манбаи андоз аз ҳисоби соҳибкории хурду миёна маҷмӯи шаклу воситаҳои ташаккул ва истифодаи фондҳои мутамарказгардонидашудаи фондҳои давлатӣ бо мақсади таъмини устуворӣ молиявӣ ба шумор меравад.

Тақвияти манбаи андоз аз хусусиятҳои давраи гузариш вобаста буда, дарки майли он аз рӯйи категорияи маҷмуи талабот муайян мегардад. Дар ин самт, ҷиҳатеро ба эътибор гирифтан зарур аст, ки низоми иқтисодии рӯ ба инкишофдошта дар зери таъсири омилҳои гуногуни таккондиҳанда аз рӯйи соҳаҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ шаклҳои нави хоҷагидориро дар бар мегирад. Онҳо барои барои механизми амалӣ гардонидани ташаккул ва истифодаи талабот ва таклифот дар таъмини устувории молиявӣ зарур буда, амалигардонии муфиди он барои таъмини устувории буҷет дар доираи субъектҳои хоҷагидор барои тақвияти иқтидори иқтисодӣ ва манбаи андозбандӣ нигаронида мешавад.

Ҳамин тавр, дар шароити идоракунии молиявии ғайримарказонии идоракунии давлатӣ имкониятҳои рушди соҳибкорӣ ба амал меоянд. Давлат марҳила ба марҳила бо дарназардошти таҳия ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрию ҳуқуқии ба татбиқи ҳадафҳои худ мусоидаткунанда, аз қабили идоракунии самаранок ва дастраси давлатӣ барои рушди соҳибкорӣ, шароитҳоро фароҳам меорад. Дар ин замина, захираҳо, ба роҳ мондани назорат ва тақвияти усулҳои таҳлилӣ аз қабили таҳлили эконометрикӣ барои самаранокии идоракунии давлатӣ қабули қарорҳои муфид нигаронида мешавад. Ҳамзамон дар ин самт таваҷҷуҳи махсус ба самте нигаронида мешавад, ки нақшаи нави идоракунии маҳаллиро таҳия ва амалӣ гардонида, дар ин замина пурзӯр намудани нақши мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракуниро дар таъмини хизматрасонӣ ба шаҳрвандон, устувор гардонидани вазъи молиявӣ аз тариқи дуруст муайян намудани даромадҳои андозӣ ва ғайриандозии буҷетҳои саттҳои гуногун дар заминаи рушди соҳибкории хурду миёна барои устувор гардонидани иқтидори андозӣ дар таъмини даромади буҷетҳои сатҳҳои гуногун ба шумор меравaнд. Бояд қайд кард, ки ҳалли чунин масъала дар кишвар хеле муҳим мебошад, зеро дар буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ айни ҳол зарурати дотатсия ҷой дошта, сабаби он аз ноустувории даромади буҷетӣ ва ноустувории иқтидори андозӣ дарак медиҳад. Бинобар ин, мақсади таҳқиқ низ аз он иборат аст, ки васеъкунии манбаи андоз аз ҳисоби соҳибкории хурду миёна бояд бо таносубе анҷом дода шаванд, ки ба ҳукуматҳои маҳаллӣ барои ба даст овардани дараҷаи кофии мустақилият ва ба роҳ мондани шаклҳои нави хоҷагидорӣ имкон фароҳам оварда шавад. Яъне, дар мавриди зарурати васеъ кардани манбаи андоз ва таъмини устувории буҷети давлатӣ, ташаккули сиёсати шаффофи муносибатҳои андозӣ дар сатҳҳои гуногун имконияти ба

эътидол овардани иқтидори иқтисодӣ ва андозӣ мебошад. Чунин ҳолат, бевосита аз талаботҳои асосии назарияи кейнсионӣ ва таҷрибаи пешқадами давлатҳои рӯбаинкишоф дарак дода, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини устувории андоз дар заминаи васеъкунии манбаи андоз аз ҳисоби фаъолияти соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ амалӣ шуда истодаанд. Аз назари мо, дар ин самт зарурате вуҷуд дорад, ки тибқи он барои пурра дар амал татбиқ намудани идоракунии рушди соҳибкории хурду миёна ҳамчун объекти андозбандӣ, бояд беҳтар кардани таносуби нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва таъмини устувории молиявӣ бо дарназардошти маъмурикунонии низоми андоз ва рақамикунонии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор амалӣ гардонида шаванд.

**Хулосаи зербоби 1.2**

Ҳамин тариқ, дар раванди таҳқиқи ақидаҳои классикӣ ва неоклассикӣ маълум гардид, ки таъмини устувории молиявӣ дар заминаи васеъкунии манбаи андоз аз ҳисоби соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ бевосита аз тақвият ёфтани иқтидори иқтисодии кишвар вобаста мебошад. Дар ин самт, дарки роҳҳои бартарафкунии фарқияти макроиқтисодӣ дар муқоиса бо микроиқтисод дар заминаи васеъ сафарбар намудани мафҳумҳои пулӣ, давраҳои корӣ, афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва дар ин замина арзёбӣ намудани моҳият ва аҳаммияти сиёсати андоз бо таъмини мувозинати макроиқтисодӣ дар асоси устувории пасандозҳо ва сармоягузориҳо, инчунин тақвияти соҳибкории истеҳсолӣ хеле муҳим мебошанд. Маълум карда шуд, ки истифодабарии ақидаи монетаризм имконияте ро фароҳам меорад, ки бозорҳои фарзиявии рақобаткунанда барои мувозинати макроиқтисодӣ шароити муайянкунанда мебошанд. Дар баробари ин, бо тағйир ёфтани шароитҳои иқтисодӣ иқтидори андозӣ афзуда, нуқтаи мувозинатӣ дар

низоми иқтисодию иҷтимоӣ дарёфт мегардад ва ин асоси танзими нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар кишвар ба шумор меравад. Маҳз дар ин замина, алоқамандии байни истеъмол ва сармоягузорӣ баланд гардида, устувории молиявӣ ва тавозуни иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ таъмин карда мешавад. Аз инҷо, сиёсати ҷории макроиқтисодӣ ва ислоҳоти сохторӣ ба самте нигаронида шудаанд, ки онҳо дар сафарбар намудани захираҳо ва коркарди ашёи хоми ватанӣ шароитҳоро барои усутвор гардонидани вазъи молиявии субъектҳои хоҷагидор дар асоси татбиқи Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавасманд мегардонанд. Ҳамзамон, қайд кардан бамаврид аст, ки дар ин раванд натиҷаи озодкунии иқтисодиёт, дастгирии давлати рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна бо дарназардошти имтиёзу сабукиҳо ҳамчун шароит ва омили таъсирбахш барои рушди бахшҳои воқеӣ баромад менамояд. Вобаста ба ин, маълум гардид, ки чунин масъала аз ҷониби олимони хориҷию ватанӣ аз нигоҳи дида баромадани назария ва методологияи танзими муносибатҳои андозӣ дар робита ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, бо мақсади аз байн бурдани омилҳои фардӣ ва дахолати беасос ба фаъолияти субъекҳои соҳибкорӣ, бояд истифодабарӣ аз таҷрибаи пешқадам ва Кодекси нави андоз ба роҳ монда шавад. Ҳалли масъалаи мазкур имконияти таъмини мувозинати маҷмӯи даромаду таклифоти молиявиро, ҳамчун омили маҷмӯӣ барои васеъ кардани манбаи андоз бо дарназардошти хусусиятҳои рушди иқтисодиёти миллӣ, муҳайё мегардонад.

Собит карда шуда, ки бо тақвият ёфтани устувории молиявии субъектҳои хоҷагидор ва васеъ шудани заминаи андозбандӣ, нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ бо дарназардошти ҳавасмандгардониҳо дар оянда тақвият ёфта, механизми истифодабарии усулҳои идораи низоми андоз дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон

таъмин гардонида мешаванд. Чунин мавқеъ ба самте нигаронида мешавад, ки барои таъмини мувозинати андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароитҳои ташаккулёбии манбаи андозбандӣ бояд тавре ба эътибор гирифта шавад, ки сатҳи рушди иқтисоди миллӣ дар алоқамандӣ бо гаронии андоз ва фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ба роҳ монда шавад. Дар ин раванд, барои арзёбии танзими давлатии манфиатҳои андозбандӣ, васеъ намудани манбаи андоз ва таъмини устувории молиявӣ дар асоси фаъол гардонидани низомии дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкории хурду миёна хелехеле муҳим мебошад. Бо ин роҳ, муфидгардонии муносибатҳои иқтисодию молиявӣ, аз ҳисоби кам гардидани сатҳи қонунвайронкуниҳои иқтисодӣ ва хизматрасонӣ, ба танзими андозии фаъолияти соҳибкорӣ сафарбар карда мешаванд.

### 1.3. Истифодаи таҷрибаи танзими давлатии низоми андози кишварҳои хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ

Аз таҳқиқотҳои илмӣ чунин бар меояд, ки робитаи мустақим байни дараҷаи андозҳо ва рушди иқтисодӣ ҷой дорад. Ҳамзамон маълум мегардад, ки дар амалия таҷрибаи ИМА, Шведсия, Малайзия, Аморати муттаҳидаи Араб чунин робита майл дошта, нишон медиҳанд, ки таносуби андозҳои баланд бо рушди сусти иқтисодӣ, рушди баланди иқтисодӣ бо андозҳои камтар амал мекунад.

Дар кишварҳои пешрафта ҷарайёни мураккаб кардани низоми андоз идома дорад. Ҳамин тариқ, тибқи муълумоти Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР), кодекси андоз дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) дар тӯли 30 соли охир ду маротиба, дар Канада - 3 маротиба, дар Нидерландия - 2 маротиба зиёд шудааст. Гаронии андоз баланд буда, ҳиссаи андозҳо дар ММД бо дарназардошти саҳми суғуртаи иҷтимоӣ ба давлатҳои Скандинавия, Фаронса, Австрия - 44-55%, ИМА, Ҷопон, Олмон, Британияи Кабир, Канада - 30-40% ва

Туркия, Кореяи Ҷанубӣ, Мексика - 20% рост меояд.[27] Дар робита ба ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи нишондиҳандаи мазкур дар доираи 20% бе дарназардошти имтиёзҳои андозӣ фарогир мебошад.

Ташаккулёбии низоми андоз баландшавии гаронии андозро дар бар мегирад. Дар маҷмуъ аз таҳқиқотҳо маълум мегардад, ки андозҳо ба иқтисодиёт таъсири истеҳсолию хизматрасониро мураккаб мегардонанд. Аз натиҷаи тадқиқоти аз ҷониби Идораи нархҳо ва рақобатҳои миллии Шветсия гузаронидашуда чунин бар меояд, ки кишвари мазкур бо дараҷаи 20% аз сатҳи миёнаи нархҳои кишварҳои дигари Аврупо бештар буда, дар байни кишварҳои Иттиҳоди Аврупо (ИА) мақом пайдо кардааст. Таносуби чунин фарқият нишон додааст, ки нисфи нархҳо аз ҳисоби андозҳо, музди меҳнат ва гардиши пул ба амал омада, боқимонда аз натиҷаи нокифояи рақобати молу хизматҳо дар низоми иқтисодӣ мебошад. Шветсия, ки дар он ҷо бахши давлатӣ ва бори андоз нисбат ба дигар кишварҳои ҷаҳон мутаносибан бештар аст, ифодакунандаи вазъи воқеии таносуби байни андозҳо ва рушди иқтисоди миллӣ мебошад. Чунин ҳолат мисоли равшани алоқамандии бевоситаи байни гаронии андоз ва рушди иқтисодӣ ва зарурати сафарбарнамоии чунин таҷрибаи солҳои тулонӣ барои таъмини рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар мебошад.

Тибқи дастовардҳои натиҷахои илмии таҳқиқотӣ Оса Ханссон алоқаи равшани байни бахши давлатии кишвар ва болоравии иқтисодиёти онро нишон додааст, ки вобаста ба зиёд будани бахши давлатӣ, рушди иқтисодиёт камтар мебошад. Яъне тибқи ақидаи иқтисоддон Ханссон бо афзоиш ёфтани истеҳсолоти давлатӣ ба 1%, рушди рушди иқтисодӣ ба 0,23% коҳиш меёбад.[28] Ҳамин тавр, тибқи

---

[27] https://www.oecd.org/tax/consumption/

[28] Hansson A. Tax policy and entrepreneurship: empirical evidence from Sweden. Working paper / A. Hansson. – Sweden, 2016. – 350p. - P.8.

ақидаи мутахаассисон маълум мегардад, ки бо зиёд шудани ҳиссаи бахши давлатӣ дараҷаи зарурии рушди иқтисодӣ майли муфидро намегирад. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар баробари ҷой доштани чунн ақида ҷонибдорони он кам ба назар мерасад. Масалан, тибқи ақидаи олими ватанӣ К.Б. Шамсиев чунин бар меояд, ки “дар тамоми ҷаҳон, корхонаҳои давлатӣ рушд ва дастгирӣ карда мешаванд ва ягон давлат танҳо тавассути андоз фаъолият карда наметавонад, яъне дар шароити муосир давлат бояд соҳибкори асосӣ бошад”.[29] Аз ин мавқеъ чунин бар меояд, ки бартарият бештар ба таъсири давлат дар таъмини рушди иқтисодӣ дода мешавад. Мавқеи мо чунин аст, ки барои таъмини устувории андоз дар заминаи васеъкунии манбаи андоз аз ҳисоби фаъолияти соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ дар рушди иқтисоди миллӣ, назария ва амалияи давлатҳои пешқадами дар ҳоли рушд қарордошта мавриди омӯзиш ва қарор дода шавад. Аз ин хусус, зарурате дар пеш мистад, ки таҷрибаи ИДМ, кишварҳои Осиё ва кишварҳои тараққикардаро истифода барем, яъне чунин мешуморем, ки масъалаи мазкур характери маҷмӯӣ дошта, танҳо дар алоқамандии ҷиҳатҳои афзалиятноки бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ имконияти рушдро ба амал оварда, заминаи хуби устувории мувозинати муносибатҳои андозию буҷетиро тақозо менамояд. Масалан, дар робита ба ин ҳамзамон маълум мегардад, ки афзалияти давлат дар таъмини мувозинат бештар мебошад. Аз ақидаи О. Черковец чунин бар меояд, ки «Беларус дар амал модели воқеии бартараф кардани оқибатҳои харобиовари "либерализми иқтисодӣ" -ро, ки ба мардумони собиқ Иттиҳоди Шӯравии дар асрҳои 19 ва аввали асри 20 гузошта шуда буданд, инъикос менамояд”. [30] Ҳамин тавр, дар татбиқ намудани сиёсати фискалии давлат мушкилотҳо ҷой

[29] Шамсиев К.Б. Экономические проблемы развития предпринимательства Республики Таджикистан. – Душанбе: Ирфон, 2004. – С.71
[30] Черковец О. Белорусская альтернатива//Экономист №5 2004. -С.50

дошта, ҳалли онҳо аз саривақтӣ ва ба пуррагӣ иҷро намудани пардохтҳои андозӣ ва ғайриандозӣ, инчунин аз ташаккул ва истифодаи дурусти санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар самти таъмини адолати иҷтимоию иқтисодӣ вобаста мебошад.

Яъне, масъалаи дигари муҳим ин танзими низоми андоз дар самти рушди бахшҳои воқеӣ мебошад. Ба андешаи А.П. Павлова баробари "баррасии тақсими андозбандӣ чунин нуқтаи муҳимро бояд ба назар гирифт, ки сиёсати андоз ба содда ва равшан будани андозбандӣ бо баробарвазнии манба ва меъёри анадоз асос меёбад".[31] Ҳамин тавр, маълум мегардад, ки афзалиятгузорӣ дар байни бахшҳои воқеӣ ва таъмини рушди иқтисодӣ алоқамандии зичи таърихии муносибатҳои иқтисодӣ ҷой дорад. Дар баробари татбиқи навъҳои гуногуни санадҳои меъёрию ҳуқуқии фаъолияти иқтисодӣ. ҳамзамон хусусиятҳои низоми андоз ба эътибор гирифта шуда, бояд ба самте нигаронида шаванд, ки иқтидори иқтисодӣ афзуда, майли он ба васеъ намудани манбаи андозбандӣ ва таъмини устувории андоз дар рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ мусоидат намояд.

Дар ин раванд ба тариқи объективӣ мушкилиҳо ба амал омада, ҳалли онҳо барои мувозинати нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ муҳим мебошад. Қайд кардан бамаврид аст, ки аз лаҳзаи ба амал омадани муносибатҳои андоз кушиш барои ҳамоҳангсозии байни иштирокчиёни муносибати мазкур баэътибор гирифтани манфиатҳои давлат ва ҳуқуқҳои андозсупорандагон муайянкунанда ба шумор меравад. Дар ин самт, майли давлат аз он бар меояд, ки тамоми имкониятҳоро барои пурра гардониданидаромади буҷетӣ сафар бар намояд. Инчунин, субъектҳои андозсупоранда кушиш менамоянд, ки манфиатҳои худро ба эътибор гирифта, таваҷҷуҳи махсусро барои кам кардани гаронии андоз

---

[31] Павлова, Л.П. Налоговая реформа и создание модели эффективной налоговой системы в России/ Л.П. Павлова, А.В. Ефремов // -Налоговый Вестник, 1998. - С. 9.

ва ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ, тақвият додани истеҳсолоти дохилӣ ва дар ҳамин замина зиёд кардани иқтидори иқтисодӣ ва васеъ кардани манбаи андоз равона созанд.

Пештар то солҳои 90-ми асри бистум дар раванди муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ташаккул ёфтани муносибатҳои андозӣ асосан барои ҳалли вазифаи фискалӣ равона мегардид. Имрӯзҳо бошад, бо дарназардошти талаботҳои муносибатҳои бозорӣ ва тағйир ёфтани низоми идоракунӣ дар шароити дигаргуниҳои иқтисодию иҷтимоӣ, вазифаи асосиро тақсимот, назорат, ҳавасмандкунӣ ва танзим ташкил медиҳанд. Аз тариқи истифодаи вазифаи фискалии низоми андоз асосан талаботи рушди иқтисодию иҷтимоӣ қонеъ гардонида мешавад. Дар навбати худ, дар заминаи истифодабарӣ аз вазифаи танзим имкониятҳое ба вуҷуд меояд, ки амал намудани онҳо барои таъмини мувозинати муносибатҳои молиявию иқтисодӣ сафарбар карда мешаванд. Дар инҷо, манфиатҳои махсус бо мақсади таъмингардонии тавозуни манфиатҳои инфиродӣ, корпоративӣ ва умумимиллӣ ба роҳ монда мешавад.

Бо истифода аз вазифаи ҳавасмандгардонӣ ҳолатҳое дар раванди молиявию иқтисодӣ ба эътидол дароварда мешаванд, ки онҳо дар зери таъсири захираҳо, алалхусус сармоягузорӣ, афзун гардонидани натиҷаҳои молиявӣ, рушди тиҷорати электронӣ ва дар ин замина тақвият додани қобилияти харидории субъектҳои иқтисодӣ амалӣ гардонида мешаванд. Дар ин ҷода, ҷанбаи васеъ ба роҳ мондани имтиёзҳо ва таҳримҳо таваҷҷуҳи махсусро тақозо менамоянд. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар раванди таъмини мувозинати молиявию иқтисодӣ мақоми махсусро вазифаи назоратӣ дар бар мегирад. Дар доираи вазифаи мазкур, самаранокии механизми андоз арзёбӣ гардида, чорабиниҳои назоратӣ аз рӯйи ҳаракати захираҳои молиявӣ таъмин карда мешавад. Ҳамзамон, чунин чорабиниҳо зарурати дигаргуниҳоро

дар низоми андоз ва сиёсати буҷет асоснок гардонида, мазмуни ҷорӣ ва стратегии сиёсати андозиро муайян менамоянд. Ҳамин тариқ, маҷмӯи вазифаҳои зикргардида шароитҳоеро фароҳам меоранд, ки онҳо ба равандҳои рушди иқтисоди миллӣ таъсир мерасонанд. Дар доираи фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ташаккул ёфтани гаронии андоз мақоми махсус пайдо карда, дар пешгирии гаронии андоз ва сабукгардонии он ҳамчун фишанги батанзимадрой хизмат мекунад. Тибқи маълумоти “Визовый центр - visasam” Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қатори 27 мамлакати сатҳи баланди гаронии андоз дохил мешавад (ниг. ба ҷадв. 1.3.1).

**Ҷадвали 1.3.1. – Мамлакатҳои дорои сатҳи баланди гаронии андоз дар ҷаҳон дар соли 2023**

| №, р/т | Кишварҳо | Гаронии андоз, % |
|---|---|---|
| 1 | Аргентина | 137,3 |
| 2 | Боливия | 83,7 |
| 3 | Тоҷикистон | 80,9 |
| 4 | Колумбия | 75,4 |
| 5 | Алҷазоир | 72,7 |
| 6 | Мавритания | 71,3 |
| 7 | Бразилия | 69 |
| 8 | Гвинея | 68,3 |
| 9 | Франсия | 66,6 |
| 10 | Никарагуа | 65,8 |
| 11 | Венесуэла | 65,5 |
| 12 | Италия | 65,4 |
| 13 | Хитой | 64,6 |
| .... | | |
| 24 | Австралия | 52 |
| 25 | Кот-д Ивуар | 51,9 |
| 26 | Мексика | 51,8 |
| 27 | Япония | 51,3 |

**Сарчашм**а: Таҳияи муаллиф аз рӯйи: https://visasam.ru/emigration/vybor/nalogi-v-mire.html

Таҳқиқоти Visasam дар тӯли 12 сол, ки ҳамкории худро дар доираи ҳамкориҳои ташкилотҳои байналмиллаӣ аз ҷумла, Бонки ҷаҳонӣ ба роҳ мондааст, дар таъмини мувозинати нишондиҳандаҳои иқтисодию молиявӣ мақоми махсус дорад. Дар доираи чунин ҳамкорӣ, ки зиёда аз 150 мамлакатҳои ҷаҳонро дар бар мегирад, 27 малакатҳои дорои дараҷаи баланди гаронии андоздоштаро муайян намудааст. Коршиносон усули муайян кардани чунин нишондиҳандаро дар заминаи мавриди муҳокима қарор додани нишондодиҳандаҳои қиёсӣ – меъёри умумии андоз, вақти зарурии иҷрои ӯҳдадории андоз, шумораи пардохтҳои андоз ва омилҳои дигар ба эътибор гирифтаанд. Дар заминаи арзёбии ширкати мазкур муайян карда шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи нишондиҳандаи мазкур ба 5 -гонаи малакатҳои дорои сатҳи баланди гаронии андоз мансуб мебошад. Ба ақидаи мо, бо дарназардошти дар амал татбиқ намудани санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзими андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишондиҳандаи мазкур бо мурури замон ба эътидол даромада, то сатҳи зарурӣ (муфид) паст хоҳад гардид. Яъне, Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки дар самти таъмини мувозинати муносибатҳои андозӣ ва табдид додани он ба омили рушд, инчунин ҳамоҳангии муносибати давлат ва субъектҳои хоҷагидор муваффақ гардад. Ҳамзамон, қайд кардан бамаврид аст, ки барои таъмини мувозинати андозҳои мустақим ва ғайримустақим, яъне афзоиши ҳиссаи андозҳои мустақим ва коҳиш додани ҳиссаи андозҳои ғайримустақим дар ташаккул додани даромади умумии буҷети давлатӣ мавриди истифодабарӣ қарор дода шавад. Дар доираи назарияи андозбандӣ маълум аст, ки яке аз андозҳои ғайримустақим ин андоз аз фоида буда, ин асоси тақвият додани иқтидории иқтисодӣ дар заминаи рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ мебошад. Бинобар ин, тибқи таҳлилҳои ташкилоти Doing Business гаронии андоз

аз рӯйи фоидаи субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 67,3% баробар мебошад, ки ин дар қиёс ба дигар давлатҳо, аз қабили Хитой - 59,2%, Федератсияи Россия – 46,2%, Узбекистон - 31,6%, Кирғизистон – 29% ва Казоқистон -28% сатҳи нисбатан баландро дар бар мегирад.[32] Яъне, аз назари мо зарурате дар пеш меистад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикситон таҷрибаи давалатҳои овардашуда, бобати кам кардани нишондиҳандаи мазкур ва ноил шудан ба натаиҷаҳои баланди фаъолияти соҳибкории хурду миёна, татбиқ карда шавад.

Ҳамин тавр, аҳамияти таъсирбахши вазифаи танзими андозҳо имкониятҳоеро фароҳам меорад, ки бо дарназардошти ҳавасмандгардонӣ раванди фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби пасандозҳо аз ҳисоби андоз аз фоида ба амал меояд. Бо ин роҳ, имкониятҳое ҷой доранд, ки дар баробари рушди бахши воқеӣ, ҳамзамон низоми нигоҳдории захираҳои молиявӣ ба фондҳои ғайрибуҷавӣ, инчунин даромади инфиродии шаҳрвандон таъмин карда мешавад. Дар ин самт, аз ҳисоби баланд бардоштани мақоми ташаббускории соҳибкорӣ шароитҳо барои муътадилгардонии таносуби муносибатҳои андозӣ ба амал меояд ва бо ин роҳ, дар асоси даромади шахсони воқеӣ, танзими талабот ва пешниҳод ва татбиқи ҳадафҳои стратегӣ бо роҳи фаъол гардонидани рушди ҳунарҳои мардумӣ ва тақвият додани соҳаи сайёҳӣ дар маҳалҳо боиси васеъ кардани даромадҳои иловагӣ мегарданд. Қайд кардан бамаврид аст, ки дарёфт ва сафарбар намудани иқтидорҳои иқтисодӣ барои васеъ кардани манбаи андоз дар шароити дигаргуншавии иқлим зарурáтеро дар бар мегирад, ки вазъи экологӣ ҳамчун омили рушд ва тақвияти иқтидори молиявӣ истифода бурда шавад.

[32] Бонки умумиҷаҳонӣ - Doing Business: https://archive.doingbusiness.org/ru/data/exploretopics/paying-taxes# (санаи муроҷиат: 01.08.2023)

Тибқи ақидаи Ш. Қодиров “рушди иқтисодӣ ба ҳеҷ ваҷҳ набояд ҳадафи рушди иҷтимоӣ бошад, зеро аз он ки фаъолияти иқтисодӣ фаъолтар аст, муҳити зистро олудатар менамояд”.[33] Бинобар ин, ташаккул додани намуди нави андоз, аз қабили андози экологӣ мавқеи махсуро гирифта истодааст, яъне татбиқи чунин механизми андоз ба тозагии муҳити зист таъсири мусбӣ расонида, ба афзоиши андозҳои экологӣ дар самти сармоягузорӣ ва таъмини ҳифзи муҳити зист боис мегардад. Аз назари мо, дар таъмини мувозинати макроиқтисодӣ ба эътибор гирифтани ҳифзи муҳити зист муҳим буда, барои рушди иқтисодӣ омили таъсирбахш мебошад. Аз инҷо, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба роҳ мондани истеҳсолоти ватанӣ аз тариқи ба танзим даровардани ҷиҳатҳои экологӣ тавассути андозҳои ғайримустақим барои кам кардани гаронии андоз ва танзими молиявӣ муҳим мебошад.

Шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зиёд будани захираҳои меҳнатӣ фарқ мекунад. Бинобар ин, ба эътибор гирифтани захираҳои меҳнатӣ дар танзими андоз ва муносибатҳои иқтисодию молиявӣ шароити муҳим ба шумор меравад. Ба ақидаи М.Т. Каримова "сатҳи баланди бекорӣ хосиятҳои худтаъминкуниро барои рушди худ соҳиб гардида, ба дубора такрор шудан оғоз мекунад ва дар натиҷа "депрессияи дуюм" ба назар мерасад, бояд қайд кард, ки асоси «худистеҳсолкунӣ» ба табақаҳо ҷудо шудани аҳолӣ аст, ки афзоиши он ба тақсимоит даромади аҳолӣ ба манфиати қабатҳои элитаи аҳолӣ оварда мерасонад».[34] Аз назари мо, дар баробари таъсиррасони ба тақсимоти нобаробари даромад, он ба сатҳи некуаҳволии аҳолӣ низ таъсири манфӣ мерасонад. Бинобар ин, кам кардани гаронии андоз дар заминаи коркарди ашёи хоми ватанӣ ва

[33] Кодиров Ш. Экологические налоги//Сборник научных трудов Налогово-правового института №2,2000.-С.163-165
[34] Каримова М.Т. «Положение сельских женщин в Таджикистане» Известия АНРТ. Серия Экономика №3 –4 (7-8) 2002. - С. 47

тақвияти фаъолияти корхонаҳои хурди истеҳсолӣ афзалиятҳои калон доранд.

Имрӯзҳо, механизми танзими андозбандии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ хеле муҳим мебошад. Аз назари мо, афзоиши фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ, коркарди ашёи хоми ватанӣ, зиёд кардани ҳаҷми содирот ва ташкили зиёди корхонаҳои саноатӣ муайянкунада мебошанд. Истифодаи таҷрибаи танзими давлатии низоми андози кишварҳои хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ бо мақсади рушди он зарурати воқеӣ дорад. Дар ин замина, даромади воқеӣ афзоиш ёфта, манбаи андоз васеъ ва ҳамзамон сатҳи некуаҳволӣ баланд мегардад. Маҳз дар ҳамин замина, сиёсати молиявии кишвар хислати устуворӣ гирифта, боиси рушди бахши воқеӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ мегардад. Имрӯз дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми андозбандӣ 8 намуди андозро дар бар гирифта, онҳо дар таъмини рушди иқтисоди имрӯза муфид ҳисобида мешаванд. Дар ин самт, баробари заминаи андозбандӣ муқаррар намудани меъёрҳои муфиди он зарур мебошад. Тибқи ақидаи П. Самуэлсон "натиҷаҳои регрессивии андозбандӣ аз нуқтаи назари заифи ҳавасмандкунӣ дар фаъолияти шахсони воқеӣ ва коҳиш додани самаранокии истифодаи нерӯи захираҳо мебошад”. [35] Бинобар ин, дар ин замина ба роҳ мондани танзими низоми андоз ба ҳавасмандгардонӣ ё маҳдудкунии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ аз ҳисоби меъёрҳои муфиди андозҳо имкониятҳоеро фароҳам меорад, ки баробарвазнии муносибатҳои молиявию иқтисодиро таъмин менамояд. Дар ин асос истифода намудан аз усулҳои муфиди муносибатҳои андозбандӣ моҳияти устувории низоми андозро дар ҷумҳурӣ муайян мекунад.

Имрӯзҳо баробари ислоҳоти низоми молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурате дар пеш меистад, ки муносибатҳои комплексӣ

[35] Самуэльсон П. Экономика -М.: Прогресс, 1964 - С.195

вобаста ба таъсири омилҳо, аз қабили сатҳи рушди иқтисодӣ, васеъ кардани истеҳсолоти ватанӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, дар таъмини идоракунии танзими муносибатҳои андозбандӣ ва устувории молиявӣ сафарбар карда шаванд.

Дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандии зичи байни ниҳодҳои нав ва инфрасохтори давраҳои гузашта ба назар мерасад. Дар доираи ин муносибатҳо зарурати фаъол гардонидани меъёрҳо ва самтҳои низоми молиявии қабулгардида дар алоқамандӣ бо баланд бардоштани дараҷаи ҷамъоварии андозҳо, васеъ кардани манбаи андоз, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва ҳарчӣ бештар афзун гардонидани даромади буҷет ҷой дорад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки муқаррар кардани меъёрҳои муфид ба буҷет таъсири мусбат расонида, бо дарназардошти ҳавасмандгардонии андозӣ ва риояи манфиатҳои тарафҳои андозбандӣ, ҳамчун шароити хуби таъсис ёфтани мувозинат баромад мекунад. Чунки коҳиш додани гаронии андоз, алалхусус ба сармоягузориҳо имкониятҳоеро фароҳам меорад, ки бо ҷалби соҳибкории истеҳсолӣ иқтисоди миллӣ рушд мeёбанд. Маҳз ҳамин ҷиҳат, дар назария ва амалияи андозбандии мамлакатҳои пешқадам сари вақт ва дуруст ба эътибор гирифта шуда, имконияти таъмини мутавозинии муносибатҳои андозиро таъмин менамояд ва мутобиқ ба ҳалли вазифаҳои стратегии давлатӣ ба тақвияти иқтидори иқтисодӣ ва ба амал овардани шароитҳои хуби иҷтимоӣ мусоидат намуда, бо роҳи фаъол гардидани субъектҳои хоҷагидории хурд, миёна ва калон боиси рушди иқтисодӣ мегардад. Дар мавриди ба эътибор гирифтани мақоми яке аз давлатҳои пешқадами аврупо - Шведсия, ҳамзамон зиёд будани саҳми таъсири давлат дар ташаккул додани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва таъиноти иҷтимоидошта қайд кардан бамаврид аст, ки барои рушди иқтисодию иҷтимоии

Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан аз таҷрибаи он хеле бамаврид мебошад (ниг. ба ҷадв. 1.3.2).

**Ҷадвали 1.3.2 – Муқоисаи намуд ва меъёрҳои андоз дар Шведсия ва Тоҷикистон барои соли 2023, %**

| | Шведсия | Тоҷикистон |
|---|---|---|
| Андоз аз даромад | 28,9 | 12 |
| Андоз аз фоида | 6,4 | 15 |
| Андози иҷтимоӣ | 24 | 18 |
| Андози аксизӣ | 6,2 | 7 |
| Андоз аз молу мулк | 2,4 | 2,3 |
| ААИ | 20,7 | 15 |
| Андозҳо ва пардохтҳои дигар | 11,4 | 5,6 |
| Андоз аз фуруш | - | 3 |
| Андоз барои захираҳои таббиӣ | - | 8 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф аз рӯйи: Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва https://visasam.ru/emigration/europe-emigration/nalogi-i-biznes-v-shvecii.html

Чи тавре аз маълумоти ҷадвали 1.3.2 бар меояд, таркиби низоми андози байни давлатҳои Шведсия ва Тоҷикистон хеле наздик буда, шароитҳое ба назар мерасанд, ки бо роҳи муқоиса барои рушди иқтисодиёти миллӣ, сатҳи мувозинати буҷетию иқтисодӣ ва сатҳи некуаҳволӣ аз таҷрибаи Шведсия истифода намоем. Аз рӯйи мазмуну мундариҷаи нишондиҳандаҳои муқоисавӣ чунин бар меояд, ки замина ва меъёрҳои андоз асоси таҳлили ҳолатҳои таъмини устувории андоз дар заминаи васеъкунии манбаи андоз аз ҳисоби фаъолияти соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ мебошанд. Ҳамзамон, ҷиҳатеро бояд қайд кард, ки ҳамчун заминаи таҷрибавӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммият дорад ва аз он иборат аст, ки мақом ва ташаккул ёфтани намудҳои алоҳидаи андоз дар шароити Шведсия характери прогрессивии ҳавасмандгардонӣ доранд. Яъне, меъёрҳои андозҳое, ки ба шахсони ҳуқуқӣ дахл доранд, паст мебошанд, ки ин асоси рушди субъектҳои хоҷагидории миёна ва калон мебошанд. Ба ақидаи мо, яке аз омили мусоидаткунандаи рушди иқтисодиии ба иҷтимоиёт нигаронидашудаи

Шведсия маҳз ҳамин ҳолат ба шумор меравад. Вобаста ба ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ҳолати баръакс ба назар мерасад, яъне меъёрҳои муқараргардида бештар характери фискалӣ дошта, гаронии зиёдро ба субъектҳои хоҷагидори миёнаву калон ба амал овардааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар баробари амал намудани низоми андозбандии нав зарурате дар пеш меистад, ки аз таҷрибаи Шведсия маҳз ҷиҳати ҳавасмандгардонии субъектҳои хоҷагидор мавриди истифодабарӣ қарор дода шавад.

Чунин тарзи ташаккул ёфтани меъёрҳо имкониятеро фароҳам меорад, ки танзими истифодабарии захираҳои табиӣ, ташаккул ёфтани инфрасохтори иҷтимоӣ ва шароитҳои шуғли меҳнатӣ дар ҷумҳурӣ барои баланд бардоштани иқтидори иқтисодӣ ва мувозинати муносибатҳои андозӣ таъсирбахш баромад намоянд.

Аз инҷо чунин бар меояд, ки барои дар оянда аниқ гардонидани рушд ва таъмини суботи молиявӣ, стратегияи рушди сиёсати андоз ва танзими муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар ҳамоҳангӣ мавриди истифодабарӣ қарор гирад. Дар ин замина, ба андешаи мо муайян кардани сохтори минбаъдаи истеҳсолот, шуғли меҳант, зиёд кардани корхонаҳои истиеҳсолӣ, афзун гардонидани рушди афзалиятноки бахши воқеӣ муайянкунанда мебошанд. Чунки таҳлил ва арзёбии тамоюлҳои мавҷудаи ташаккули манбаи андоз ва муқаррар кардани меъёрҳо, чи тавре аз таҷрибаи Шведсия бар меояд, дар ташаккул додани буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти хоса дорад. Дар ин замина имкониятҳое ба амал меоянд, ки сиёсати андоз, мақсад ва вазифаҳои танзими андозии иқтисодиёт таъсирбахш баромад намоянд. Вобаста ба ин, бояд қайд намуд, ки дар доираи муносибатҳои андозӣ ташаккули даромадҳо дар таносуб бо хароҷотҳо зарурати афзалиятноки рӯ ба таъмини сиёсати воридотивазкунанда доранд.

Чи тавре Ш.М. Раҳимов қайд менаояд “дурустии масъалаҳои андозбандӣ дар давраи муносибатҳои бозорӣ барои ҳавасмандгардонии рушди саноат муҳим мебошад”.[36] Дар робита ба ин, саҳми соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ дар таъмини устувории буҷет танҳо дар асоси даромадҳои имконпазир имконияти рушд пайдо мекунад. Бинобар ин, қобилияти иқтисодие, ки рушди иқтисоди миллиро таъмин мекунад, ин ташаккул додани таносуби муфиди байни даромад ва хароҷотҳои буҷетӣ мебошад. Таҷрибаи Шведсия нишон медиҳад, ки қабули заминаи даромадҳо дар алоқамандии зич бо истеҳсолот меъёрҳои муфид ва хароҷоти буҷет аз нигоҳи методӣ бо қонеъ гардонидани талаботи захиравӣ ва ҳавасманд гардонидани субъектҳои истеҳсолӣ дар заминаи муфид сафарбар намудани шахсони воқеӣ мебошад. Қайд кардан бамаврид аст, ки ба эътидол даровардани вазъи иқтисодию молиявӣ ва мӯътадил гардидани даромади шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ асоси ташаккул ёфтани даромадҳои буҷет ва устувор гардонидани сатҳи некуаҳволӣ дар ҷумҳурӣ мебошад. Вазифаи танзимкунандаи андозҳо бо зарурати танзими давлатии афзоиши даромадҳои буҷет бо роҳи зиёд кардани нишондиҳандаҳои молиявии субъектҳои хоҷагидор дар асоси тақвият додани даромаднокии истеҳсолӣ ва баланд бардоштани сатҳи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ мебошад. Бинобар ин, андозҳо дар низоми идоракунӣ бояд муфид ва таъсирбахш дар ҷараёни идоракунӣ қарор дошта бошанд.

Чи тавре аз ҷадвали 1.3.1 бар меояд, истифодаи таҷрибаи Шведсия барои Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим мебошад. Таркиби нишондиҳандаҳо аз он дарак медиҳад, ки низоми бозорӣ дуруст ба роҳ монда шуда, меъёрҳои нисбатан баланди андоз ба гирифтани

[36] Рахимов Ш.М. Возрождение и развитие промышленности Таджикистана в переходный период // Автореферат диссертации на соискание ученной степени доктора экономических наук. Бишкек: ОООНПУ ОГРТ, 2001. - С. 26.

даромадҳои иловагӣ ва сармоягузории минбаъдаи субъектҳои хоҷагидор бо роҳи ба кор даровардани фишангҳои буҷети давлатӣ амалӣ гардонида мешавад. Аз назари мо, таркиби заминаи андозбандӣ ва меъёрҳои андози Шведсия аз он дарак медиҳад, ки вобаста ба динамикаи ҳолати рушди бахшҳо воқеӣ, тавассути усулҳои эконометрикӣ меъёри муфиди намудҳои алоҳидаи андоз муқаррар карда мешавад. Маҳз ҳамин ҷиҳат, аз назари таъсири мултипликатсионии хароҷот таъсири мултипликатсионии андозҳоро инъикос намуда, низоми андозбандиро ҳамчун омили рушди иқтисоди миллӣ ва таъмини мувозинати макроиқтисодӣ муайян намояд. Ҳамин тариқ, мавқеи мо дар ин самт аз он бар меояд, ки дар кишварҳои дорои сатҳи нокифояи рушд, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳои баланди андозҳои ғайримустақим ба кам кардани даромаднокӣ боис гардида, ҳамзамон даромади воқеӣ ва имконниятҳои пасандоз намудани субъектҳои хоҷагидорро коҳиш медиҳад. Ҳамин тавр, аз чунин таҷриба бар меояд, ки маблағҳои дар буҷа ҷамъшуда барои пӯшонидани хароҷоти давлатӣ аз ҳисоби тақсимоти вобастагии корхонаҳои давлатӣ амалӣ карда мешаванд. Дар доираи чунин фаъолият сатҳи номувофиқи субъектҳои хоҷагидори давалатӣ самараи намоёни мултипликатсиониро коҳиш дода, дараҷаи истеъмолотро бо роҳи меъёрҳои баланди ҷуброн карда наметавонанд.

Ҳамин тариқ, низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тавре амал менамояд, ки таносуби сиёсати фискалӣ ва афзалияти фискалӣ тақозои ҳавасмандкунандаи маҷмуи талабот ва пешниҳодро ба миён овардааст. Бинобар ин, низоми амалкунандаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол бо пуррагӣ характери танзимкуниро нагирифтааст, яъне майли фискалӣ афзалият дорад. Зарур аст, ки шароити иқтисодии минтақаҳои кишвар бо роҳи ташкил ва истифодаи иқтидори иқтисодӣ дар заминаи коркарди ашёи хоми ватанӣ тавассути тақвияти имтиёзу субукиҳои андозӣ ва қарзҳои имтиёзнок истифода бурда шаванд. Чунки, рушди иқтисодиёти

минтақаҳо аз бисёр ҷиҳат ба тақвият ёфтани фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолии хурду миёна вобаста мебошад. Бинобар ин, танзими давлатии муносибатҳои андозӣ йояд бо роҳи тақвият додани дастгирии соҳибкорӣ таъмин гардонида шавад. Усулҳои идоракунӣ дар ин самт, дар самти таъмини суботи молиявӣ аз мақсаднок дигаргун намудани манбаъҳо ва миқдори воридоти андозҳо ба буҷети давлатӣ, дигаргуниҳои андозаи интиқолҳои иҷтимоӣ ва тағйир додани ҳаҷм ва таркиби хариди давлатӣ бо истифода аз имкониятҳои рақамикунонӣ алоқамандии зич дорад.

**Хулосаи зербоби 1.3**

Ҳамин тариқ, дар мавриди омӯзиши ташаккулёбии таҷрибаи танзими давлатии низоми андози кишварҳои хориҷӣ ва истифода бурдани он дар шароити иқтисоди милии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум карда шуд, ки робитаи бевоситаи байни рушди соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ ва дараҷаи андозҳо ва рушди иқтисоди миллӣ ҷой дорад. Дар ин самт, таҷрибаи давлатҳои тараққикарда нишон дод, ки таносуби андозҳои баланд ва рушди сусти иқтисодӣ, рушди баланди иқтисодӣ бо андозҳои камтар амал мекунад. Дар кишварҳои пешрафта ҷараёни мураккаб кардани низоми андоз идома дорад ва дар робита ба ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи нишондиҳандаи муфид тағйир ёфтани меъёри умумии андоз ва дуруст ба роҳ мондани имтиёзҳои андозӣ бо истифода аз таҷрибаи пешқадам бояд фарогир бошад. Дар ин самт, равия ва ақидаҳои гуногун ҷой доранд, ки аз рӯйи онҳо таносуби байни бахшҳои давлатӣ ва рушди иқтисодиёт мавриди баҳсу мунозира қорор мегирад. Аз ҷумла, ақидае ҷойд дорад, ки бо зиёд шудани ҳиссаи бахши давлатӣ, дараҷаи рушди иқтисодӣ майли заруриро таъмин намекунад. Инчунин, баробари ҷой доштани чунин ақида, равияе ҷой дорад, ки бартарият бештар ба таъсири давлат дода шуда, аз ин ҳисоб шароитҳои муфид барои рушди иқтисодӣ таъмин карда мешавад. Дар баробари

чунин ақидаҳо, мо ақидаи муаллифии худро ба таври зайл пешниҳод менамоем: таъмини устувории андоз дар заминаи васеъкунии манбаи андоз аз ҳисоби фаъолияти соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ характери маҷмӯӣ дошта, танҳо дар алоқамандии ҷиҳатҳои афзалиятноки бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ имконияти рушдро дар ҷумҳурӣ ба амал меорад. Бо ин мақсад, бо факту рақамҳои мушаххас аз таҷрибаи мамлакатҳои дорои сатҳи баланди гаронии андоз дар арсаи ҷаҳон мавқеъгирӣ намуда, бо дарназардошти дар амал татбиқ намудани санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзими андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишондиҳандаҳои муҳимро барои таъмини мувозинати муносибатҳои андозӣ ва табдид додани он ба омили рушд, муносибати давлат ва субъектҳои хоҷагидор пешниҳод гардонида шуд. Собит намудем, ки барои таъмини мувозинати андозҳои мустақим ва ғайримустақим, яъне афзоиши ҳиссаи андозҳои мустақим ва коҳиш ҳиссаи андозҳои ғайримустақим дар ташаккул додани даромади умумии буҷети давлатӣ, таҷрибаи давлатҳои пешқадами аврупо, аз ҷумла Шведсия мавриди истифодабарӣ қарор дода шавад.

Бо ин мақсад, дар асоси муқоиса намудани намуд ва меъёрҳои андоз дар Шведсия ва Тоҷикистон муайян гардид, ки дар баробари амал намудани низоми андозбандии нав зарурате дар пеш меистад, ки аз таҷрибаи Шведсия маҳз бо истифода аз ҷиҳатҳои ҳавасмандгардонии субъектҳои хоҷагидор ва рушди бахши воқеӣ истифода барем. Маълум карда шуд, ки сатҳи нокифояи рушд дар ҷумҳурӣ бо меъёрҳои баланди андозҳои ғайримустақим боиси он мегарданд, ки даромаднокии субъектҳои иқтисодии хоҷагидор кам гардида, даромади воқеӣ ва имкониятҳои пасандоз намудани онро коҳиш медиҳад. Бо ин роҳ, ба хулосае омадем, ки чунин таҷрибаи пешқадам барои пӯшонидани хароҷоти давлатӣ аз ҳисоби тақсимоти вобастагии корхонаҳои давлатӣ ба эътибор гирифта шавад.

# БОБИ II. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ТАНЗИМИ АНДОЗ

## 2.1. Механизмҳои арзёбии андозбандии рушди соҳибкории хурду миёна

Механизми таҳлили андозбандии рушди соҳибкории хурду миёна ҳамчун қисми таркибии низоми идоракунии андозбандӣ дар ташаккул додани даромадҳо ва таъмини рушди низоми бозорӣ хеле зарур мебошад. Дар ин самт, ташаббускорӣ ва созандагии субъектҳои иқтисодӣ мақоми ҳалкунанда дошта, амалӣ намудани он дар тақвият додани рушди соҳибкории хурду миёна имконият пайдо мекунад. Низоми соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз шаклҳои муносибатҳои идоракунии раванди хоҷагидорӣ бар омада, аз ҷумла бо ташаккулёбӣ ва фаъолият намудани субъектҳои хурд ва миёна дар ташаккул додани иқтисодию иҷтимоӣ ва даромади буҷет саҳми сазовор доранд. Дар ин замина, ташаккулёбии механизми андоз ҳамчун категорияи ташкилӣ ва иқтисодӣ баромад карда, дар раванди татбиқи объективии идоракунии муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ҳамчун фишанги афзун гардонидани иқтидори иқтисодӣ ва васеъ кардани манбаи андоз барои таъмини устувории буҷети сатҳҳои гуногун мебошад.

Дар доираи механизми идоракунии андоз унсурҳои асосӣ, аз қабили банақшагирӣ, танзим ва назорат истифода бурда шуда, ин раванд барои тамоми низоми таъмини идоракунии муносибатҳои андозбандӣ таъсирбахш ҳисобида мешавад. Ин раванд, дар заминаи ҳамоҳангии қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ рушд меёбад. Аз инҷо, тибқи назария ва амалияи идоракунии андозбандӣ, механизми андоз ин маҷмӯи усулҳо ва қоидаҳои муносибатҳои андозӣ мебошад, ки бо ёрии онҳо ҳадафҳои сиёсати андоз дар соҳаҳои гуногун,

аз ҷумла фаъолияти соҳибкории субъектҳои хурду миёна, амалӣ карда мешавад.

Субъекти механизми андозбандӣ дар доираи мақомоти махсусгардонидашуда дар самти ташаккул ва ғанигардонидани буҷет ва таъсиррасонӣ ба дараҷаи рушди иқтисодиёт ва иҷтимоиёт равона карда мешавад. Тамоми шароитҳо ва принсипҳои муайян намудани муқаррароти қонунҳо ва қоидаҳои андоз дар ниҳояти кор барои танзими иқтисоди миллӣ равона гардида, бо дарназардошти талаботҳои бозорӣ ва арзёбии таъсири омилҳо асос меёбанд. Асосҳои функсионалии механизми андозбандӣ мазмуни сиёсати андозро дар доираи фаъолияти субъектҳои хоҷагидор аз рӯйи унсурҳои банақшагирӣ, танзим ва назорат амалӣ менамояд (ниг. ба расми 2.1.1).




**Расми 2.1.1. – Асосҳои функсионалии механизми андоз дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидор**

***Сарчашма: таҳияи муаллиф***

Чи тавре аз расми 2.1.1 бар меояд, механизми андоз аз рӯйи банақшагирӣ, танзим ва назорат низоми муайянеро ифода мекунад. Банақшагирии андоз низоми аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснокгардидаи

дурнамои даромадҳои андоз бо дарназардошти шароити воқеии иқтисодӣ мебошад. Таъиноти он аз рӯйи арзёбии вазъи хоҷагидории давраи гузашта ба муайян намудани дурнамои иқтисодӣ барои таҳияи консепсияи андозбандӣ ва тасдиқи буҷет аз рӯйи даромадҳои андозӣ нигаронида мешавад. Мақсади асосии банақшагирӣ дар фаъолияти соҳибкории субъектҳои хурду миёна аз таъмин намудани нишондиҳандаҳои сифатӣ ва микдории барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он дар асоси қонунҳои муайянкунандаи андоз ба шумор меравад. Дар шароити шарикии байни давлат ва бахшҳои хусусӣ мақоми давлат хеле калон буда, ба дастгирии субъектҳои инфиродии хоҷагидор ва омили рушд табдил меёбад. Соҳибкоронии инфиродӣ, аз ҷумла таъмини устувории андоз дар заминаи васеъкунии манбаи андоз аз ҳисоби фаъолияти соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ, ташаббускорӣ нишон дода, дар асоси навовариҳо ба афзун гардонидани дараҷаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ аз ҳисоби зиёд кардани ҳаҷми молу маҳсулот ва хизматрасониҳои ватанӣ, ҳамчун омили мусбат баромад мекунанд. Банақшагирии андоз дар сатҳи давлат ба таҳлили даромадҳои андоз, муайян кардани самт ва омилҳои таъсиррасон ба манбаи андозбандишаванда нигаронида шуда, дар ин замина ҳисоб кардани даромадҳои андозию ғайриандозӣ ба буҷети сатҳҳои гуногун муайян карда мешавад.

Унсури дигари механизми андоз ин танзими андоз ба шумор рафта, тадбирҳои иқтисодиеро дар бар мегирад, ки аз тариқи истифодабарии онҳо дахолати фаврӣ ба раванди такрористеҳсолкунӣ амалӣ мегардад. Ҳамзамон, таъсиррасонии тадбирҳои мазкур ба раванди маблағгузорӣ, таъмини мувозинати буҷет ва худтанзимкунии муносибатҳои дохилиандозӣ нигаронида шудааст. Дар асоси қоидаҳои имконпазирии иқтисодию молиявӣ ва таъмини мувозинати манфиатҳо, барои ноил

шудан ба фароҳам овардани фазои ягонаи андоз, дар фаъолияти дохилӣ ва берунии субъектҳои хоҷагидор, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна, истифодаи имтиёзҳо дар самтҳои афзалиятноки соҳавӣ ва минтақавӣ бо дарназардошти гардиши сармоя муфид мебошад. Дар ниҳояти кор мақсади танзим ба самте нигаронида мешавад, ки зимни амалӣ намудани он ҳамоҳангии байни давлат, субъектҳои хоҷагидор ва аҳолӣ таъмин карда мешавад.

Дар низоми идоракунӣ истифодабарӣ аз унсури назоратӣ барои муқоиса ва дарёфти омилҳои таъсиррасон, бо мақсади бартараф кардани камбудиҳо ва қабули қарор, шароити мусоид ба шумор меравад. Бинобар ин, назорати андоз ин маҷмӯи тадбирҳое мебошад, ки онҳо таҳлили сабабҳои дигаргуншавиро аз ҳисоби маблағҳои пешбинишудаи даромадҳои андоз ифода мекунанд. Дар ниҳояти кор, онҳо, воситаи муфид гардонидани қарорҳои идоравӣ оид ба татбиқи талаботҳои қонунгузории низоми андоз ба шумор меравонд, ки дар рафти мувофиқ гардонидани нишондиҳандаҳои воқеӣ ва нақшавӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд. Дар ин самт, дуруст ҳисобкунии андозҳо, бо пуррагӣ воридшавии пардохтҳои андозӣ ва ӯҳдадориҳо ба буҷет барои асосноккунии фаъолияти минбаъдаи субъектҳои хурду миён критерияҳои асосӣ а ба ҳисоб мераванд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар адабиётҳои иқтисодӣ масъалаҳои механизми андоз аз ҷониби мутахассисони гуногун баррасӣ гардида, тавсифи он гуногун мебошад. Тибқи ақидаи Е.С. Мураховский механизми андоз ҳамчун «маҷмӯи маблағҳо ва истифодаи муносибатҳои андоз дар фазо, вақт, мақсади муайян ва тарзи ташкили таъсири андозро ба равандҳои иқтисодӣ инъкос менамояд”.[37] Аз назари мо, дар ақидаи мазкур ҳадафҳои механизми андозбандӣ каме маҳдуд мебошад. Чунки,

[37] Мураховская Е.С. Налоговое регулирование формирования финансовҷх ресурсов территорий / Е.С. Мураховская. СПб., 1997. – С.8.

мазмуни механизми андозбандӣ фақат ба ташкили воситаҳо ва усулҳои андозбандӣ маҳдуд шарҳ ёфтааст. Бинобар ин, барои пурратар гардонидани он мо чунин андешаи дорем, кишаҳри механизми андоз бояд ба субъекти мушаххаси хоҷагидорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна алоқаманд карда шуда, сипас баҳо дода шавад.

Ба ақидаи Д.А. Черник механизми андоз, ҳамчун «“соҳаи назарияи андозбандӣ" ё "категорияи иқтисодии ташкилӣ" рабт дода шуда, ба таври объективӣ зарурати назоратро аз рӯйи таносуби идоракунии муносибатҳои азнавақсимкунии ташаккулёбии як қисми даромади миллиро аз рӯйи зерсистемаҳои банақшагирӣ, танзим ва назорати андозӣ ифода мекунад. Зерсистемаҳои номбаршуда ба ҳолатҳои фундаменталии назарияи иқтисодӣ алоқаманд буда, онҳо қисми таркибии муносибатҳои такрористеҳсолӣ ба шумор меравандд. Дар маҷмуъ, механизми андоз ин худ истеҳсоли воқеии андоз мебошад».[38] Маҳз ҳамин ҷиҳат мавқеи муаллифии моро дар бар мегирад ва қайд кардан зарур аст, ки алоқамандии механизми андоз ва рушди фаъолияти соҳибкории субъектҳои хурду миёнаро дар робита ба коркарди ашёи хоми ватанӣ, васеъ кардани бозори дохилӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегиии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ифода менамояд.

Алоқамандии механизми андоз ва рушди шаклҳои нави хоҷагидорӣ дар осори олимони ватанӣ низ мавқеъи махсус пайдо кардааст. Масалан, ба ақидаи С. Комилов “иқтисоди бозаргонӣ пеш аз ҳама фазоест барои соҳибкории озод ва ривоҷ додани тиҷорат”.[39] Аз инҷо чунин бар меояд, ки дар шароити имрӯза, ташаккул ёфтани механизми андоз ба фаъол гардонидани фаъолияти корхонаҳои хурду миёна ва дар ҳамин замина, афзун гардонидани гардиши молу хизматрасониҳои ватанӣ хеле зарур мебошад.

---

[38] Черник Д.Г. Налоги в рчночной экономике / Д.Г. Черник. – М., 1997. – С. 25.
[39] Комилов С.Д. Азбука бизнеса Душанбе: НИЦ Диловар – ДДМТ, 1994. – С. 7

Тибқи ақидаи А.М. Маъмуров масъалаи такмил додани механизми андоз аз нигоҳи таъмини бехатарии ташакулёбии андозии минтақаҳо шарҳ дода мешавад, аз ҷумла чунин қайд мегардад, ки “маҷмӯи унсурҳои механизми андоз нақши муҳимро дар раванди идоракунии андоз мебозанд ва аз мутобиқати онҳо самаранокии маъмурикунонии андоз, ки амнияти андозии минтақаро таъмин менамояд, вобаста мебошад”.[40] Аз инҷо чунин бар меояд, ки дар раванди муносибатҳои андоз ташаккули унсурҳои механизми андоз ҳамчун самтҳои муҳимми сиёсати андоз буда, барои идоракунии равандҳои танзим, назорат ва дурнамои муносибатҳои андозӣ нақши муҳим дорад.

Дар баробари ин қайд кардан бамаврид аст, ки такмили ёфтани механизми андоз дар баробари ҷиҳатҳои ташкилию иқтисодӣ, инчунин зарурати таҳлил, арзёбӣ ва дурнамои таъмини самаранокии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла субъектҳои хурду миёнаро ба миён овардааст. Дар робита ба ин аз ҷониби олимони ватанӣ С. Маъдиев ва У.М. Воҳидов ҷиҳате мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки истифодаи усулҳо ва моделҳои иқтисодӣ-математикӣ ба қатори воситаҳои муҳимтарини танзим ва идоракунии иқтисоди миллӣ ва минтақавӣ баромад менамоянд. Аз ҷумла, “механизми самараноки ташаккулёбии маблағҳои андоз дар соҳаҳои гуногун тавассути истифодабарии чунин воситаҳо имконияти баҳодиҳии омилҳои таъсиррасон ва сиёсати иқтисодиро бо мақсади қарорҳои муфид таъмин мегардонад”.[41] Ҳамин тавр, чунин навъи воситаҳои таҳлил ба талаботҳои рақамикунонӣ мутобиқ буда, барои заминагузории фаъолияти ояндавии субъектҳои

---

[40] Маъмуров А.М. Такмили маъмурикунонии андоз дар низоми чораҳои танзими рушди иқтисодиёти минтақа (тибқи маводи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон): рис. ... ном. илмҳои иқтисодӣ: 08.00.05 /А.М. Маъмуров. – Хуҷанд, 2021. – 192с. – С.120.

[41] Маъдиев С., Воҳидов У.М. Усулҳои оморию иқтисодии идоракунии гаронии андоз дар сатҳи корхона. Монография / С. Маъдиев, У.М. Воҳидов. –Душанбе, 2019. – 120с. –С.106.

хоҷагидор ва қабули қарорҳои муфид, хеле таъсирбахш баромад менамоянд.

Механизмҳои арзёбӣ намудани фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар робита ба андозбандӣ аҳамияти калони илмию назариявӣ дошта, дар шароити рақамикунонӣ барои ташаккул додани натиҷаҳои молиявӣ, таҳлил ва дурнамои онҳо хусусиятҳои худро доро мебошад. Дар ин самт ҷиҳате муҳим шуморида мешавад, ки фаъолияти воқеии субъектҳои соҳибкорӣ аз ҳисоби таъсири омилҳо ва ташаккул ёфтани занҷираи арзиши илова, бо мақсади васеъ намудни манбаи андозбандӣ бо дарназардошти унсурҳои механизми андозбандии субъектҳои соҳибкории хурду миёна, ҳамчун омили рушд дар низоми идоракунии андозбандӣ баромад мекунанд (ниг. ба расми 2.1.2).




**Расми 2.1.2. – Механизми арзёбии андозбандии субъектҳои хоҷагидори хурду миёна**

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Чӣ тавре аз расми 2.1.2 ба назар мерасад, барои тақвият додани муносибатҳои андозбандӣ, риояи пайдарпаии унсурҳои дар механизми мазкур овардашуда хеле муҳим мебошад. Онҳо дар заминаи риояи

принсипҳои андозбандӣ ва ҳамоҳангии амалиётҳои буҷетӣ ва вариантҳои низомҳои муқарраргардида, имкониятҳои рушди субъектҳои хоҷагидориро таъмин менамоянд. Бо дарназардошти муфидгардонидани меъёрҳои андозӣ ва таркиби намудҳои андоз ҳавасмандии субъектҳоро бобати навовариҳо, истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ва баланд бардоштани хизматрасониҳои андозӣ ба вуҷуд меорад, аз ҷумла зимни маъмурикунонии андоз ва рақамикунонии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор даромади субъектҳо афзоиш ёфта, бо пуррагӣ ва саривақти ташаккул ёфтани буҷет ба амал меояд. Бояд қайд намуд, ки дар механизми овардашуда, шаклҳои нави хоҷагидории соҳибкории хурду миёнаи ба коркарди ашёи хоми ватанӣ нигаронидашуда дар ҷумҳурӣ мақоми асосиро касб мекунанд.

Механизми мазкур дар низоми идоракунӣ арзёбии алоқамандии фаъолияти субъектҳои хурду миёнаро тибқи низоми содакардашудаи андозбандӣ дар бар мегирад, бахусус дар самти тақвият додани шаклҳои нави хоҷагидории ба коркарди ашёи хоми ватанӣ асосёфта мебошад. Бинобар ин, чорабиниҳои дар самти рушди соҳибкорӣ нигаронидашуда натанҳо аҳамияти умумиҷумҳуриявӣ, балки аҳамияти минтақавӣ низ доранд. Чунки рушди соҳибкорӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ дар кишвар ва минтақаҳои он нобаробар ба назар мерасанд. Ба ақидаи мо, сабаби асосии нобаробарии мазкур ин амал намудани шароити ибтидоии иқтисодию иҷтимоии амалкунанда дар раванди ислоҳоти иқтисодии мамлакат мебошад. Суръати нисбатан баландтари рушди соҳибкории хурду миёна дар минтақаҳое таъмин гардид, ки иқтидори истеҳсолии онҳо зиёд буданд. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ фаъолияти соҳибкории шаклҳои гуногун барои таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ нақши муҳимро доранд, зеро рушди

фаъолияти соҳибкорӣ барои ҷалби самоягузориҳои хориҷӣ, дар доираи амал намудани механизми нави хоҷагидорӣ, мусоидат менамояд.

Механизми овардашуда барои ташаккул додани фаъолияти соҳибкории хурду миёна мақоми махсусро гирифта, бо дарназардошти истифодаи таҷрибаи пешқадам ва хусусиятҳои минтақавӣ дар заминаи техника ва технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ба натиҷаи молиявии субъектҳои хоҷагидор дар самти таъмини устувории буҷети сатҳҳои гуногун мусоидат менамояд. Чунин муҳити инноватсионии фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна, ба ақидаи мо шароити мусоиди ташкилию иқтисодӣ ва ҳуқуқиро истифода намуда, бо дарназардошти васеъ шудани муҳити инфрасохтори инноватсионӣ ҳамчун омили такмили механизми арзёбии андозбандии субъектҳои хоҷагидори хурду миёна баромад мекунад. Дар ташаккул додани фаъолияти молиявии субъектҳои соҳибкории хурду миёна, бо мақсади роҳандозӣ намудани занҷири арзиши илова чӣ тавре аз амалияи андозбандӣ бар меояд, муфидгардонии гаронии андоз яке аз нишондиҳандаҳои муҳими арзёбӣ намудани фаъолияти субъектҳои хоҷагидор мебошад. Қайд кардан бамаврид аст, ки нишондиҳандаи мазкур дар муфид гардонидани муносибатҳои андозбандӣ бо дарназардошти муайян ва интихоби меъёрҳои муфид, инчунин шаффофияти манбаи андоз ва ҷалби субъектҳои хоҷагидор, барои таъмини устувории иқтисоди миллӣ муайянкунанда мебошанд.

Дар натиҷаи истифодаи имкониятҳои ҳавасмандгардонии андозӣ, ҳар як субъекти соҳибкории хурду миёна дар асосии ташаббускорӣ аз имкониятҳои назарраси техника ва технологияҳои муосир доираи фаъолияти худро васеъ менамояд. Ҳамзамон, бо ҷалби қувваи кории арзон ва коркарди ашёи хоми ватанӣ дар татбиқи ҳадафҳои стратегӣ барои таъмини бехатарии озуқаворӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он имконияте пайдо мегардад,

ки натиҷаи ниҳоии он ба васеъшавии манбаи андоз ва ғанигардонии буҷети сатҳҳои гуногун оварда мерасонад.

Дар натиҷаи татбиқ намудани санадҳои ташкилию меъёрии ҷорӣ кардани шаклҳои нави хоҷагидорӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ пайваста дигаргун гардида, дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ ғани гардонидани буҷети сатҳҳои гуногун саҳми арзанда пайдо намудаанд (ниг. ба ҷадв. 2.1.1).

**Ҷадвали 2.1.1 – Нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2022**

| Солҳо | Субъектҳои соҳибкории хурд | | | | Субъектҳои соҳибкории миёна | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ворид оти андоз, млн. сомон ӣ | Шумораи субъектҳо, адад | Даромади умумӣ, млн. сомонӣ | Гаронии андоз, % | Воридот и андоз, млн. сомонӣ | Шумораи субъектҳо, адад | Даромади умумӣ, млн. сомонӣ | Гаронии андоз, % |
| 2015 | 14,5 | 593,6 | 241,0 | 6,0 | 205,0 | 301,0 | 1873,8 | 10,9 |
| 2016 | 14,7 | 599,6 | 243,4 | 6,0 | 213,0 | 309,0 | 1892,7 | 11,3 |
| 2017 | 14,8 | 605,7 | 245,9 | 6,0 | 223,0 | 319,0 | 1911,8 | 11,7 |
| 2018 | 15,0 | 612 | 248,4 | 6,0 | 238,0 | 334,0 | 1 931,1 | 12,3 |
| 2019 | 15,5 | 608 | 252,6 | 6,1 | 252,9 | 370,0 | 2 231,1 | 11,3 |
| 2020 | 16,2 | 602 | 268,1 | 6,0 | 262,9 | 416,0 | 2 435,3 | 10,8 |
| 2021 | 16,3 | 594 | 260,7 | 6,3 | 381,7 | 476,0 | 2 933,6 | 13,0 |
| 2022 | 15,1 | 591 | 244,8 | 6,2 | 380,3 | 493,0 | 3 126,0 | 12,2 |

***Сарчашма**. Таҳияи муаллиф аз рӯйи: ҳисоботҳои даврии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Чӣ тавре аз маълумоти омории ҷадвали 2.1.1 бар меояд, нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар давоми солҳои 2015 -2022 тамоилеро дар бар мегиранд, ки дар маҷмуъ натиҷаҳои молиявӣ бо тағйиротҳои таркибӣ майли мусбат доранд. Дар маҷмуъ соли 2022 шумораи субъектҳои истеҳсолии хурду миёна 1083 адад ба қайд гирифта шудааст, ки аз он 54,5%-ро субъектҳои хурди истеҳсолӣ ва 45,5%-ро субъётҳои миёнаи истеҳсолӣ ташкил медиҳанд.

Ҳамзамон, дар раванди таҳлил маълум карда шуд, ки ҷараёни гузариши субъектҳои хурд ба миёна мушоҳида карда мешавад, ки ин аз тақвият ёфтани шаклҳои нави хоҷагидорӣ, устувор гардонидани вазъи молиявии онҳо дарак медиҳад. Ҳарчанд шумораи субъектҳои хурди истеҳсолӣ аз субъектҳои миёнаи истеҳслой зиёд бошад ҳам, лекин аз рӯйи натиҷаи фаъолияти молиявӣ, пардохти андозии субъектҳои миёнаи истеҳсолӣ нисбат ба хурд ба маротиб зиёд мебошад. Аз назари мо, чунин ҳолат ифодакунандаи раванди ташаккулёбии муносибатҳои бозорӣ, рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшаванда дар бозори дохилӣ ва беҳтар гардидани сохтори ҳаракати субъектҳои истеҳсолӣ дар шароити имрӯза мебошад. Қайд кардан бамаврид аст, ки новобаста аз тамоили болоравии гаронии андоз дар фаъолияти субъектҳои истеҳсолии хурду миёна нишондиҳандаҳои молиявии субъектҳои мазкур нисбатан хуб ташаккул ёфтаанд.

Таҷрибаи муносибатҳои иқтисодӣ дар дохил ва хориҷи кишвар нишон медиҳад, ки корхонаҳои хурд барои тақвият ёфтани корхонаҳои миёна мусоидат менамоянд ва дар ин замина имкониятҳои иқтидории иқтисодӣ дар маҷмӯъ афзуда, устувории буҷетро таъмин мегардонанд. Бинобар ин, қайд кардан бамаврид аст, ки мавқеъгирии байниҳами субъектҳои истеҳсолӣ ва ғайристеҳсолӣ асоси ташаккул ёфтани ҳаҷми маҳсулот ва хизматрасониҳо дар заминаи истифодабарии самараноки дороиҳои субъектҳои мазкур тибқи талаботҳои бозорӣ мебошад. Вобаста ба ин, тибқи омори расмӣ соли 2021 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 676438 адад субъектҳои хоҷагидор фаъолият менамоянд. Аз теъдоди умумии субъектҳои хоҷагидор 48625 адад шахсони ҳуқуқӣ мебошанд, ки аз онҳо 35088 адад фаъол баромад карда, дар ташаккул додани нишондиҳандаҳои молиявию иқтисодӣ саҳми калон доранд. Ҳамзамон, соҳибкорни инфиродӣ тибқи шаҳодатнома ва патент фаъолияткунанда

307878 ададро ташкил дода, аз онҳо тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда 36637 адад, тибқи патент фаъолияткунанда 104241 адад ва хоҷагиҳои деҳқонӣ 167000 адад мебошанд.[42]

Ҳамин тавр, қайд кардан бамаврид аст, ки механизмҳои арзёбии андозбандии рушди соҳибкории хурду миёна дар заминаи нишондодҳои амалиётҳои иқтисодию иҷтимоӣ ҳамчун заминаи устувори таъмини шуғли меҳнат, истеҳсоли молу маҳсулоти ватанӣ, афзоиши гардиши савдо, бештар гардидани содирот, таъмини устувории молиявӣ дар сатҳҳои гуногуни буҷетӣ бароммад мекунад. Яъне, дар шароити имрӯза субъектҳои хурду миёна ҳамчун омили рушди иқтисоди миллӣ мавқеи устувор пайдо карда истодаанд. Ҳамзамон, қайд кардан зарур аст, ки ҳавасмандгардонӣ дар ин самт хеле муҳим буда, барои таъмини рушди минбаъдаи соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии давлатӣ низ хеле муҳим мебошад. Чунки маҳз дар ин асос муносбатҳои андозӣ дар алоқамандӣ бо коҳиш додани гаронии андоз, истифодаи қарзҳои имтиёзнок, баланд бардоштани маҳорати молиявӣ бо дарназардошти ташаккул ёфтани инфрасохтори иттилоотию иртиботӣ, имтиёзу сабукиҳои андозӣ ва зарурати истифодабарии усулҳо ва моделҳои эконометрикӣ барои қабули қарорҳои муфид ба амал , ки ҳамчун заминаи такмил додани механизми арзёбии андозбандии рушди соҳибкории хурду миёна баромад мекунад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки барои амалӣ гардонидани нуқтаҳои муҳими барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии минтақавӣ, такмил додани механизми арзёбии андозбандии рушди соҳибкории хурду миёна, тавсифи минтақавии фаъолияти субъектҳои мазкур хеле зарур мебошад. Чунки тамоми имконият ва захираҳо дар сатҳи минтақаҳо ташаккул ёфта, барои таъмини буҷети маҳалҳо ва ҷумҳуриявӣ заминаи моддӣ

[42] Омори солана Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ.-Душанбе, 2022. – С. 221-230.

фароҳам оварда мешавад, ки ин аз нигоҳи устуворгардонӣ дар заминаи кам кардани ҳолатҳои дотатсионӣ ва субвенсионӣ аҳамияти калони илмию назариявӣ дорад (ниг. ба ҷадв. 2.1.2).

**Ҷадвали 2.1.2 – Шумораи субъектҳои хоҷагидори тибқи патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2022**

| Минтақаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/2016 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ВМБК | 4053 | 4393 | 4650 | 5122 | 5778 | 5197 | 5799 | 143,0 |
| Суғд | 102421 | 107272 | 113301 | 117075 | 119742 | 112955 | 112222 | 109,6 |
| Хатлон | 91181 | 95 210 | 98 882 | 102035 | 105538 | 99235 | 99852 | 109,5 |
| ш.Душанбе | 38738 | 40 046 | 40 887 | 42 543 | 42 503 | 35835 | 34815 | 89,8 |
| НТҶ | 52290 | 54377 | 58170 | 59718 | 61745 | 54656 | 54574 | 104,4 |
| Ҳамагӣ | 288683 | 301298 | 315890 | 326493 | 335306 | 307878 | 307262 | 106,4 |

***Сарчашма:*** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, 2023. –С.231.*

Аз маълумоти омории ҷадвали 2.1.2 бар меояд, ки шумораи субъектҳои хоҷагидор дар давоми солҳои 2016 – 2022 бо тариқи умум 1,1 маротиба ё 6,4% афзоиш ёфта, чунин тамоил хоси тамоми минтақаҳои кишвар мебошад. Механизми амал намудани онҳо ба шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ асос ёфта, дар заминаи ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкории хурду миёна барои рушди бахши воқеӣ, алалхусус кишоварзӣ ва дар ҳамин замина ба роҳ мондани ашёи хом дар минтақаҳо мавқеъ пайдо кардааст. Чунин майл, аз тағйироти сохтории шаклҳои хоҷагидорӣ вобаста буда, ташаккул ёфтани фаъолияи субъектҳои соҳибкории шахсони ҳуқуқӣ мақоми махсус мегирад. Дар давраи таҳлилӣ фаъолити чунин субъектҳои соҳибкорӣ мунтазам тағйир ёфта, дар ташаккули иқтидори иқтисодии минтақаҳо саҳми калон доранд (ниг. ба ҷадв. 2.1.3)

**Ҷадвали 2.1.3 – Шумораи корхонаю ташкилотҳои шахсони ҳуқуқӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2022**

| Минтақаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/2016 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ВМБК | 1725 | 1609 | 1669 | 1797 | 1870 | 1920 | 2015 | 116,8 |
| В. Суғд | 10325 | 10716 | 11025 | 11906 | 12187 | 12359 | 13228 | 128,1 |
| В. Хатлон | 12346 | 12484 | 12773 | 13805 | 14021 | 14218 | 14820 | 120,0 |
| ш. Душанбе | 10856 | 10280 | 10656 | 11275 | 11708 | 12498 | 13886 | 127,9 |
| НТҶ | 7095 | 6942 | 7129 | 7682 | 7853 | 7630 | 8185 | 115,4 |
| Ҳамагӣ | 42347 | 42031 | 43252 | 46465 | 47639 | 48625 | 52134 | 123,1 |

***Сарчашма.*** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ.- Душанбе, 2023. –С.226.*

Тибқи маълумоти омории ҷадвали 2.1.3 шумораи шахсонӣ ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории миёна ва калон дар давраи таҳлилӣ ба ҳисоби миёна дар сатҳи ҷумҳурӣ ба 1,23 маротиба ё 123,1% афзоиш ёфта, зимнан шахсони ҳуқуқӣ аз ҷиҳати ташкилӣ мавқеи таъсирбахш дорад. Алалхусус, дар таъсиси даромади буҷети давлатӣ онҳо қисми асосии ташаккул ёфтани даромади буҷетро нишон медиҳанд. Масалан, қисми бештари даромадҳои андозӣ дар маҷмӯи воридоти андозҳо ин Андоз аз арзиши илвашуда (ААИ) - 40,9% ва андоз аз фоида -27,1% мебошад,[43] ки аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ пардохт карда мешаванд. Бояд қайд намуд, ки шахсони ҳуқуқӣ ба сифати субъектҳои миёна ва калон муқаррар шуда, мувофиқан аз рӯйи низомҳои андозбандии содакардашуда ва умумӣ фарогири андозбандӣ мебошанд. Тибқи маълумоти оморӣ бештар аз 80%-и шахсони ҳуқуқиро субъектҳои соҳибкории миёна ташкил медиҳанд.

Ҳамин тариқ, низоми фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна, ки онҳо тақвиятдиҳандаи заминаҳои моддии ташаккул ёфтани корхонаҳои калон мебошанд, зарураторо ба миён меорад, ки ба онҳо таваҷҷуҳ зоҳир намуда, бо роҳи шарикии давлат бо бахши хусусӣ ба

[43] Ҳисоби муаллиф дар асоси: Омори солонаи Ҷумхурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, 2022. – С. 390.

рушди субъектҳои мазкур мусоидат менамояд. Чунки, тавре аз таҷрибаи мамлакатҳои тараққикарда бар меояд, соҳибкории хурду миёна таъминкунандаи асосии дастовардҳои илмию техникӣ, навовариҳо, таъмини шуғл ва самаранок ба роҳ мондани захираҳои иқтисодӣ ва афзун гардонидани коркарди ашёи хоми ватанӣ барои тақвият додани иқтидори иқтисоди миллӣ, бештар кардани манбаи андоз ва таъмини устувории даромади буҷет ба шумор меравад.

**Хулосаи зербоби 2.1**

Ҳамин тариқ, механизмҳои арзёбии андозбандии рушди соҳибкории хурду миёна дар низоми идоракунии андозбандӣ, барои ба эътибор гирифтани ҳаҷм ва таркиби даромадҳо дар раванди соҳибкорӣ, зарурати омӯзишро ба миён овардааст. Бо ин мақсад, ҷиҳате ба эътибор гирифта мешавад, ки ташаббускорӣ ва созандагии субъектҳои хоҷагидор дар заминаи тақвият додани рушди соҳибкории хурду миёна барои Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои зиёди рушдро ба амал меорад.

Дар ин самт, ташаккул додани механизми андозбандӣ барои рушди фаъолияти субъектҳои хоҷагидор муайянкунанда ба шумор меравад. Бинобар ин, дар раванди таҳқиқот асосҳои функсионалии чунин механизмро аз мавқеи банақшагирӣ, танзим ва назорат коркард ва пешниҳод карда шуд. Вобаста ба ин ақидаҳои зиёд ҷой дошта, мавқеи мо аз он бар меояд, ки амал намудани чунин механиз бояд ба субъекти мушаххаси хоҷагидорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна, алоқаманд карда шуда, мавриди истифодабарӣ қарор дода шавад. Ҳамзамон, ҷиҳате собит гардонида шуд, ки алоқамандии механизми андоз ва рушди фаъолияти соҳибкории субъектҳои хурду миёна дар коркарди ашёи хоми ватанӣ ва васеъ ба роҳ мондани рушди муносибатҳои бозорӣ дар самти татбиқи ҳадафҳои стратегиии кишвар ифода меёбад. Бо ин роҳ, мо асоснок намудем, ки воситаҳои таҳлил тибқи талаботҳои рақамикунонӣ

ба роҳ монда шуда, фаъолияти ояндавии субъектҳои хоҷагидор ва қабули қарорҳои муфид амалӣ гардонида шавад.

Дар раванди таҳқиқ муайян карда шуд, ки фаъолияти воқеии субъектҳои соҳибкорӣ ба таъсири омилҳо ва ташаккул ёфтани занҷираи арзиши илова вобаста буда, дар ин асос манбаи андозбандӣ бо дарназардошти унсурҳои механизми андозбандӣ ҳамчун омили рушд дар низоми идоракунии андозбандӣ баромад мекунанд. Бо ин мақсад механизми арзёбии андозбандии субъектҳои хоҷагидори хурду миёна коркард гардида, барои тақвият додани муносибатҳои андозбандӣ бо дарназардошти занҷири арзиши илова, муфидгардонии гаронии андоз барои фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна пешниҳод гардонида шуд. Чунин механизм дар асоси муайян ва интихоби меъёрҳои муфид, инчунин шаффофияти манбаи андоз ва ҷалби субъектҳои хоҷагидор ба таъмини устувории иқтисоди миллӣ дар низоми идоракунӣ барои ғанӣ гардонидани буҷети сатҳҳои гуногун мусоидат мекунад.

Дар ин замина, нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ дар кишвар натиҷаҳои молиявиро дар бар гирифта, бо мақсади арзёбӣ намудани тамоили болоравии гаронии андоз дар фаъолияти субъектҳои истеҳсолии хурду миёна ҳамчун критерияи асосӣ баромад мекунад. Дар раванди кор собит намудем, ки муносбатҳои андозӣ дар алоқамандӣ бо коҳиш додани гаронии андоз, истифодаи қарзҳои имтиёзнок, баланд бардоштани маҳорати молиявӣ бо дарназардошти ташаккул ёфтани инфрасохтори иттилоотию иртиботӣ, имтиёзу сабукиҳои андозӣ ва зарурати истифодабарии усулҳо ва моделҳои эконометрикӣ ҳамчун фишанги идоракунӣ баромад мекунанд.

Дар заминаи ба эътибор гирифтани санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзими фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна, бо мақсади ба

роҳ мондани корҳои таҳлилӣ ва баҳо додани фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, механизми амал намудани субъектҳои мазкур мавриди истифодабарӣ қарор дода шуда, истифодаи онҳо ҳамчун фишанги арзёбӣ намудани таъсиси даромади буҷети сатҳҳои гуногун пешниҳод гардонида шуд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқ ва омӯзиш маълум гардид, ки арзёбии таъсири андозбандӣ ба нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар кишвар зарурияти таҳқиқи асосҳои назариявӣ, методологӣ ва методиро дар бар гирифта, барои ба эътибор гирифтани манфиатҳои умумӣ ва дастгирии рушди соҳибкории хурду миёна, инчунин барои ташаккул додани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ хеле муҳим баромад мекунад.

## 2.2. Таҳлил ва баҳодиҳии вазъи институтсионалии низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна

Дар шароити дигаргуншавии механизми идоракунии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ворид шудан ба тарзи нави фаъолияти иқтисодию хизматрасонӣ зарурате дар пеш меистад, ки дар ташаккулдиҳӣ ва сафарбар намудани захираҳо механизмҳои махсус истифода бурда шаванд. Чунки дар чунин шароит қобилияти харидории аҳолӣ, афзоиши хизамтрасониҳои гуногун, аз ҷумла нақлиёт, ҳамзамон нокифоя будани дастрасӣ ба ашёи хом, технологияҳои нав, сармояи қарзӣ, равандҳои рақамикунонӣ ва дигар хароҷотҳо тезтағйирёбанда буда, бинобар мураккаб будани ҳолатҳои мазкур зарурати сафарбар гардидани унсурҳои маъмуриро ба миён меорад. Яъне, зарурати истифода бурдани фишангҳои андозию буҷетӣ ҳамчун воситаҳои

идоракунии давлатӣ дар заминаи рушди соҳибкории истеҳсолию хизматрасонии инфиродӣ бештар мегардад.

Тибқи моддаи 45-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон "Супоридани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, ҳатмист. Қонунҳое, ки андозҳои навро муқаррар мекунанд ё вазъи андозсупорандагонро бадтар мекунанд, қувваи бозгашт надоранд ".[44] Аз инҷо чунин бар меояд, ки баланд бардоштани фишанги андозию буҷетӣ ҳамчун унсури институтсионалӣ бевосита аз қабулу ба роҳ мондани муфиди ислоҳоти қонунгузории андоз ва ба эътибор гирифтани оқибатҳои таъсири он ба иқтисоди миллӣ дар шароитҳои буҳронӣ алоқамандии зич дорад. Ҳамзамон, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» нуқтаҳои муҳими ташкилию ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории хурду миёна мавриди баррасӣ қарор дода шуда, оид ба риояи принсипҳои асосии ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонуни мазкур “...қонуният, шаффофияти фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, баробарҳуқуқии ҳамаи субъектҳои соҳибкорӣ, кафолати ҳимояи ҳуқуқ ва таъмини фаъолияти озоди субъекти соҳибкорӣ, иштироки озоди субъектҳои соҳибкорӣ дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба манфиатҳои соҳибкорӣ дахлдошта ва афзалияти рушди соҳибкории хурд ва миёна”[45] муайянкунанда баромад мекунанд.

Муаммои дар боло зикргардида дар натиҷаи қабули Кодекси анави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 1-уми январи соли 2022 мавриди амал қарор дода шудаанд. Онҳо имкониятҳои ташаккул ёфтани захираҳо ва сафарбар кардани сармояро бо истифода аз механизмҳои нави хоҷагидорӣ, инчунин шароитҳои моддии амал намудани корхонаҳои

---

[44] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – С.10.

[45] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» аз 26 июли соли 2014, №1107. – С.2.

хурду миёнаро фароҳам овარданд. Алалхусус, аз ҳисоби коркарди ашёи хоми ватанӣ, созмон додани ҷойҳои нави корӣ, мавриди истифода қарор додани маблағгузорӣ ва андозҳои имтиёзнок ва дигар дастгириҳои давлатӣ рушди устувори иқтисоди миллӣ таъмин гардида, чунин ҷараён идома дорад.

Ба ақидаи олимони ватанӣ «Андозҳо набояд ба сармоя таъсир расонанд, зеро андозбандии баланди фоида ҳатто дар ҳолати таваррум мӯътадил боиси ноил шудан ба натиҷаҳои ниҳоӣ намегардад. Ҳатто андозҳои ғайримустақим, ки нархҳоро боло мебаранд, метавонад боиси болоравии нархҳо, кам шудани талабот ба молу хизматрасониҳо ва талафот дар истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ ба онҳо гардад».[46] Ба ақидаи мо, андозҳои аз ҳад зиёд ба раванди ташаккулёбии андозҳо таъсири манфӣ расонида, ин ҳолат ба кам гардидани ташаббускориҳои фаъолияти соҳибкорӣ, навовариҳо, истеҳсоли молу хизматрасониҳои рақобатпазир оварда мерасонад. Бинобар ин, омӯзиш, таҳқиқ ва муайян кардани низоми муфиди муносибатҳои андозӣ, ҳамчун ҷузъи ҳолати институтсионалии рушди иқтисоди миллӣ, хеле зарур мебошад.

Тибқи Кодекси андози собиқамалкунанда “андозбандӣ ба принсипи саҳеҳӣ ва ҳатмият нигаронида шуда, дар Кодекси нави андоз он ба принсипҳои қонуният, ҳатмият, саҳеҳӣ ва ҳамкории мақомоти андоз бо андозсупоранда, адолат, ягонагии низоми андоз ва шаффофият асос ёфтааст”.[47] Дар робита ба ин, қайд кардан бамаврид аст, ки тибқи қонунгузории амалкунанда муфидгардонии тамоми унсурҳои андозӣ аз тариқи таъсирасонии муфиди институтсионалӣ таъмин карда шаванд.

---

[46] Рахимов М.З. Правовые проблемы достижения конечного результата предпринимательской деятельности –Душанбе: Сино, 1998.-С. 138 -139

[47] Иброҳимзода И.Р., Мирсаидов А.Б., Одинаев М.А. Рушди низоми молиявию бонкии кишвар дар 31-соли истиқлолияти давлатӣ / И.Р. Иброҳимзода, А.Б. Мирсаидов, М.А. Одинаев//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.-Душанбе, 2022. - №8. – С. 85.

Қайд кардан бамаврид аст, ки Кодекси нави андоз шароитҳои институтсионалиро фароҳам овард, ки онҳо дар маҷмуъ барои тамини ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ мусоидат намуда, бо дарназардошти имтиёзу сабукиҳо ва умуман дастгирии давлатӣ имкониятҳои устувори дар амал татбиқ намулани сиёсати воридотивазкунандаро дар натиҷаи усутуворӣ пайдо кардани сиёсати содиротӣ ва устувории буҷет ба амал овард. Ҳамин тавр, амал намудани механизми институтсионалӣ аз тариқи беҳтар ба роҳ мондани равандҳои санҷиш ва назорати мақомотҳои танзимкунанда ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ба муътадил гардидани вазъи иқтисодӣ ва таносуби андозию буҷетӣ ба амал боис гардид. Ҳамзамон, тибқи қонунгузории нави андозӣ барои соҳибкорони ба фаъолияти истеҳсолӣ нигаронидашуда миқдори низомҳои имтиёзноки андозӣ бештар гардид, ки чунин ҳолатҳо бевосита барои соҳибкорон шароитҳои муфидро ба амал оварда, ҳамчун низоми муосири иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ таъсири унсурҳои институтсионалиро муфид гардонид.

Дар амал татбиқ гардидани чорабиниҳои иқтисодӣ, ташкилию ҳуқуқӣ ва нститутсионалии давлатӣ боиси муътадилии рушди иқтисодӣ миллӣ гардид. Дар доираи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар шароити имрӯза ММД - и соли 2021 дар ҳаҷми 98910,7 млн. сомониро ташкил дод[48], ки нишондиҳандаи мазкур дар натиҷаи муфид амал кардани механизми институтсионалӣ ҷараёни динамии рушди иқтисоди миллиро аз ҳисоби муфид сафарбар кардани фишангҳои андозию буҷетӣ дар низоми иқтисоди миллӣ таъмин намуд (ниг. ба ҷадв. 2.2.1)

---

[48] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, 2022. – С. 213.

**Ҷадвали 2.2.1 – Суръати афзоиши баъзе нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар солҳои 2015-2022, %**

| Солҳо / Нишондиҳандаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/ 2016 бо б.ф. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД-и воқеӣ | 6,9 | 7,1 | 7,6 | 7,4 | 4,4 | 9,4 | 8 | 1,2 |
| ММД ба сари аҳолӣ | 5,0 | 15,1 | 7,9 | 9 | 4 | 13,1 | 14,5 | 2,9 |
| Ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ нисбат ба ММД | 33,6 | 31,0 | 33,7 | 29,7 | 30,4 | 30,4 | 31,2 | 0,9 |
| Воридоти андозӣ нисбат ба ММД | 20,4 | 20,3 | 20,5 | 19,9 | 18,6 | 19,9 | 18,9 | 0,9 |

***Сарчашма:*** *Ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумотҳои омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, 2023. – С. 214, 378-390.*

Аз маълумоти ҷадвали 2.2.1 бар меояд, ки новобаста аз ноустувории тағйирёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодии овардашуда, дар маҷмуъ аз соли 2016 то соли 2022 рушди босуръати ММД ифода меёбад. Нишондиҳандаи мазкур дар давраи таҳлилӣ 1,2 банди фоизӣ афзуда, заминаи устувори даромадҳои буҷет ва андозиро ба амал овардаанд. Аз инҷо маълум мегардад, ки натиҷаҳои фаъолияти бахши воқеии иқтсодиёт афзудааст. Ҳамзамон, қайд кардан бамврид аст, ки дар давраи таҳлилӣ ММД ба ҳар сари аҳолӣ 2,9 банди фоизӣ, ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ нисбат ба ММД 0,9 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст. Дар ин раванд, маълум мегардад, ки воридоти андоз нисбат ба ММД 0,9 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст. Аз назари мо, чунин ҳолат аз номутобиқатии санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва иқтисодии давраи маъмурӣ дарак дода, бо дарназардошти татбиқи талаботҳои Кодекси нави андоз муфидгардонии таъсири ниҳодҳои институтсионалиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам оварда, ин дар самти андозу буҷет аз ҳисоби ҷорӣ намудани унсурҳои сохти нави хоҷагидорӣ ва дигаргуншавии вазъи иқтисодию иҷтимоиро аз рӯйи таъсири мусбати унсурҳои институтсионалӣ нишон медиҳад. Қайд кардан бамаврид аст, ки асоси

рушди иқтисоди миллӣ ин ба кор даровардани механизмҳои нави хоҷагидорӣ ва хусусиятҳои минтақавӣ дар шароити муносибатҳои бозорӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари аграрӣ буда, ҷалби шаклҳои нави хоҷагидорӣ ҳарчӣ бештар аз ҳамин ҳолат муайян мегардад. Дар ин самт, ташкили корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ бо ҷалби ашёи хоми ватанӣ аз ҳисоби рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ, фаъолияти саноатӣ, кишоварзӣ ва нақлиёт аз рӯйи нишондиҳандаҳои молиявӣ хеле зарур мебошад (ниг. ба ҷадв. 2.2.2).

**Ҷадвали 2.2.2 – Фоида (+) зарари (-) корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, млн. сомонӣ**

| Солҳо / Нишондиҳандаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Фоида, зарари балансӣ (-), аз ҷумла:** | -510,9 | -161,7 | 1770,3 | 2035,4 | 3326,1 | 7192,2 | 10947,6 |
| **Саноат** | -753,6 | -711,8 | 572,3 | 1137,4 | 3807,6 | 5525,9 | 8351,1 |
| **Кишоварзӣ** | -25,0 | -1,9 | -64,4 | -57,2 | -22,4 | 3,3 | 1,8 |
| **Нақлиёт ва алоқа** | 120,1 | 183,9 | 413,6 | 633,8 | -69,2 | 491,8 | 1110,7 |

***Сарчашма:*** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, 2022. – С. 409-410.*

Маълумотҳои оморӣ ва таҳлили онҳо нишон медиҳанд, ки дар давраи таҳлилӣ аз рӯйи таркиби соҳавӣ мавқеи саноат нисбатан устувор ба назар мерасад, ки ин пеш аз ҳама оиди татбиқ ёфтани сиёсати саноатикунонии босурати кишвар дарак медиҳад. Кишоварзӣ бошад, аз охири соли 2020 ба фоидаоварӣ майл пайдо кардааст. Соҳаи нақлиёт ва алоқа бошад, дар баробари қаблан муфид амал намудан, бинобар сабаби нокифоя будани унсурҳои коммуникатсионӣ, дар соли 2020 зараровар фаъолият намудааст. Соҳаи мазкур солҳои 2021-2022 нисбатан устувории худро пайдо кардааст, ки аз назари мо, ин асосан аз ҳисоби татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат дарак медиҳад. Аз ҷумла, аз бумбасти

коммуникстсионӣ баровардани кишвар барои интиқол додани молу маҳсулот дар дохил ва берун аз кишвар вобаста мебошад.

Ҳамзамон, қайд кардан бамаврид аст, ки дар натиҷаи таъсири иқтидори саноатӣ шаклҳои нави хоҷагидории деҳқонӣ (фермерӣ) афзудааст. Чунки, алоқаи байни хоҷагиҳо характери истеҳсолӣ ва коркард пайдо карда, заминаи моддии васеъ кардани иқтидори истеҳсолию хизматрасонӣ ва ташаккул ёфтани даромади буҷетро аз ҳисоби истифодаи унсурҳои институтсионалӣ ба амал овард. Масалан, ғайридавлатигардонӣ ва хусусигардонӣ ба оқибатҳои мусбӣ оварда расониданд. Аз назари мо, дар рушди соҳаи кишвоарзӣ, ҷиҳати пеш гирифтани хизматрасониҳои молиявӣ, аз ҷумла лизинги таҷҳизот ва техника бо мақсади ҷорӣ кардани иншооти нави иистеҳсолӣ, кафолати давлатӣ аҳамияти махсус ба шумордорад. Чунки, азнавтаҷҳизонии истеҳсолот ва навсозии дороиҳои субъектҳои иқтисодӣ дар бахши воқей шароитҳоеро ба амал овард, ки онҳо барои баланд бардоштани иқтидори иқтисодӣ ва дар ҳамин замина васеъ гардонидани манҳои нави андоз ва таъмини устувории буҷети давлатӣ ба шумормусоидат мекунанд.

Ба кор даровардани низоми андоз дар самти таъмини устувории андоз дар заминаи васеъкунии манбаи андоз аз ҳисоби фаъолияти соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ ҳамчун ҷузъи ҳолати институтсионалӣ ва асоси тақвият додани заминаҳои моддии иқтисоди миллӣ дар ҷумҳурӣ мебошад. Бинобар ин, дар заминаи босуръат афзоиш ёфтани дараҷаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, аз қабили дараҷаи воқеии ММД, даромадҳои давлатӣ ва андозӣ, сармоягузорӣ, ММД ба ҳар сари аҳолӣ, рушди бахшҳои воқей, аллахусус кишоварзӣ ва саноат имкониятҳофароҳам мегарданд, ки татбиқ намудани сиёсати молиявию андозӣ ва баланд бардоштани иқтидори иқтисодӣ ба шумор мераванд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки сармоягузорӣ, алалхусус риоя намудани таносуби ҳаҷми қарзи беруна ва ММД, имкониятҳоеро фароҳам меорад, ки онҳо боиси кам гардидани гаронии андоз ва фаъол гардидани соҳибкории хурду миёна ва калон ва ҳамин замина васеъ шудани манбаи андозбандӣ дар сатҳҳои гуногуни иқтисодиёт ва ғанӣ кардани таркиби буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ дар минтақаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал меояд.

Дар соли 2022 қисми хароҷоти буҷа нисбат ММД 30,5 млрд. сомониро ташкил медиҳад.[49] Дар ҳолати ба бахшҳои воқеӣ сафарбар намудани чунин маблағҳо даромадҳои субъектҳои истеҳсолию хизматрасонӣ аз нигоҳи рақобатпазирӣ афзуда, боиси устувор гардидани фаъолияти молиявии субъектҳои истеҳсолию хизматрасонӣ, иқтидори иқтисодӣ ва васеъ гардидани манбаи андозӣ мегардад. Дар ин ҷода, аз назари мо зарурате дар пеш меистад, ки тамоми маблағҳои буҷетӣ мавриди истифодабарии самаранок қарор дода шавад. Имрӯзҳо, бахшҳои воқеии иқтисодиёт бо пуррагӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қадри зарурӣ ба кор надаромдаанд, ки аз назари мо, яке аз сабабҳои он нокифоя будани маблағгузорӣ ва дастгирии моливӣ дар ин самт мебошад. Аз назари мо, барои истифодаи самараноки маблағҳои молиявӣ татбиқи фишангҳои институтсионалӣ дар мавриди шароитҳои хуби дастарсӣ ба захираҳои моливӣ имкониятҳоеро фароҳам меорад, ки Вазоарту идораҳо хароҷотҳои худро муфид гардонанд. Чунки, аксари субъектҳои мазкур дар натиҷаи таъсис додани маблағгузории буҷетӣ хароҷотҳоро барзиёд иҷро карда, захираҳои моддӣ ва намудҳои гуногуни хизматрасониҳоро бо нархҳои баланд дастрас мекунанд. Ҳамзамон, қайд кардан бамаврид аст, ки дар заминаи афзоиши минбаъдаи маблағгузорӣ барои бахшҳои воқеии иқтисодиёт хароҷотҳои

[49] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ.-Душанбе, 2022. – 391.

маъмурӣ кам гардида, бо сафарбар намудани фишангҳои институтсионалӣ таносуби даромаду хароҷот муфид гардонида мешавад.

Аз назари мо, таносуби муфиди нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ дар доираи фаъолияти байни бахшҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ барои таъмини рушди устувор ва рушди соҳаҳои воқеӣ, инчунин тақвият додани фаъолияти соҳибкорӣ новобаста аз шакли моликият баробарии адолатхоҳиро дар бар гирад. Дар ин ҷода, дар оянда ҳиссаи хароҷоти буҷет барои маблағгузории бахшҳои воқеӣ бояд аз хароҷоти марбут ба соҳаи ғайриистеҳсолӣ бештар ба амал ояд. Дар самти тақсимоти хароҷоти ғайриистеҳсолӣ, ҳиссаҷудокунӣ дар ташаккули хароҷотҳои илмӣ ва татбиқи дастовардҳои илмӣ, ба навовариҳо асос ёфта, зарурати мунтазамиро тақозо дорад. Чунин ҳолатҳо барои баланд бардоштани рақобатпазирии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми муносибатҳои иқтисодии дохилӣ ва байналмилалӣ хеле муҳим мебошанд. Алалхусус, васеъ ба роҳ мондани имтиёзҳои андозӣ дар самти коркард ва татбиқи дастовардҳои илмӣ ҳамчун омили баланд бардоштани таъсири мусбии фишангҳои институтсионалӣ дар тақвияти муносибатҳои молиявӣ ва андозӣ дар заминаи васъ шудани манбаи андоз ва устувор гардонидани даромадҳои буҷетӣ баромад мекунад. Яъне, кам гардонидани хароҷоти буҷет дар бахшҳои воқеӣ ва афзоиши ҳиссаи соҳаи ғайриистеҳсолӣ ба ақидаи мо ғайрисамаранок мебошад. Дар ин самт , маблағгузории соҳаҳои истеҳсолии давлатӣ бештар ба хароҷоти илм ва ҷорӣ намудани дастовардҳои илмӣ,бо дарназардошти рақобатҳои солим ва саҳми бештари давлатӣ , нисбатан аҳамиятнок мебошад.

Бо мақсади такмили низоми андоз дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун ҷузъи ҳолати институтсионалии рушди иқтисоди миллӣ, таҳия намудани сиёсати дарозмуддати буҷет, пеш гирифтани банақшагирии кутоҳмуддат, миёнамуҳлат ва дарозмуддат зарур

мебошад. Дар робита ба ин, истифода бурдан аз усулҳо ва моделҳои эконометрикиро хеле зарур мешуморем. Чунки онҳо имкониятеро фароҳам меоранд, ки асоснокии дурнамои банагшагиирии буҷетро ба миён оварда, фондҳои захираи молиявӣ ва моддиро барои ташкил кардани фаъолияти истеҳсолию хизматрасонӣ ва қабули қарорҳои беҳтар кардани низоми андоз дар асоси фишангҳои институтсионалии ба илм асосёфта таъмин менамояд. Вобаста ба ин, аз назари мо, таъмини такмили низоми андоз дар рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёа, ҳамчун ҷузъи институтсионалии рушди иқтисоди миллӣ, бояд аз таҳияи санадҳо ва меъёрҳои қонунии ба дастгирии давлатӣ асосёфта ва мавриди истифодабарӣ қарор ёбад. Тибқи маълумотҳои омори расмӣ дар соли 2022 хароҷотҳои буҷети давлати барои илм 119586,7 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки нишондиҳандаи мазкур нисбати соли 2016 ба андозаи 64082,9 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Таркиби нишондиҳандаи мазкур тибқи омори расмӣ чунин аст, ки соли 2022 шумораи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба 99133,1 адад баробар гардид, ки дар иҷрои онҳо 4496 мутахассис дар соҳаҳои гуногун ба кор ҷалб шудаанд. Ҳаҷми таҳқиқот ва коркарди аз ҷониби як мутахассиси анҷомёфта тақрибан 22049,2 сомониро ташкил медиҳад, ки ин ба ҳисоби миёна дар як моҳ ба 1837,4 сомонӣ баробар буда, аз маоши миёнамоҳонаи кишвар зиёдтар мебошад.[50] Қайд кардан бамаврид аст, ки чунин ҳолат то соли 2020 ба таври кофӣ амал намекард. Ин аз он дарак медиҳад, ки дар заминаи бакор даровардани таъсири ниҳодҳои институтсионалӣ таъсири илм дар ташаккул додани заминаҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ майли мусбӣ пайдо кардааст, ки ин аз сиёсати дурусти стратегияи илмии мамлакат ҳамчун фишанги институтсионалӣ барои тақвият додани иқтидори иқтисодӣ, беҳтар намудани нишондиҳандаҳои молиявии корхона ва

---

[50] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ.-Душанбе, 2023. – С. 68-69.

ташкилотҳо баромад мекунад. Дар натиҷа, манбаҳои нави андоз ба амал омада, дар ин асос беҳтар намудани вазъи буҷет ва молия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби сафарбар намудани фишангҳои институтсионалӣ дар самти ташаккул ёфтани вазъи молиявӣ ва таъмини рушди соҳаҳои воқеӣ дар кишвар баромад мекунад (ниг. ба ҷадв. 2.2.3.).

**Ҷадвали 2.2.3 – Фаъолияти молиявии корхонаю ташкилотҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ барои солҳои 2016 - 2022**

| Солҳо / Соҳаҳо, ҳолати молиявӣ | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | Миқдор, адад | 463 | 466 | 506 | 1140 | 1017 | 1400 | 1394 |
| | Фоида (+), Зарар (-), млн. сом | -25,0 | -1,9 | -64,4 | -57,2 | -22,4 | 3,3 | 1,8 |
| Саноат | Миқдор, адад | 774 | 825 | 904 | 1584 | 1648 | 1969 | 2144 |
| | Фоида (+), Зарар (-), млн. сом | -753,6 | -711,8 | 572,3 | 1137,4 | 3807,6 | 5525,9 | 8351,1 |
| Сохтмон | Миқдор, адад | 402 | 430 | 480 | 1122 | 1099 | 1244 | 1297 |
| | Фоида (+), Зарар (-), млн. сом | 41,5 | 100,8 | -263,8 | 191,6 | -219,0 | 262 | -40,1 |
| Савдо | Миқдор, адад | 237 | 286 | 540 | 1728 | 1744 | 1885 | 1917 |
| | Фоида (+), Зарар (-), млн. сом | 100,3 | 126,9 | 949,0 | 149,3 | 358,0 | 638,3 | 773,5 |
| Нақлиёт | Миқдор, адад | 192 | 199 | 225 | 540 | 550 | 393 | 397 |
| | Фоида (+), Зарар (-), млн. сом | 120,1 | 183,9 | 413,6 | 633,8 | -69,2 | 491,8 | 1110,9 |

***Сарчашма:*** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ.-Душанбе, 2023. – С. 410.*

Чи тавре аз маълумоти ҷадвали 2.2.3 бар меояд, нишондиҳандаҳои фаъолияти молиявии корхонаю ташкилотҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ, дар маҷмуъ характери афзоишро гирифтааст. Дар ин давра, дар маҷмуъ тамоми соҳаҳои бахши воқеӣ аз нигоҳи вазъи молиявӣ дигаргун шуда, ба ғайр аз соҳаи савдо, соҳаҳои боқимонда ба тариқи тафриқавӣ зараровар

фаъолият намудаанд, яъне, мунтазамии нишондиҳандаи фоида ҷой надошт. Соли 2022 чунин нишиондиҳандаи молиявии субъектҳои хоҷагидор барои тамоми соҳаҳо ҷой дорад, ки ин аз дуруст сафарбар кардани санадҳои ташкилию ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат ҳамчун ниҳодҳои институтсионалӣ дар таъмини самаранок ба роҳ мондани низоми андози фаъолияти соҳибкорӣ дар рушди иқтисоди миллӣ мебошад. Дар ташаккул ёфтани чунин нишондиҳандаҳо, саҳми сатҳи минтақавӣ хеле назаррас буда, бо сафарбар намудани имкониятҳои иқтисодии маҳалҳо ҳамчун омили рушди иқтисоди миллӣ баромад мекунад (ниг. ба ҷадв. 2.2.4).

**Ҷадвали 2.2.4 – Фаъолияти молиявии корхонаю ташкилотҳо дар сатҳи минтақавӣ барои солҳои 2016 – 2022, млн. сомонӣ**

| Солҳо / Минтақаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/2016 маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хатлон | 361,6 | 617,4 | 1010,1 | 1001,3 | 1167,6 | 1204,9 | 1420,2 | 3,9 |
| Суғд | 1245,1 | 2064,1 | 2610,9 | 1907,0 | 2234,7 | 4909,3 | 6705,2 | 5,4 |
| ВМКБ | 8,2 | 4,5 | -0,1 | -7,5 | -97,8 | 91,0 | 11,4 | 1,4 |
| ш. Душанбе | 175,1 | 461,0 | 201,9 | 892,2 | 302,2 | 882,9 | 1694,8 | 9,7 |
| НТҶ | -218,4 | 54,7 | 445,3 | -31,6 | -64,9 | 177,6 | 886,5 | - |
| **Ҳамагӣ** | 1571,6 | 3201,7 | 4268,1 | 3761,4 | 3541,8 | 7265,7 | 10718,1 | 6,8 |

***Сарчашма:*** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ.-Душанбе, 2023. – С. 411.*

Чӣ тавре аз маълумоти ҷадвали 2.2.4 бар меояд, ба истисноИ ВМКБ ва НТҶ дар маҷмуъ фаъолияти молиявии корхонаю ташкилотҳо дар сатҳи минтақавӣ дар давоми солҳои 2016 – 2022 вазъи молиявии хубро дар бар мегирад. Хусусан, фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ дар вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе ба дараҷаи нисбатан баланди нишондиҳандаҳои молиявӣ сазовор гардидаанд, ки ин асосан аз ҳисоби дар доираи саноатикунонии босуръати кишвар дар минтақаҳо татбиқ намудани ҳадафҳои стратегӣ аз ҳисоби бунёди корхонаҳои хурду миёна ва калони саноатӣ, ки бо ҷалби қувваи кории арзони маҳалҳо иқтидори иқтисодиро баланд бардошта ба амал омада, дар ин замина

вазъи устувори молиявии субъектҳои иқтисодӣ таъмин гардидааст. Ҳамзамон, қайд кардан бамаврид аст, ки саҳми минтақаҳои боқимонда, аз қабили ВМКБ ва НТҶ ба тариқи умумӣ рушди нисбатан камсуръатро дар бар мегиранд. Алалхусус НТҶ, ки ноҳияҳои мазкур муддати тулонӣ ба нишондиҳандаҳои молиявии назаррас ноил нагардидаанд. Аз назари мо, ҳолати мазкур аз ҷойгиршавии шаротҳои таббиии мураккаб, инчунин нокифоягии дастрасӣ ба сармоягузорӣ ва суръат пайдо накардани корхонаҳои истеҳсолӣ дар заминаи коркарди ашёи хоми маҳаллӣ мебошад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки рушди иқтисодиёт ҳарчӣ бештар аз васеъ ба роҳ мондани кор ва фаъолияти соҳикории хурду миёна вобастагӣ дорад. Чунки афзоиш ёфтан ва имконияти дастрасии бахшҳои хусусӣ дар заминаи ташаббускорӣ имконияти истифодаи захираҳоро дар самти таъмини ҷойҳои кории нав, тақвияти ҳаҷми истеҳсолоту хизматрасониҳо ва васеъ кардани манбаи андоз фароҳам меоранд. Рушди баланди иқтисодӣ дар сатҳи минтақаҳо асосан ба соли 2022 рост меояд, ки он асосан аз ҳисоби таъсис ёфтани шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва дастгирии давлатии онҳо ба амал омадааст. Дар маҷмуъ, ҳолати ҷойдошта натиҷаи ниҳоии самаранок ба роҳ мондани фаъолияти хоҷагидорӣ дар заминаи дастгирии давлатӣ ва шарикии он бо бахшҳои хусуӣ, алалхусус ҷалби сармоя дар робита ба ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ мебошад. Он заминаи модии ташаккул ёфтани буҷети давлатӣ дарзаминаи сафарбар намудани фишангҳои институтсионалӣ ва пурра риоя гардидани сиёсати пулию қарзӣ дар самти тақвият додани низоми андоз ва истифодаи имкониятҳои бозори молиявӣ ба шумор рафта, чунин раванд аҳамияти стратегӣ дорад.

Ташаккул додани механизмҳои молиявӣ, бо роҳи сафарбар кардани захираҳои молиявӣ ва сармоягузорӣ, дар татбиқи ҳадафҳои

стратегӣ воситаи муҳими таъсиррасонӣ ба фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ мебошад. Ин раванд заруратеро ба миён меорад, ки бо истифодабарӣ аз фишангҳои молиявӣ, дастгирии меъёрӣ ва маълумотӣ дар асоси васеъ ба роҳ мондани усулҳои эконометрикӣ ва технологияҳои иттилоотӣ имкониятҳои самаранокии қабули қарорҳои муҳимро, барои шаффофияти ташаккул ёфтани буҷет аз ҳисоби иқтидори пардохтӣ, таъмин намояд.

Тибқи маълумотҳои омории буҷети давлатӣ, даромади он барои соли 2023 ба андозаи 36,1 млрд. сомонӣ, хароҷот – 35,3 млрд. сомонӣ, бо барзиёдии даромад аз хароҷот 717,9 млн. сомониро ташкил дода, касри буҷет нисбат ба ММД ба андозаи 6%-ро дар бар мегирад.[51] Ба ақидаи мо, ташаккул ёфтани нишондиҳандаи мазкур аз он дарак медиҳад, ки онҳо бо дарназардошти қабули санадҳо ва меъёрҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ ба муфид гардонидани таносуби даромад ва хароҷоти буҷет имкон фароҳам оварданд, ки ин асосан аз ҳисоби татбиқи сиёсати иқтисодию иҷтимоӣ дар рушди усуворгардонии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор вобаста мебошад. Лекин, бояд қайд намуд, ки татбиқи чорабиниҳои характери стратегидошта аз хусусиятҳои минтақавӣ вобаста буда, барои таъмини рушди онҳо, пеш аз ҳама ба хотири самаранок истифода бурдани маблағҳои давлатӣ дар самти таъмини рушди минтақаҳо аз ҳисоби дастгирии давлатӣ ва имтиёзу сабукиҳои андозӣ фишангҳои институтсионалӣ зарур мебошад.

Имрӯзҳо буҷети давлатӣ аз ҳисоби даромадҳо ва грантҳо, инчунин қарзҳои байналмилалӣ имкониятеро фароҳам овардаанд, ки таносуби даромад ва хароҷоти буҷет муфид таъсис ёфта, муътадилии буҷети давлатиро ба миён овардааст. Дар ин раванд, зарурате дар пеш меистад, ки таъсис ёфтани қисме аз даромади буҷет аз ҳисоби грантҳо ба афзоиши

[51] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷӯаи оморӣ. Душанбе, 2023. – С. 363-391.

минбаъдаи қарзи давлатӣ таъсири манфӣ мерасонад ва ин ҳамчун омили вобастагӣ аз ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ мебошад. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ташаккул ёфтани қарзи давлатӣ идоракунии он бо истифодабарӣ аз сиёсати молиявӣ хеле таъсирбахш баромад мекунад, яъне сиёсати молиявӣ аз мавқеи кам кардани қарзи беруна, баланд бардоштани самаранокии хусусигардонӣ ва афзоиши қисми даромади буҷет, бо тақвияти иқтидори иқтисодӣ аз ҳисоби рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар заминаи коркади ашёи хоми ватанӣ, вобастагӣ дорад. Бо ин мақсад, сохтори буҷаи давлатӣ ҳамчун сохтори институтсионалӣ дар таъмини механизмҳои рушди иқтисодӣ ва фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ шароити мусоиди таъсирбахш баромад мекунад Ин раванд пайваста зарурати дигаргуншавии андозҳоро ба миён оварда, дар натиҷаи таъмини ҳамоҳангии вобастагии байни даромади буҷет ва сарчашмаҳои он аз қабили даромадҳои андозӣ ҳамчун фишанги идоракунии ташаккул ва истифодаи маблағҳои сохтори буҷетӣ баромад мекунад (ниг. ба ҷадв. 2.2.5).

**Ҷадвали 2.2.5 – Сохтори буҷаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо %**

| Нишондиҳандаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/2016, маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ** | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | |
| **Даромаҳои умумӣ ва грантхо, аз ҷумла:** | 68,7 | 73,6 | 69,7 | 75,8 | 73,5 | 71,6 | 70,1 | 1,0 |
| **Воридоти андоз, аз он ҷумла:** | 60,8 | 65,6 | 60,9 | 67,2 | 61,3 | 65,4 | 60,5 | 1,0 |
| Андоз аз даромад ва андоз аз фоида | 13,0 | 15,4 | 14,4 | 16,2 | 14,3 | 15,7 | 16,4 | 1,3 |
| Пардохтҳои иҷтимоӣ | 7,2 | 7,5 | 6,8 | 7,3 | 6,7 | 6,8 | 5,5 | 0,8 |
| Андоз аз молу мулки ғайриманқул | 1,3 | 1,5 | 1,5 | 1,6 | 1,5 | 1,5 | 2,4 | 1,8 |
| андоз аз фурӯш, аз арзиши иловашуда ва аз гардиш | 29,0 | 29,9 | 24,9 | 27,4 | 25,5 | 27,4 | 2,5 | 0,1 |
| Аксизҳои дохилӣ | 0,8 | 0,9 | 0,8 | 1,0 | 0,7 | 0,9 | 0,9 | 1,1 |
| Аксизҳои берунӣ | 1,0 | 1,1 | 1,0 | 1,5 | 1,7 | 1,6 | 1,6 | 1,6 |
| Андозҳои дигари берунӣ барои савдо ва амалиётҳо | 3,3 | 3,5 | 3,1 | 3,4 | 2,8 | 3,0 | 3,0 | 0,9 |

**Идомаи ҷадвали 2.2.5**

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Андозҳои дигари дохилӣ барои савдо ва амалиётҳо | 1,2 | 1,5 | 1,3 | 1,5 | 1,3 | 1,3 | 0,5 | 0,4 |
| **Воридоти ғайриандозӣ, аз он ҷумла:** | 7,9 | 7,1 | 8,4 | 8,6 | 7,6 | 5,3 | 6,7 | 0,9 |
| Воридот аз моликият ва фаъолияти соҳибкорӣ | 1,5 | 0,9 | 1,3 | 1,5 | 1,2 | 1,0 | 1,3 | 0,9 |
| Дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет (Боҷ ва пардохтҳои маъмурӣ) | 0,6 | 0,6 | 0,7 | 0,9 | 0,9 | 1,0 | 1,2 | 2,1 |
| Ҷарима ва муҷозотҳо | 3,8 | 2,5 | 1,6 | 1,8 | 0,8 | 0,9 | 0,8 | 0,2 |
| Воридоти дигари ғайри андозӣ | 2,0 | 3,2 | 1,7 | 1,8 | 1,8 | 2,1 | 1,8 | 0,9 |
| Даромад аз сармоя | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 2,8 | 0,2 | 1,6 | 2,8 |
| **Грантҳо** | 0,0 | 0,8 | 0,4 | 10,1 | 4,6 | 0,8 | 2,8 | 1,0 |

***Сарчашма:*** *Таҳия ва ҳисоби муаллиф: аз рӯйи маълумотҳои омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ.- Душанбе, 2020. - С. 449-463; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ.-Душанбе, 2023.-С. 384-389.*

Аз маълумоти дар ҷадвали 2.2.5 овардашуда ва таҳлили он дар самти сохтори буҷети давлатӣ мушоҳида мегардад, ки дар давраи таҳлилӣ нишондиҳандаҳои ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ аз ҳисоби воридоти андозию ғайриандозӣ ва грантҳо ташаккул ёфта, ҳиссаи аз ҳама бештарро воридоти андозӣ дар бар мегирад. Қайд кардан бамаврид аст, ки такмили низоми андоз ҳамчун ҷузъи ҳолати институтсионалӣ дар ҳамон ҳолат ҳамчун омили рушди иқтисодӣ баромад мекунад, ки агар дар сохтори даромади буҷет ҳиссаи воридоти андоз, ки дар соли 2021 - 65,4%-ро ташкил медиҳад, то ба дараҷаи муфид кам карда шавад. Ҳамзамон, барои фароҳам овардани шароити таъмини рушди иқтисоди миллӣ, дар робита ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва дар заминаи коркарди ашёи хоми ватанӣ тибқи таҷрибаи малакатҳои пешқадам афзун гардонидани сармоягузории дохилӣ зарурате дар пеш меистад, ки дар сохтори воридоти андоз ҳисссаи андозҳои ғайримустақим бояд то дараҷаи лозимӣ кам карда шавад. Аз натиҷаи ниҳоии таҳлил чунин бар меояд, ки айни ҳол дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таносуби муфид дар сохтори воридоти андоз ҷой надорад.

Таҳлил ва омӯзиши назария ва амалияи такмилдиҳии низоми андоз ва таъмини устувории буҷет ҳамчун ҷузъи ҳолати институтсионалӣ дар баробари даромадҳо зарурaтеро дорад, ки дар самти таъмини рушди иқтисоди миллӣ ва тақвият додани иқтидори иқтисодии минтақаҳо муфидгардонии хароҷотҳои буҷетӣ дар заминаи кам кардани гаронии андоз барои субъектҳои хоҷагидорӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ дар сатҳи маҳалҳо хеле муҳим мебошад (ниг. ба ҷадв. 2.2.6).

**Ҷадвали 2.2.6 – Динамикаи даромадҳо ва хароҷоти буҷаи маҳалҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2021, (млн. сомонӣ)**

| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2016 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД млн. сомонӣ | 54790,3 | 64434,3 | 71059,2 | 79109,8 | 83958,3 | 98910,7 | 1,8 маротиба |
| Даромад, млн. сомони | 5293,8 | 5902,7 | 6454,2 | 6987,6 | 7343,4 | 8893,8 | 1,7 маротиба |
| Бо % аз ММД | 9,7 | 9,2 | 9,1 | 8,8 | 8,7 | 9,0 | 0,9 б.ф. |
| Хароҷот, млн. сомони | 5083,8 | 5962,5 | 6495,4 | 7043,9 | 7462,6 | 9123,1 | 1,8 маротиба |
| Бо % аз ММД | 9,3 | 9,3 | 9,1 | 8,9 | 8,9 | 9,2 | 0,9 б.ф. |

***Сарчашма:*** *Таҳия ва ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумотҳои омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, 2022. -С.213.; Молияи Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, 2022. - С.65-66*

Аз рӯйи маълумоти таҳлилии ҷадвали 2.2.6 чунин бар меояд, ки аз рӯйи таносуб қисми хароҷот нисбат ба даромади буҷети маҳалҳо бештар мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки чунин таносуб асосан аз нокифоя истифода бурдани имкониятҳои ҷойдошта ва механизми тақсим ва аз навтақсимкунии даромад байни буҷети умумиҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ мебошад. Чунин ҳолат, дар муносибатҳои андозӣ бо таври сунъӣ қонунвайронкуниҳои андозиро бештар гардонида, бо дарназардошти номукамалии сохтори андозӣ дар маҳалҳо зарурати васеъ намудани манбаи андоз ва баланд бардоштани дараҷаи нишондиҳандаҳои молиявии буҷетҳои маҳаллӣ ба миён меорад. Дар робита ба ин, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд гардидааст, ки "Рушди минтақаҳои кишвар сатҳи муҳимтарини татбиқиислоҳоти иқтисодӣ буда, ҳамчун нуқтаи ниҳоии

тамоми кушишҳои қатъии ҳукумат дар самтҳои афзалиятнок дида баромада мешавад, аз ҷумла: таъмини сатҳи қобили қабули амнияти энергетикӣ ва озуқаворӣ, рушди имконоти коммуникатсионии кишвар ва вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул”.[52] Аз инҷо, маълум мегардад, ки барои такмил додани низоми андозу буҷа ҳамчун унсури институтсионалӣ лозим аст, ки бо мақсади таъмини амнияти энергетикӣ аз иқтидорҳои мавҷуда ба таври зарурӣ истифода барем. Ҳамзамон, дар заминаи васеъ ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ молу маҳсулоти ватаниро бештар гардонида, дар робита ба ҳаракат додани онҳо аз ҳисоби беҳтар гардидани шароитҳои коммуникатсионии кишвар, рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва таъмини шуғли пурмаҳсул дар маҳалҳо, коркарди механизмҳои фаъолгардонии ислоҳоти иқтисодӣ дар маҳалҳо бехатарии иқтисодиро таъмин намоем.

**Хулосаи зербоби 2.2**

Ҳамин тариқ, дар доираи таҳлил ва баҳодиҳии вазъи институтсионалии танзими андозбандии соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати такмил додани низоми андоз хеле муҳим буда, ташаккулдиҳӣ ва сафарбар намудани захираҳо муайянкунанда мебошад. Бо ин роҳ, дар робита ба афзоиш додани натиҷаҳои фаъолияти меҳнатӣ шароитҳои қобилияти харидории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба самте нигаронида мешавад, ки аз тариқи сафарбар намудани фишангҳои институтсионалӣ имкониятҳои рушди иқтисодӣ вусъат мегирад. Дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ барои солҳои 2015-2021 собит намудем, ки сафарбар намудани фишангҳои андозию буҷетӣ ҳамчун воситаҳои идоракунии давлатӣ баромад намуда, бо роҳи тақвият додани рушди соҳибкории истеҳсолию хизматрасонии

[52] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – С. 42.

инфиродӣ, ҳамзамон рушд додани бахши воқеӣ дар асоси натиҷаҳои молиявии онҳо омили таъсиррасон ба шумор меравaнд.

Муайян карда шуд, ки такмили низоми андоз ҳамчун ҷузъи ҳолати институтсионалии рушди иқтисоди миллӣ аз таҳияи сиёсати дарозмуддати буҷет, пеш гирифтани банақшагирии кутоҳмуддат, миёнамуҳлат ва дарозмуддат вобаста буда, дар доираи асоснокгардонии илмӣ ва маъмурикунонӣ бо истифода аз усулҳои эконометрикӣ зарур мебошад.

Ташаккул ёфтани вазъи молиявӣ ва таъмини рушди соҳаҳои воқеӣ дар кишвар имкониятҳоеро фароҳам меорад, ки фаъолияти молиявии корхонаю ташкилотҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ аз дуруст сафарбар намудани санадҳои ташкилию ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат, ҳамчун ниҳодҳои институтсионалӣ имконияти зиёди такмил додани низоми андоз дар кишвар бо истифодаи фаъоли иқтидорҳои минтақавӣ вобаста мебошад. Чунки дар доираи саноатикунонии босуръати кишвар аз ҳисоби бунёди корхонаҳои хурду миёна ва калони саноатӣ татбиқ намудани ҳадафҳои стратегӣ ба ҷалби қувваи кории арзон дар маҳалҳо мусоидат намуда, бо зиёд шудани иқтидори иқтисодӣ вазъи устувори молиявии субъектҳои иқтисодӣ таъмин мегардад.

Ба роҳ мондани фаъолияти хоҷагидорӣ бо дастгирии давлатӣ ва шарикии он бо бахшҳои хусуӣ, алалхусус ҷалби сармоя дар робита ба ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ вобаста буда, бо истифода аз фишангҳои институтсионалӣ ва пурра риоя гардидани сиёсати пулию қарзӣ низоми андоз бо риоя намудани дигаргуниҳои андозӣ ва мукаммал гардонидани сохтори буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ аҳамияти стратегӣ дорад.

Ҳамзамон, аниқ гардонида шуд, ки барои такмили низоми андоз ва таъмини устувории он дар заминаи васеъкунии манбаи андоз, рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ ҳамчун унсури

институтсионалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунад. Дар ин замина, бо мақсади таъмини шуғли пурмаҳсул дар маҳалҳо ва таъмини бехатарии иқтисодӣ, механизмҳои нави хоҷагидорӣ бояд ба самти рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва беҳтар гардонидани шароитҳои маъмурикунонии андоз ва рақамикунонии фаъолияти субъектҳои хоҷагидори кишвар равона карда шавад.

## 2.3. Маъмурикунонии андоз ҳамчун заминаи асосии танзими низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна

Низоми андоз ба ҷараёни рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар бо роҳи дар амал татбиқ намудани шаклҳои инфиродии низоми институтсионалӣ таъсири худро мерасонад. Самаранокии шароитҳои амалкунандаи институтсионалии андоз нисбат ба бахши воқеии иқтисоди миллӣ дар шароити муосир, дар робита ба маъмурикунонӣ, зарурати омӯзшро ба миён овардааст. Низоми маъмурикунонии андоз, ҳамчун фишанги муҳими танзими низоми андозӣ, дар робита ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ хусусияти хоси маъмурикунонии андозро аз ҳисоби васеъ ба роҳ мондани чорабиниҳои ташкилию иқтисодӣ ва маъмурӣ аз тариқи фароҳам овардани шароити муфид барои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна, сафарбар менамояд. Омӯзиши муаммоҳои асосии низоми танзими давлатии андоз собит месозад, ки онҳо ба суръати рушди фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ва дар маҷмуъ ба таъмини тараққиёти бахшҳои воқеӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Бинобар ин, коркарди самтҳои асосии инкишофи танзими давлатии андоз дар фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ, вобата ба чорабиниҳои маъмурикунонии андоз оид ба таъмини рушди соҳибкории истеҳсолӣ, асоси пешрафти иқтисодиёти миллӣ баромад мекунад.

Дар низоми давлатии танзими иктисодию ичтимоӣ механизмҳои танзими андоз мавқеи афзалиятнок дошта, ба суръати афзоиши нишондиҳандаҳои иқтисодии рушди бахшҳои воқеӣ таъсири калон мерасонад. Яъне, дар шароити ба таври динамикӣ тағйирёбии муҳити беруна, таъмин намудани раванди мунтазами такмили механизмҳои маъмурикунонии андоз дар самтҳои мазкур аҳамияти стратегӣ пайдо мекунад. Ҳамин тариқ, низоми маъмурикунонии андоз чорабиние ба шумор меравад, ки он ҳамчун шароит аз қоидаю меъёрҳо иборат буда, ба таъмини устувории буҷет, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти андоз аз тариқи интихоби низоми мукаммали маъмурикунонӣ асоси танзими иқтисодӣ баромад мекунад ва амалӣ намудани он ба самти назорат, воридоти сари вақтии андоз ва азнавтақсимкунии он муҳим мебошад. Ҳамзамон, низоми маъмурикунонии андоз заминае ба шумор меравад, ки дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории истеҳсолӣ ба фароҳамсозии имкониятҳои таъсис додани ҷойҳои нави корӣ ва дастгирии фаъолияти иқтисодии онҳо мусоидат менамояд. Ҳамин тавр, таъмини принсипҳои муносибатҳои андозӣ ва риояи манфиатҳои тарафҳои буҷетӣ аз пеш гирифтани дараҷаи самаранокии фаъолият иборат мебошад. Ҳолати мазкур дар ташаккул додани устувории буҷет аз ҳисоби шаклҳои нави хоҷагидорӣ заминаи муҳим ба ҳисоб рафта, интихоби усулҳои маъмурикунонӣ дар низомҳои андозӣ ба рақамикунонии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ равона карда мешавад.

Тақвият додани низоми танзими андоз бо роҳи усулҳои маъмурӣ ба унсурҳои муҳити институтсионалии андоз, ки дар маҷмуъ ҳамчун фишанги давлатӣ барои таъсиррасонӣ ба субъектҳои иқтисодӣ баромад мекунад, сафарбар карда мешаванд.

Дар шароити имрӯза, маъмурикунонии андозбандии соҳибкорӣ ҳамчун заминаи татбиқи низоми институтсионалӣ ба шумор рафта, тибқи қонунгузории андоз дар робита ба муносибатҳои андозбандӣ вобаста ба пайдоиш ва интихоби санадҳои меъёрӣ ва ҷорӣ кардани онҳо аз рӯйи меъёрҳои муайянгардида таъсис меёбад. Тибқи банди 1-уми моддаи 2 – и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон "маъмурикунонии андоз – маҷмӯи чораҳои аз ҷониби мақомоти андоз бо риояи талаботи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалишавандае, ки ба таъмини татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои андозӣ, боҷи давлатӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет равона гардидаанд".[53] Аз инҷо, назорати таъмини самарабахши андоз шарти фаъолияти ҳар як низоми андоз буда, мақсади асосӣ дар ин самт ба андишидани чорабиниҳо нисбат ба риояи талаботҳои конунгузории андоз равона гардидааст. Ҳамзамон, дар шароити рақамикунонӣ фаъол гардонидани соҳибкории хурд асоси тақвият ёфтани иқтисоди миллӣ ба шумор меравад. Дар робита ба ин, тибқи банди 3-юми моддаи 41-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, назорати андозӣ аз ҷониби мақомоти андоз гузаронида шуда, аз рӯйи шаклҳои "назорати камералӣ, муоинаи хронометражӣ, назорати иловагии молҳои зераксизӣ ва фаъолияти дигар, назорати низоми рамзгузории электронии молҳо, санҷиши сайёри андоз, санҷиши амалиётӣ, мониторинги андозӣ, нархгузории трансфертӣ ва бозорӣ"[54] амалӣ карда мешавад. Бинобар ин, дар заминаи риояи қонунгузории андоз мунтазам ба роҳ мондани назорати санҷишҳои андозӣ яке аз усулҳои муҳимтарини идоракунии маъмурикунонии андоз мебошад. Дар ин замина, бо мақсади бо пуррагӣ ва саривақт ҳисоб кардани пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ имкониятҳое ба амал меоянд, ки маъмурикунонӣ муфид гардида, аз рӯйи

[53] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С.19.
[54] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С.57-58.

таъинот назорати андоз барои таъмини риоя намудани қоидаҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ тариқи электронӣ таъмин гардонида мешаванд.

Назорати андоз бояд таъсирбахш бошад, яъне натиҷаи он бояд ба ошкорсозӣ ва пешгирӣ намудани қонунвайронкуниҳо равона гардад. Чунин ҳолат дар раванди маъмурикунонии андоз ба соддагардонӣ ва самаранокии низоми андоз мусоидат менамояд, то ин ки фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои молиявии онҳо таъсири муфид пайдо намоянд. Ин ҷараён дар доираи низоми институтсионалӣ ба сифати яке аз фишангҳои низоми танзими андоз баромад намуда, фаъолияти самарабахши он бо дарназардошти банақшагирии андоз нисбат ба ташаккул ёфтани манбаи андоз аз ҳисоби тақвияти фаъолияти субъектҳои нави хоҷагидорӣ таъмин мегардад. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар низоми институтсионалӣ усулҳои гуногуни таъмини самаранокии санҷишҳои андозӣ дар доираи маъмурикунонӣ ҷой дошта, мақомоти андоз дар рабита ба истифодаи санадҳои меъёрии назорати андоз онҳоро анҷом медиҳад. Бинобар ин зарурате дар пеш меистад, ки дар ин самт ҷамъоварӣ, таҳлил ва дурнамои фаъолияти институтсионалиро аз ҳисоби муфидгардонии маъмурикунонӣ таъмин намоем. Аз назари мо, дар раванди ҷамъбасти назорати андозӣ ва тартиби ситонидани андозҳо ва ҷаримаҳо, бо дарназардошти хусусиятҳои муносибатҳои ҳуқуқии андоз, ҳангоми истифодабарӣ аз ниҳодҳои институтсионалӣ ва риояи меъёрҳои қонунгузорӣ дар доираи муносибатҳои андозӣ имкониятҳои фаровони васеъ кардани манбаи андоз ва муфид гардонидани гаронии андоз ба амал меояд.

Тибқи ақидаи Ш.М. Исмоилов "Қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзими муносибатҳои ҳуқуқии андозӣ буда, дараҷаи рушд ёфтани он, имкониятҳои зиёди

такмилдиҳии қонунгузории соҳавиро мегирад ".[55] Аз инҷо, ба ақидаи мо маҳз ба эътибор гирифтани риояи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар муносибатҳои андозӣ заминаи устувор ва муфиди ба роҳ мондани назорати андозиро таъмин менамояд.

Ба ақидаи мутахассисон ин раванд аз мавқеи дар доираи ҳуқуқӣ ситонидани андоз мавриди баҳс қарор мегирад. Масалан, ба андешаи О.В. Мандрошенко “андозҳо ин пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ мебошанд, ки аз ҷониби давлат ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади иҷрои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ситонида мешаванд. Хироҷҳо ҳиссаи ҳатмии шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеиро дар бар гирифта, мақомот ва намояндагони ваколатдори онҳо бо мақсади такмил додани амалҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ ситониданро дар бар мегирад”[56]. Аз инҷо, аз назари мо ҷиҳатеро ба назар гирифтан лозим аст, ки равандҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ дар алоқамандии зич бо дигаргуниҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва ҷорӣ намудани шаклҳои нави идоракунӣ ташаккул ёфта, заминаҳои институтсионалии танзими низоми андозро дар шароити ташакулёбии таърихии муносибатҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода мекунанд.

Ба ақидаи С. Ғаюров «таҷрибаи таърихи давлат ва ҳуқуқ, аз ҷумла Тоҷикистон, нишон медиҳад, ки зарурати кодификатсияи қонун дар давраи тағйироти шадид дар рушди иқтисодию сиёсии кишвар ба вуҷуд омадааст. Аз «гузариш ба иқтисодиёти танзимшавандаи бозаргонӣ» (1988), ки дар ИҶШС эълон шудааст, оғоз карда, Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди таҳаввулоти навсозии иқтисодӣ ва сиёсиро паси сар мекунад, ки марҳилаи ниҳоии он қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994, 1999, 2003 ва 2016) мебошад. Ин омилҳо сабабҳоро ба миён оварданд ва

---

55 Исмаилов Ш.М. Правовое регулирование предпринимательской и налоговой деятельности в Республике Таджикистан. Монография / Ш.М. Исмоилов. – Душанбе: Конуният 1998. - С. 186.

56 Мандрошенко О.В. Налоги и налогообложение. Учебное пособие / О.В. Мандрошенко. – М.: Издательско-торговая корпорация «Дашков и К» , 2002. – С. 5.

ҳадафҳои асосии кодификатсияи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян карданд”.[57] Дар баробари ин, қайд кардан лозим аст, ки дар шароити ҳамгироиҳо сафарбар кардани имкониятҳои институтсионалии рушди муносибатҳои байналмилалӣ ва муфид гардонидани низоми маъмурикунонӣ аз тариқи рақамикунонӣ дар самти андозбандии субъектҳои соҳибкорӣ дар кишвар хеле таъсирбахш мебошад.

Тибқи Созишномаи байни давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил «Дар бораи ҳамкорӣ ва кӯмаки мутақобила оид ба риояи қонунгузории андоз ва мубориза бо қонунвайронкунӣ дар ин соҳа» аз 4 июни соли 1999 сиёсати ҳамоҳангшудаи андоз барои татбиқи ислоҳоти ҳамоҳангшудаи иқтисодӣ дар соҳаи андозбандӣ амалӣ карда мешавад. Ҳамзамон, дар баробари муносибатҳои байналмилалӣ барои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодабарӣ аз имкониятҳои рушд бо кишварҳои ИДМ аҳамияти калон дорад. Дар робита ба ин, Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №153 аз 25 октябри соли 2000 "Дар бораи тасдиқи Созишнома оид ба ҳамкории кишварҳои узви ИДМ дар бораи наздик кардани механизми андозбандӣ дар нақлиёти роҳи оҳан", ҳамазамон дигар сандҳои меъёрию ҳуқуқие, ки заминаи танзимкунанда барои рушди муносибаҳои андоз қабул гардидааст, шароити муфид барои муттаҳидсозии қонунгузориҳои андозӣ ҳамчун унсурҳои институтсионалӣ тибқи талаботҳои маъмурикунонӣ мебошанд.

Татбиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 январи соли 1999, таҳрирҳои нав дар соли 2004, 2012 ва 2021 барои ташаккули сиёсати андоз, низоми андоз ва мақомоти андоз дар ташаккул ёфтани унсурҳои

---

[57] Гаюров Ш. Анализ Налогового Кодекса Республики Таджикистан / подготовлен исследовательской группой ТФ ИОО-ФС в рамках програмы экономического развития и предпринимательства. – Душанбе, 2003. – С. 111.

институтсионалӣ аҳамияти ҳалкунанда доранд. Кодекси мазкур муқаррароти умумии низомии андоз, номгӯй, тартиби ворид, ҷамъоварӣ ва бекор кардани андозҳо ва пардохтҳоро танзим мекунад. Дар банди 2-и моддаи 6 –и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардидааст, ки "Муқаррароти шартномаҳои байналмилалии танзимкунандаи масъалаҳои канораҷӯӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирии саркашӣ аз пардохти андозҳо, ки яке аз тарафҳои онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, нисбат ба резидентони андози як ё ҳар ду давлат, ки чунин шартномаро ба имзо расондаанд, татбиқ карда мешавад. Бо ин мақсад резиденти андоз мутобиқи шартнома муайян карда мешаванд".[58] Яъне, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав тибқи талаботҳои стандартҳои байналмилалӣ мавриди истифода қарор дода шуда, дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва ҳавасмандгардонии субъектҳои иқтисодӣ дар самти татбиқи ҳадафҳои стратегӣ ҳамчун унсури институтсионалӣ ва муфид гардонидани хароҷотҳои маъмурикунонӣ мақоми ҳалкунанда доранд. Аз ин хусус, муҳаққиқони ватанӣ корбарӣ намуда, аз ҷумла қайд менамоянд, ки "Бо мақсади аз байн бурдани омилҳои фардӣ ва дахолати беасос ба фаъолияти субъекҳои соҳибкорӣ дар Кодекси нави андоз тартиби муосири хизматрасонӣ, такмили низоми корҳои назоратӣ, системаи муттаҳидаи иттилоотии андоз оид ба баҳисобгирӣ, назорат ва мониторинги амалиётҳо, сода намудани расмиёти андозбандӣ ва мубодилаи электронии иттилоот пешбинӣ карда шудаст".[59] Яъне, ба эътибор гирифтани муносбатҳои андозӣ дар доираи рушди низоми институтсионалӣ ва муфидгардонии маъмурикунонии андоз барои муътадил гардонидани фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ, аз ҷумла соҳибкории хурди истеҳсолӣ, муайянкунанда баромад мекунад.

[58] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 20121. – С.28.
[59] Иброҳимзода И.Р., Мирсаидов А.Б., Одинаев М.А. Рушди низоми молиявию бонкии кишвар дар 31-соли истиқлолияти давлатӣ / И.Р. Иброҳимзода, А.Б. Мирсаидов, М.А. Одинаев//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.-Душанбе, 2022. - №8. – С. 86.

Тибқи ақидаи С.Маъдиев ва У.М. Воҳидов ташаккул ёфтани механизми институтсионалии танзими андоз аз алоқамандии зичи шарикии бахши хусусӣ ва давлат вобастагӣ дошта, "Дар шароити муосир дар чорчӯбаи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми иҷтимоию иқтисодии кишвар ба марҳилаи нави рушд ворид мегардад. Чунин иқдом вазифадор мекунад, ки ислоҳоти иқтисодӣ ва тағйироти институтсионалие, ки боиси такмили қонунгузории соҳаҳои дахлдор, аз ҷумла, дар низоми андоз ва андозбандӣ мегарданд, идома дода шаванд. Бо ин мақсад Ҳукумати ҷумҳурӣ барномаи миёнамуҳлати рушд ва мутобиқсозии иқтисоди кишварро ба шароиту марҳилаҳои нави рушдро таҳия намудааст".[60] Дар робита ба ин, рушди низоми маъмурикунонии андоз дар ҷумҳурӣ бо роҳи дигаргуниҳои бахши андозӣ, аз ҷумла такмил додани ниҳодҳои институтсионалӣ ва муфид гардонидани маъмурикунонии андоз дар самти рушди соҳибкорӣ, амалӣ мегардад. Ғайрисамаранок ба роҳ мондани маъмурикунонии андоз барои тарафҳои муносибатҳои андозӣ мушкилиҳоро ба амал оварда, боиси садди роҳи рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва бо пуррагӣ ва саривақт таъмин гардидани ӯҳдадориҳои андозӣ мегардад, алалхусус дар доираи муносибатҳои бозорӣ. Дар ин низом, маъмурикунонии андоз фишанги муҳими сиёсати давлатии андозӣ баромад мекунад, зеро рушди низоми андоз ба раванди фаъолияти институтсионалӣ ва интихоби варианти нисбатан беҳтари маъмурикунонии андоз алоқамандӣ дошта, бевосита аз дахолати фишангҳои давлатӣ бар меояд. Чунин мавқеъ, аз ҳисоби нуқтаи назари гуногуни илмӣ ва ҷанбаҳои методологии ташаккул ва такмили низоми маъмурикунонии андоз бар меояд.

[60] Маъдиев С., Воҳидов У.М. "Усулҳои оморию иқтисодии идоракунии гаронии андоз дар сатҳи корхона. Монография / С.Маъдиев, У.М. Воҳидов. – Душанбе, 2019. – 120с. – С.4.

Солҳои охир низоми маъмурикунонии андоз дар самти баҳисобгирии манбаҳои андоз дар доираи фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ, мувофиқ ба барномаҳои давлатӣ дар самти рушди маъмурикунонии соҳаҳои фаъолият аз ҷумла, фаъолияти андозбандии субъектҳои соҳибкорӣ, махсусан Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2011 – 2019 амал менамуд, ки он шароитҳоеро фароҳам намуд, то ин ки дар ҷумҳурӣ сатҳи маъмурикунонии андозҳо беҳтар гардад. Масъалаи мазкур аҳамияти иҷтимоию иқтисодӣ дошта, пайваста мавриди ҳаллу фасли мақомотҳои давлатӣ ба шумор меравад. Тибқи Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020 – 2025 дар самтҳои 2-4, аз қабили рушди пайвастаи системаи автоматикунонидашудаи маъмурикунонии андоз, ба роҳ мондани ҳамкории фосилавӣ бо андозсупорандагон ва мақомоти давлатӣ, кам кардани истифодаи ҳуҷҷатҳои қоғазӣ, баланд бардоштани интизоми андозсупории андозсупорандагон ва беҳтар намудани сифати фаъолияти мақомоти андоз аз ҷумлаи тадбирҳое мебошанд, ки ба пешбурди фаъолияти минбаъдаи субъектҳои соҳибкорӣ тибқи талаботҳои нав барои таъмини рушди иқтисоди миллӣ нигаронида шудаанд. Яъне, “гузаронидани равандҳои бештари кории маъмурикунонӣ ба шакли электронӣ ва таъмини пурраи субъектҳои соҳибкорӣ бо имзои электронии рақамӣ, таҳкими механизмҳои ҳавасмандкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар ҷараёмаъмурикунонии андоз, баланд бардоштани иқтидори минтақавӣ ҷиҳати истифодаи механизми андоз барои ҳавасмандии фаъолгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, кам кардани хароҷоти марбут ба иҷрои уҳдадориҳои андоз, ташаккули низоми устувори андоз, ки барои ҳамаи субъектҳои соҳибкорӣ шароити мусоид фароҳам меоварад ва татбиқи

системаи муосири таҳлили фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷорӣ намудани идоракунии стратегӣ дар мақомоти андоз (бо шакли мурофиавӣ).[61] Вобаста ба ин маълум мегардад, ки низоми институтсионалӣ ва маъмурикунонии андоз дар робита ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ ба сифати қисми таркибии чорабиниҳои давлатӣ баромад карда, онҳо дар ниҳояти кор ба риояи қонунгузорӣ, васеъ кардани манбаи андозбандӣ ва воридоти пардохтҳои андозӣ аз ҳисоби рушди фаъолияти соҳибкорӣ ба шумормусоидат менамоянд.

Ҳамин тавр, таҳқиқ намудани ҷанбаҳои методии такмили низоми маъмурикунонии андоз нишон медиҳад, ки дар оянда тақвият додани рушди соҳибкории хурд амалкарди муфиди чорабиниҳои ташкилию иқтисодӣ ва ҳуқуқию назоратиро ба шумор меравад. Дар робита ба ин, аз ақидаи коршиносон ва муаҳақиқони ватанӣ чунин бар меояд, ки дар таҷрибаи аксарияти кишварҳо, аз ҷумла дар Тоҷикистон, баҳои самаранокии низоми маъмурикунонии андоз асосан ба як нишондиҳанда - ҳаҷми воридоти андозу пардохтҳои ҳатмии давлатӣ ба буҷет баҳогузорӣ карда мешавад.[62] Лекин аз назари мо, нишондиҳандаҳои дигари баҳодиҳии низоми маъмурикунонии андозро аз ҳисоби муфид ба роҳ мондани натиҷаҳои корҳои назоратӣ, ҳисоббаробаркунии бақияпулиҳои андоз, баҳисоб гирифтани теъдоди субъектҳои ғайрифаъол ва ба назар гирифтани онҳо хеле муҳим мебошанд, ки онҳо барои омӯзиш ва таҳқиқи қоидаҳои асосӣ ва иҷрои вазифаҳои такмили низоми андозӣ ва маъмурикунонии он муҳим баромад мекунад (ниг. ба расми 2.3.1).

[61] Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025 аз 30. Декабри соли 2019, №463. - С. 8-17.

[62] Халифазода С. Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) / С. Халифазода: рисола аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. – Душанбе, 2022. –С.39.




**Расми 2.3.1. – Қоидаҳо ва вазифаҳои асосии маъмурикунонии андоз дар таъмини танзими низоми андозбандии субъектҳои соҳибкорӣ**

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф.*

Чи тавре аз низоми қоидаҳо ва вазифаҳои асосии маъмурикунонии андоз дар таъмини танзими низоми андозбандии субъектҳои соҳибкорӣ бар меояд, ташаккули низоми маъмурикунонии андоз характери комплексӣ дошта, онҳо ҷанбаҳои назариявию методологии муносибатҳои андозӣ ва маъмурикунонии андозро аз тариқи риоя намудани манфиатҳои андозӣ, асоснокгардонии амалиётҳо, эътирофи ягонагӣ ва таъмини самаранокии интихоби усулҳои муфид иборат мебошад. Дар ин замина, имконоиятҳои ҳалли вазифаҳои банақшагирии андоз, дуруст ба роҳ мондани амалиётҳои ҳисоботӣ, таъмини назорат ва танзими муносибатҳои андозӣ ба амал омада, дар самти баланд бардоштани самаранокии низоми андозӣ аз ҳисоби тақвияти соҳибкории хурд дар доираи амал намудани низоми институтсионалӣ ва маъмурикунонии андоз мусоидат менамояд.

Дар ин асос, субъектҳои институтсионалӣ дар доираи фаъолияти мақомоти давлатӣ ва салоҳият санадҳои меъёрии ҳуқуқиро амалӣ менамояд, ки дар ташаккул додани муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар метавонанд саҳми сазоворро ишғол намоянд. Зеро онҳо барои таъмини таъсири муфиди андоз ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ заминагузорӣ менамояд. Тибқи банди 3-и Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020 – 2025 “Зарурати такмил додани идоракунии андоз, пеш аз ҳама ба муҳим будани ҷамъоварии андозҳо, коҳиши сарбории маъмурӣ ба андозсупорандагони бомасъулият, тавсеаи шаффофияти системаи андоз алоқаманд мебошад, ки фаъолияти минбаъдаи онро мушаххас менамояд”.[63] Аз инҷо, маълум мегардад, ки дар тақвият додани механизми институтсионалии танзими андоз дар шароити бозор, барномаи мазкур ҳамчун як унсури заминаҳои институтсионалӣ ташаккули андоз ва арзёбии таъсири онро аз рӯйи таносуби сарчашмаҳои даромади андозӣ барои рушди минбаъдаи соҳибкорӣ муайян менамояд. Вобаста ба ин, қайд кардан бамаврид аст, ки барои мураттаб ва амалӣ гардонидани механизми институтсионалии танзими низоми андоз дар шароити бозор унсурҳои ташаккул додани методикаи ягонаи назорати андозӣ, таносуби муфиди сарчашмаҳои даромади субъектҳои хурди хоҷагидор, бо мақсади васеъ кардани манбаи андоз, ташаккули фишангҳои ҳамгироии фаъолияти бахшҳои воқеӣ, инчунин методикаҳои муайян намудани меъёрҳои андозӣ, муфидгардонии гаронии андози субъектҳои соҳибкорӣ равона гардида, чунин ҷарайён асоси таъмини суботи иқтидори андозию молиявӣ мегардад.

Аз назари мо, низоми мураттабгардонидашуда имкониятеро фароҳам меорад, ки раванди таъсири унсурҳои институтсионалӣ барои

---

[63] Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025 аз 30. Декабри соли 2019, №463. - С. 5.

ба назар гирифтани омилҳои таъсиррасон ва хавфҳои эҳтимолии андоз дар фаъолияти соҳибкорӣ ва арзёбии муфиди фаъолияти молиявию иқтисодии субъектҳои хоҷагидор заминагузорӣ намоянд. Аз инҷо, низоми пешниҳодгардида, дар самти таъмини рушди устувори кишвар, ҳамчун чорабинии пешгирии хатарҳои ноустувории иқтисодию молиявии субъектҳои соҳибкорӣ баромад мекунад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки низоми танзими андозӣ ва таъсири он ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ мунтазам мавриди омӯзиши олимон қарор дорад. Тибқи натиҷаи таҳқиқоти А. Лаффер "Баланд бардоштани меъёри андоз дар аввал боиси зиёд шудани даромади буҷет аз андозҳо мегардад, вале баъд аз як сатҳ ба пастшавӣ оварда мерасонад". Дар робита ба ин, имкониятҳое фароҳам меояд, ки вобаста ба хусусиятҳои соҳавӣ, алалхусус рушди соҳибкории истеҳсолӣ, таносуби нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ҳамчун фишангӣ батанзимдарорӣ ва унсури институтсионалӣ дар шароити рақамикунонӣ баромад мекунад. Имрӯзҳо, масъалаҳои мазкур аз ҷониби олимони ватанӣ, ба монанди Х.У. Умаров, Ф.М. Мирзоахмедов, Л.Х. Саидмуродов, И.Р. Иброҳимзода, С.Маъдиев, У.М. Воҳидов ва дигарон мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор гирифтаанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар татбиқи меъёрҳои заминавии ниҳодҳои институтсионалӣ майли ҳавасмандгардонӣ барои истеҳсолот, зиёд кардани ҳаҷми хизматрасониҳо ва дар ин замина баланд бардоштани дараҷаи устувории молияи давлатӣ хеле таъсирбахш мебошад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъсиси фонди рушд ва ҳавасмандгардонии моддӣ барои мақомоти андози давлатӣ" аз 25 ноябри соли 1992 таҳти № 727 муқаррар гардидааст. Аз ҳисоби ҳавасмандгардонии истеҳсолот дар заминаи ашёи хоми ватанӣ даромад афзуда, ҳаҷм ва таркиби

сармоягузорӣ зиёд гардидааст, ки дар ин раванд тақвият ёфтани низоми институтсионалӣ ва самаранок ба роҳ мондани маъмурикунонии андоз барои васеъ гардидани манбаи андоз, фондҳо ва ташаккул ёфтани мавқеи бозорӣ субъектҳои соҳибкорӣ мусоидат менамояд. Аз инҷо, ташаккул ёфтани иқтидори андозӣ ва дигар фондҳо хеле муфид баромад мекунад, ки дар ин замина ташаккул додани фонди рушд ва ҳавасмандгардонии моддии мақомоти давлатии андоз дар маҳалҳо фаъол гардонида мешаванд. Дар робита ба ин, ҷорӣ кардани сабукиҳо аз қабили тарҳҳои андозҳо ва даромадҳои санҷиш ҳисобшуда, инчунин маблағи ҷамъшудаи муҷозоти маъмурӣ ва молиявӣ ҳамчун унсури институтсионалӣ ва муфид гардонидани маъмурикунонии андоз баромад мекунад. Аз инҷо, дар раванди муфидгардонии муносибатҳои андозӣ ҷиҳати коҳиш додани хароҷоти тағйирёбанда дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурд, арзёбӣ намудани дараҷаи рақобатнокӣ, ба роҳ мондани истифодабарии технологияҳои иттилоотию иртиботӣ вобаста ба фаъолияти соҳибкорӣ дар таъмини рушди иқтисоди миллӣ шароит фароҳам оварда мешавад.

Имрӯзҳо, заминаҳои институтсионалии танзими низоми андоз дар шароити бозор аз рушди соҳибкорӣ вобастагии калон дорад, зероон заминаи дар амал татбиқ намудани унсурҳои институтсионалӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурате дар пеш меистад, ки мушкилиҳои ҷойдошта дар робита ба баланд бардоштани қобилияти харидории аҳолӣ, муфидгардонии хароҷотҳои хизматрасонии нақлиётӣ, фароҳам овардани шароит барои соҳибкорон бобати дастрасӣ ба ашёи хом, дастовардҳои илмию техникӣ ва сармоягузорӣ мавриди истифодабарӣ қарор дода шаванд. Дар робита ба ин, тақсимоти нобаробари даромадҳо, гаронии андоз, тақсими ваколатҳо ва ӯҳдадориҳои андозӣ байни мақомоти ҳокимиятӣ ва

идоракунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унсурҳои асосии тақвият ёфтани танзими муносибатҳои андозӣ мебошанд. Чунин алоқамандӣ, ҳамчун унсури заминавии институтсионалӣ, барои танзими низоми андоз дар шароити бозор аз ҳисоби тақвият додани низоми маъмурикунонӣ мавқеи ҳалкунандаро мегирад. Аз ҷумла, ҷиҳате ба эътибор гирифта мешавад, ки манфиатҳои давлат аз ҳисоби ҳамоҳангсозии пардохтҳои андозию ғайриандозӣ ҳамчун фишангҳои институтсионалӣ барои пурра гардонидани буҷети сатҳҳои гуногун ва риояи манфиатҳои тарафҳо бо дарназардошти пешгирии ҳолатҳои қонунвайронкунии андозӣ, инчунин маъмурикунонии онҳо заминаҳои устуворӣ пайдо мекунад (ниг. ба ҷадв. 2.3.1).

**Ҷадвали 2.3.1 – Динамикаи бақияи қарзи андозҳо бо назардошти қарзи андози иҷтимоӣ дар ҷумхурӣ дар солҳои 2016-2022, ҳаз. сомонӣ**

| № | Минтқаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/2016 маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ВМКБ | 942,0 | 989,9 | 2513,0 | 2289,6 | 1817,9 | 1787,4 | 1811,0 | 1,9 |
| 2 | Хатлон | 177991,8 | 184506,1 | 183034,0 | 168916,6 | 189917,2 | 179977,1 | 170557,3 | 0,9 |
| 3 | Суғд | 130972,3 | 117380,9 | 97257,8 | 85006,9 | 81568,8 | 70147,9 | 62727,0 | 0,5 |
| 4 | ш. Душанбе | 77703,7 | 77378,7 | 76435,1 | 51738,2 | 51295,3 | 41118,7 | 325961,1 | 4,2 |
| 5 | НТҶ | 71580,1 | 74477,3 | 64463,6 | 57466,9 | 84941,9 | 66714,3 | 55398,1 | 0,8 |
| **Ҳамагӣ** | | **860528,7** | **771072,4** | **725672,8** | **580384,9** | **884014,5** | **793924,9** | **616454,5** | **0,7** |

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф аз рӯйи ҳисоботҳои даврии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Аз маълумоти таҳлилии ҷадвали 2.2.1 чунин бар меояд, ки тамоили динамикаи бақияҳои қарзи андозҳо дар маҷмуъ майли тафриқавӣ дорад. Қайд кардан бамаврид аст, ки чунин майлгирӣ асосан солҳои 2019-2020 – ро дар бар гирифта, аз таъсири омилҳои беруна бар меояд. Соли 2022 нишондиҳандаҳои қарзи андозӣ дар сатҳи минтақавӣ, ба истисноӣ ВМКБ, мувофиқан кам гардида, тағйирёбии динамикии он дар маҷмуъ бештар аз 22% ташкил дод, ки ин аз муфид гардонидани фишангҳои ниҳодҳои институтсионалӣ дарак медиҳад. Аз назари мо, чунин ҳолат аз он бар меояд, ки асоси дигаргуншавии низомҳои инстиутсионалӣ ин

устувор гардидани шароитҳои моддии ташаккулёбии иқтидори иқтисодӣ ва тарзҳои нави идоракунии раванди маъмурикунонӣ дар кишвар мебошад. Дар робита ба ин, ба ақидаи олмони ватанӣ "Хусусияти муҳимтарини иқтисоди давраи гузариш - ноустуворӣ ва рушди босуръати он боиси тағйирёбии доимии системаи умумии иқтисодӣ мегардад ва аз ин рӯ, зарур аст, ки низоми мавҷудаи андоз бо назардошти тағйирот дар иқтисодиёт ва сиёсати афзалиятҳои давлатӣ такмил дода шавад".[64] Аз ин ҷо чунин бар меояд, ки беҳтар гардидани фишангҳои ниҳодҳои институтсионалӣ дар робита ба рушди иқтисоди миллӣ боиси он гардиданд, ки дар кишвар фазои хуби ташаккулёбии иқтидори иқтисодӣ дар натиҷаи муфид гардидани меъёрҳои андозию ғайриандозӣ, беҳтар гардидани сатҳи идоракунии молиявӣ ва дар ин замина васеъ гардидани манбаи андозӣ ба амал омадааст.

Бинобар ин, заминаҳои институтсионалии танзими низоми андоз ва маъмурикунонӣ дар шароити рақамикунонӣ дар шароити бозор ҷиҳатҳоеро дар бар мегирад, ки беҳтар кардани танзими андози давлатии фаъолияти дохилии субъектҳои иқтисодӣ ба такмил ёфтани муносибатҳои байналмилалӣ аз ҳисоби вусъат гирифтани ҳаҷми содирот дар заминаи коркардаи ашёи хоми ватанӣ вобастагии зич доранд. Дар ин самт, вусъат ёфтани фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, аз ҷумла соҳибкории хурди дохилӣ ва муштарак, ҳамзамон фаъол гардонидани ҳамкориҳо дар ин самт аз ҳисоби истифодаи дастовардҳои нави прогрессияи илмию техникӣ, рақамикунонии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ муайянкунанда баромад мекунанд.

Ҳамин тариқ, заминаҳои институтсионалии танзими низоми андоз дар шароити бозори Ҷумҳурии Тоҷикистон аз васеъ шудани иқтидори

---

64 Бегматов А.А. Вопросы совершенствования налоговых отношений в переходной экономике Таджикистана//Сборник научных трудов Налогово-правового института № 3 Душанбе 2001. - С.59-60

андозии дохилӣ, афзун гаштани содироти молу хизматрасонии маҳсулоти ватанӣ ва ҳавасмандгардонии ин равандҳо афзоиш ёфта, асоси амалӣ гардидани ҳадафҳои стратегӣ мебошанд. Бинобар ин, дар самти мазкур, дар баробари муфид гардонидани меъёрҳои андоз, муқарар намудани имтиёзу сабукиҳои андозӣ барои таъмин гардонидани шароитҳои моддӣ ва устуворгардонии даромадҳои субъектҳои хоҷагидор, аз ҷумла соҳибкории хурд, муҳим мебошад. Дар ин самт, аз мавқеи таҳқиқотӣ зарурате дар пеш меистад, ки вусъат додани истеҳсоли маҳсулот дар заминаи коркарди ашёи хоми ватанӣ ва молу хизматрасониҳои ба занҷираи арзиши илова асос меёбад. Барои рушд ёфтани фаъолияти соҳибкории хурд бо дарназардошти имтёзу сабукиҳо истифодаи самараноки фишангҳои ниҳодҳои институтсионалӣ, маъмурикунонӣ ва рақамикунонӣ дар кишвар мусоидат менамояд.

**Хулосаи зербоби 2.2**

Ҳамин тариқ, дар раванди омӯзиши заминаи асосии танзими низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна ва маъмурикунонии он маълум мегардад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди арзёбӣ намудани таъсири низоми андоз ба ҷараёни рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ба самти таъмини рушди устувор нигаронида шудааст. Баланд бардоштани самаранокии фишангҳои амалкунандаи ниҳодҳои институтсионалии андоз аз мавқеи омӯзишӣ зарурат пайдо кардааст. Масъалаҳои омӯзиши мушкилоти низоми танзими давлатии андоз собит менамоянд, ки онҳо ба суръати рушди фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ва дар маҷмуъ ба таъмини тараққиёти бахшҳои воқеӣ таъсири калон мерасонанд, бинобар ин, дар ин самт назорати андоз ва муфид гардонидани маъмурикунонии ин раванд бояд таъсирбахш баромад намояд. Яъне, натиҷаи назорати андозию ғайриандозӣ ҳамчун ниҳодҳои институтсионалӣ бояд ба муайян ва пешгирӣ намудани ҳолатҳои қонунвайронкуниҳои андозӣ равона карда шавад. Ҳолати мазкур ба

сифати яке аз фишангҳои низоми андоз ва дар алоқамандӣ бо таъмини идоракунии фаъолияти соҳибкорӣ таъмин мегардад.

Дар шароити ҳамгироиҳои кишвар бо давлатҳои дигар, сафарбар намудани имкониятҳои институтсионалии рушди муносибатҳои иқтисодӣ дар самти андоз бо дарназардошти созишномаҳои байнидавлатӣ ва ҳамоҳангсозии санадҳои меъёрию ҳуқуқии тарафҳо хеле муҳим баромад мекунанд. Яъне, такмил додани механизми танзими андозӣ ва истифодабарии он бояд ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ равона гардида, бо дарназардошти самтҳои институтсионалӣ ва маъмурикунонии андоз дар таъмини ҳадафҳои стратегӣ замина гузоранд. Собит намудем, ки дар заминаи танзими меъёрҳо ва асоснок кардани таъсири институтсионалӣ ва фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, имкониятҳои зиёди рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар кишвар ба амал меоянд. Натиҷаи фаъолияти онҳо барои баланд бардоштани иқтидори иқтисодӣ, муфидгардонии меъёрҳо ва идоракунии давлатӣ дар сатҳҳои гуногун, баланд бардоштани саҳми онҳо дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ ва таҷдиди инфрасохторҳо барои рушд, аз ҷумла хизматрасониҳо, ҳамчун унсури маъмурикунонӣ нигаронида мешаванд. Маълум гардид, ки дар низоми институтсионалӣ усулҳои гуногуни таъмини самаранокии санҷишҳои андозӣ дар доираи маъмурикунонӣ ҷой доранд. Мақомоти андоз дар рабита ба истифодаи санадҳои меъёрии назорати андоз онҳоро анҷом дода, дар ин самт ҷамъоварӣ, таҳлил ва дурнамои фаъолияти институтсионалиро аз ҳисоби муфидгардонии маъмурикунонӣ таъмин менамояд. Ҳамзамон, барои баҳодиҳии низоми маъмурикунонии андоз аз ҳисоби муфид ба роҳ мондани натиҷаҳои корҳои назоратӣ, ҳисоббаробаркунии бақияпулиҳои андоз, ба ҳисоб гирифтани теъдоди субъектҳои ғайрифаъол ва ба назар гирифтани онҳо хеле муҳим мебошанд.

Муайян карда шуд, ки раванди таъсири унсурҳои институтсионалӣ барои ба назар гирифтани омилҳои таъсиррасон ва хавфҳои эҳтимолии андоз дар фаъолияти соҳибкорӣ ва арзёбии муфиди фаъолияти молиявию иқтисодии субъектҳои хоҷагидор заминагузорӣ менамояд. Аз инҷо, низоми пешниҳодгардида, ҳамчун чорабинии пешгирии хатарҳои ноустувории иқтисодию молиявии субъектҳои соҳибкорӣ, дар таъмини рушди устувори кишвар муҳим баромад мекунад.

# БОБИ 3. САМТҲОИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ АНДОЗБАНДИИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА

## 3.1. Танзими муносибатҳои андозии субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар заминаи усулҳо ва моделҳои эконометрикӣ

Муаммоҳои танзими муносибатҳои андозии субъектҳои соҳибкории хурду миёна характери маҷмуӣ дошта, дар баробари истифодаи васеъ чорабиниҳои ташкилию иқтисодӣ, ҳамзамон аз истифодаи усулҳо ва моделҳои эконометрикӣ вобастагӣ доранд. Дар амалияи андозбандии субъектҳои хоҷагидори бахшҳои воқеӣ муносибатҳои мазкур ҳамчун фишангӣ идоракунӣ баромад мекунанд. Бинобар ин, ба танзим даровардани механизми андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯзҳо ба шароитҳои миллӣ мувофиқ гардида, дар робита ба ҳамкориҳо ва тавсияҳои ташкилотҳои байналмилалӣ муносибатҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушд қарор доранд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ин раванд усулҳои эконометрикӣ ба самте нигаронида мешавад, ки дар заминаи таҳия ва татбиқи усулҳои оморӣ дар иқтисодиёт низоми ташаккул ёфтани иттилоотҳои идоравӣ ба амал омада, дар доираи намудҳои фаъолияти илмӣ ва амалӣ аз тариқи омӯхтани усулҳои омори амалӣ, таҳия ва татбиқи моделҳои эконометрикӣ, бо мақсади танзими муносибатҳои андозии субъектҳои соҳибкории хурду миёна, дар шароити иқтисоди миллӣ имкониятҳои таҳлилӣ ва қабули қарорҳои муфидро ба миён меорад. Ҳамин тавр, ҳамин тавրдар асоси таҳлил ва дурнамои маълумоти иқтисодӣ ва омори амалӣ, ҳалли муаммоҳои дар бахш ҷойдошта бо дарназардошти хусусиятҳои соҳавӣ дар равандҳои иқтисодии динамикӣ дар заминаи моделҳои ҳисобии регрессионӣ мавриди таҳқиқ қарор дода мешаванд.

Аз назари мо, васеъ кардани манбаи андоз аз ҳисоби муфидгардонии гаронии андоз дар асоси истифодаи моделсозии иқтисодию математикӣ хеле таъсирбахш баромад карда, дар низоми идоракунӣ аз ҳисоби тақвият ёфтании танзими иқтисодии шарикии давлат ва бахши хусусӣ рушди истеҳсолот ва хизматрасониҳои ватанӣ таъмин мегарад.

Ҳамин тариқ, дар мавриди ба эътибор гирифтани гаронии андоз, ҳамчун критерияи муайянкунандаи такмили механизми иқтисодии устуворгардонии манбаи андози субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарурате ба миён меояд, ки бо истифода аз усулҳои регрессионӣ, алалхусус фосилаи бовариноки коэффитсиенти регрессия арзёбӣ карда шавад.

Барои амалӣ намудани дараҷаи арзёбии масъалаи мазкур истифодабарӣ аз унсурҳои институтсионалии рушди механимҳои танзими давлатии андоз, муайян намудани меъёрҳои муфиди намудҳои андоз, аниқ намудани муносибатҳои андозӣ вобаста ба низоми андозбандӣ, муайян намудани самаранокии имтиёзҳои андозӣ, инчунин гаронии андоз дар сатҳҳои алоҳидаи фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ истифодаи модели регрессияи дараҷагӣ бамаврид мебошад.

$$Y = a \cdot x_1^{b_1} \cdot x_2^{b_2} \cdot \dots \cdot x_n^{b_n} \quad (3.1.1)$$

Дар инҷо, $Y$ – воридоти андоз, $x_1, x_2, \cdots, x_n$- манбаи андозбандӣ ва омилҳои дигари таъсиррасон, $b_1, b_2, \cdots, b_n$-коэффитсиентҳои регрессия – меъёрҳои андоз.

Бояд қайд намуд, ки истифодаи модели регрессияи дараҷагӣ имкониятеро фароҳам меорад, ки унсурҳои институтсионалӣ дар робита ба дараҷа ва таркиби муносибатҳои андозӣ, аз ҷумла муфидгардонии меёрҳои намудҳои алоҳидаи андоз ва гаронии андоз, бояд ҳамчун фишанги назоратӣ дар самти ташкил ва амалӣ намудани механизми институтсионалии танзими низоми андоз дар шароити Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои тақвият додани муносибатҳои бозорӣ истифода бурда шаванд. Коэффитсиентҳои модели мазкур имкон медиҳад, ки дар мавриди коркарди механизми таъмини иқтисодии манбаи андози субъектҳои соҳибкории хурду миёна, бо дарназардошти риояи манфиатҳои муносибатҳои андозӣ, қарорҳои муфид қабул карда шавад.

Арзёбии қиматнокии нишондиҳандаи ҳисобии коэффитсенти регрессия то кадом андоза фарқият доштани ин нишондиҳандаро аз нишондиҳандаи саҳеҳ дар самти рушди соҳибкории хурду миёна бо тариқи персипективӣ ва дар оянда нишон додани мақоми субъектҳои мазкур нисбатан маҳдуд ифода мекунад. Чунки, аз назари мо, ташаккул ёфтани муносибатҳои андозӣ ҳанӯз дар доираи рақобати солим қарор надорад. Бинобар ин, барои муайян намудани ҳудудҳои минималӣ ва максималии нишондиҳандаи мазкур, яъне ташаккулёбии гаронии андоз дар низоми муносибатҳои андозбандӣ, фосилаи боваринок истифода бурда мешавад.

Аз рӯйи мазмун, таҳти фосилаи боавариноки коэффитсиенти регрессия ($b$) ҳудудҳое фаҳмида мешаванд, ки дар онҳо нишондиҳандаи саҳеҳи муайяншаванда бо дараҷаи эҳтимолияти додашудаи $\alpha$ ҷойгир шудааст. Агар дар ҳудудҳои фосилаи боваринок сифр ҷойгир шавад, яъне ҳудуди поёнӣ манфӣ ва ҳудуди болоӣ мусбат бошад, онгоҳ аз 0 то қимати $b$ қабул намудани ҳудуди поёнии коэффитсиенти регрессия тибқи қоида мебошад.

Бо мақсади арзёбӣ намудани фосилаи боавариноки коэффитсенти регрессия, хатогии стандартии коэффитсиенти регрессия ва қимати ҷадвалии $t$-меъёри Стюдентро истифода менамоем (ниг. ба формулаҳои 3.1.2 ва 3.1.3):

$$m(b) = \sqrt{\frac{\sum_{i=1}^{n}(y_i - y_{xi})^2}{(n-2)\cdot\sum_{i=1}^{n}(x_i - \bar{x})^2}} \quad (3.1.2)$$

$$t_{чад} = t_{1-\alpha;n-k-1} \quad (3.1.3)$$

дар ин ҷо, $m(b)$ - хатогии стандартии коффитсиенти регрессия, $y_i$ - қиматҳои воқеии аломати натиҷавӣ, $y_{xi}$ -қиматҳои ҳисобии аломати натиҷавӣ, $n$ - шумораи умумии мушоҳидаҳо, $x_i$ - қимтҳои омили таъсиррасон, $t_{чад}$ - қимати ҷадвалии меъёри Стюдент, $\alpha$ - дараҷаи эҳтимолият ва $k$ - шумораи омилҳо мебошанд.

Ҳамин тавр, қиматҳои ҳудудии фосилаи боовариноки коэффитсиенти регрессия $(b^-, b^+)$ аз рӯйи формулаҳои зерин ҳисоб карда мешаванд.

$$b^- = b - t_{чад}\cdot m(b)\,;\; b^+ = b + t_{чад}\cdot m(b) \quad (3.1.4)$$

Дар натиҷаи асоснокгардонии фосилаи боовариноки коэффитсиенти регрессияи дараҷагӣ ва дар оянда татбиқ намудани чорабиниҳои механизми иқтисодии устуворгардонии манбаи андози субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар зербоби минбаъда мавриди таҳлил қарор дода мешавад.

Аз назари мо, танзими муносибатҳои андозии субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар заминаи усулҳо ва моделҳои эконометрикӣ имкониятҳоеро фароҳам меоранд, ки онҳо ҳангоми татбиқи сиёсати тағйирёбандаи андозию молиявӣ асоснокии нишондодҳои стратегияи пешгӯии нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодиро дар алоқамандӣ бо андоз арзёбӣ менамояд. Дар ин замина, барои пешгирии зуҳуроти бӯҳронҳо чораҳои пешгирикунанда таҳия гардида, дар мавриди ба амал омадани тағйиротҳо дар стратегия ва консепсияи андоз вуҷуддошта истифода бурда мешавад. Бинобар ин, мавқеи таҳқиқоти мо ба самте

нигаронида мешавад, ки таъмини устувории андоз дар заминаи васеъкунии манбаи андоз аз ҳисоби фаъолияти соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ ба роҳ монда шуда, ба сиёсати молиявию андозӣ ва воқеияти иқтисоди миллӣ алоқаманд карда мешавад.

Ҳамин тариқ, бо таҳлилҳо ва таҳқиқоти молиявию андозӣ нишондиҳандаҳои муҳими макроиқтисодӣ, алалхусус сатҳи баланди мавҷудияти гаронии андоз, инчунин дараҷаи некуаҳволӣ ба амал меояд. Дар ин замина имконияте пайдо мегардад, ки гаронии андоз кам гардида, бо дарназардошти имконият ва шароитҳои имтиёз ва сабукуҳои андозӣ рағбаткунонии корхонаҳои хурди истеҳсолӣ ва фаъол гардонидани соҳибкории хурду миёна ва дар заминаи он васеъшавии ҷойҳои нави корӣ ва афзудани даромад ба амал меояд.

Бинобар ин аз назари мо сиёсати молия ва андоз дар самти таъмини тағйирёби истифодаи усулҳои танзими муносибатҳои андозии субъектҳои иқтисодӣ ва истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ имконииятҳо ба амал меоянд. Чунин тадбир, ҳамчун омили дигаргунсозиҳо ва навгониҳои иқтисоди миллӣ гардида, сиёсати молиявиро дар заминаи танзими муносибатҳои андозии субъектҳои соҳибкории хурду миёна самаранок мегардонад.

Имрӯзҳо дар шароити муосири Тоҷикистон, гаронии андоз дар сатҳҳои гуногунии идоракунии иқтисодӣ аз назари мо бояд, ки ҳамчун таносуби умумии воридоти воқеии андоз, имтиёзҳои андозӣ ва қарзҳои андозӣ ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бояд баэътибор гирифта шавад. Яъне, дар раванди ислоҳоти андоз бояд чунин татбирҳо аз қабили коҳиш додани гаронии умумии андоз, дараҷаи шадиди андозбандӣ дар истеҳсолот, ҳавасмандгардонии низоми андозбандӣ дас самти истеҳсолот, соддагардонии низоми андоз, истифодаи васеъи усули регрессивии андоз, ҳафасмандгардонии ҷалби сармоя ва рақамикунонии маъмурикунонии андоз мунтазам баэътибор гирифта шаванд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар муносибатҳои андозбандӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба манфиатҳои тарафҳои андоз муайянкунада баромад мекунад. Яъне, ҳангоми татбиқи барномаи молиявии давлат, зарурати саривақт ва пурра ғанӣ гардонидани буҷет ва фондҳои ғайрибуҷетӣ ҷой дошта, ҳамзамон риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни муносибатҳои андозӣ муаммоҳоеро ба амал меорад, ки ҳалли онҳо аз нигоҳи илмию методӣ муҳим мебошад. Вобаста ба масъалаи мазкур, бояд қайд намуд, ки ҳамоҳанг намудани манфиатҳои давлат ва ҳуқуқҳои андозсупорандагон критерияи муҳими арзёбӣ намудани низоми андозбандӣ мебошад. Чунки, дар доираи ин таносуб муфид гардонидани гаронии андоз ва ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ хеле муҳим мебошад. Ҳамзамон, қайд кардан бамаврид аст, ки имрӯзҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи соҳибкорӣ зарурати рушдро дар бар гирифта, дар ин самт қобилияти нокифояи харидории аҳолӣ, баланд будани арзиши хизматрасониҳо, нокифоя будани дастрасӣ ба технологияҳои нав, аз ҷумла хизматрасонии бонкӣ ҳамчун масъалаи ҳалталаб баромад мекунанд, ки таносуби онҳо аз назари мо васеъ ба роҳ мондани усулҳои эконометрикиро ба миён оварда, натиҷаи он таҳлили ҳолати кунунӣ ва рушди соҳибкориро, дар робита ба зарурати танзими низоми андозбандии миллӣ, ифода менамояд.

Дар ин раванд, танзими муносибатҳои андозии субъектҳои соҳибкории хурду миёна барои арзёбӣ намудани алоқамандии андоз ба нишондиҳандаҳои асосии субъектҳои соҳибкори хурду миёна нигаронида мешавад. Истифодаи усулҳои эконометрикӣ бошад, барои асоснокгардонии назария ва амалияи танзими муносибатҳои андозӣ ва табдил додани он ба омили рушди иқтисоди миллӣ ба эътибор гирифта мешавад.

Имрӯзҳо рушди иқтисоди миллӣ бо дарназардошти манфиатҳои умумӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи рушди соҳибкории хурду миёна ба роҳ монда шудааст. Ҳамзамон, рушди соҳибкорӣ ҳамчун фишанги иқтисоди миллӣ баромад карда, дар доираи сиёсати иҷтимоию иқтисодии кишвар барои тақвият додани иқтидори иқтисодию молиявӣ нигаронида мешавад. Вобаста ба мақоми соҳибкорӣ дар рушди иқтисоди миллӣ, дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 23-юми декабри соли 2022 қайд гардидааст, ки "Дар доираи сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат доир ба дастгирии фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ дар замони соҳибистиқлолӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардида, дар ин самт барои соҳибкорон имтиёзу сабукиҳои зиёд ҷорӣ карда шуданд".[65] Аз инҷо, дар самти рушди фаъолияти соҳибкорӣ роҳандозӣ намудани тадбирҳои андешидашуда зарур мебошад, ки дар баробари дастгирии давлатии соҳибкорӣ, дар ин раванд бояд танзими муносибатҳои андозии субъектҳои соҳибкории хурду миёна бо истифода аз усулҳо ва моделҳои эконометрикӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Бо ин роҳ ба фаъолияти соҳибкорӣ шароитҳо фароҳам гардида, шаклҳои нави хоҷагидорӣ дар тақвияти рушди иқтисоди миллӣ ва муфидгардонии хароҷотҳои маъмурикунонии андоз мақоми ҳалкунанда мегирад. Аз ҷумла дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дарҷ гаридааст, ки "...такмили Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади содагардонии маъмурикунонии андоз ва коҳишдиҳии сарбории андоз барои сиҳибкории хурд ва миёна".[66] Бинобар ин, аз ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ бар меояд, ки тақвияти намудҳои гуногуни соҳибкории хурду миёна

---

[65] Паёми Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». – Душанбе, 23-юми декабри соли 2022. – С.5.

[66] Стратегияи миллии рушди Ҷумхурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – С.91.

муҳим буда, онҳо бо истифода аз усулҳои муосир имкониятҳоеро фароҳам меоранд, ки дар самти татбиқи ҳадафҳои стратегӣ танзими андозии соҳибкорӣ ҳамчун фишанги рушди иқтисоди миллӣ баромад намояд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки рушди фаъолияти соҳибкорӣ аз тариқи васеъ кардани фаъолияти истеҳсолию хизматрасонӣ пеш аз ҳама, заминаи иқтидори иқтисодӣ ва андозӣ ба шумор меравад. Ба ақидаи мо, истифодаи усулҳо ва моделҳои эконометрикӣ дар танзими муносибатҳои андозии субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон фишанги хеле таъсирбахш баромад мекунад. Бо ин роҳ, захираҳои истифоданашуда барои тамоми бахшҳои воқеии иқтисоди миллӣ аз ҳисоби ташаббускорӣ, навоварӣ ва корчалонии субъектҳои соҳибкории хурду миёна бо дарназардошти ба роҳ мондани кластерҳои истеҳсолию хизматрасонӣ дар доираи ба назар гирифтани МОИ, васеъ ба роҳ мондани бозори қоғазҳои қиматнок, алоқамандии онҳо раванди коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ҳамчун фишангҳои танзими андозӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Чунки, ин равандҳо заминаи моддии афзоиши даромад баромад карда, дар заминаи диверсификатсияи истеҳсоли молу хизматрасониҳо устувории иқтисодию молиявӣ ва васеъ кардани манбаи андозбандӣ ва танзими онро таъмин месозанд. Аз инҷо чунин бар меояд, ки ташаббускории субъектҳои соҳибкории хурду миёна хеле муҳим буда, арзёбӣ намудани фаъолияти онҳо дар робита ба такмили низоми андозбандӣ хеле таъсирбахш баромад менамоянд. Масалан, бо истифодаи васеъи низомҳои махсуси андозбандӣ барои фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна ҳавасмандӣ ба амал омада, ин ҳама дар ниҳояти кор ба афзудани иқтидори иқтисодӣ, васеъ шудани манбаи андозбандӣ, таъмини устувории молиявӣ дар сатҳҳои гуногуни буҷетӣ мусоидат менамоянд.

Дар робита ба коркард ва пешниҳод намудани чорабиниҳо оид ба танзими муносибатҳои андозии субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он аломатҳои ташкилию ҳуқуқии бакор даровардани иқтидори соҳибкорӣ назаррас мебошад. Аз ҷумла, соли 2022 тибқи Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 338,3 ҳазор субъект, аз ҷумла дар ВМКБ 6,9, дар вилояти Суғд 121,2, дар вилояти Хатлон 107,7, дар НТҶ 59,2 ва шаҳри душанбе Душанбе 43,1 ҳазор адад, ҳамчун субъекти соҳибкорӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки аз маҷмӯи онҳо 110,0 ҳазор тибқи патент фаъолияткунанда, 160,0 ҳазор хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ ва 36,9 ҳазор соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома ба шумор меравbooанд.[67]

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар баробари ҷиҳатҳои ташкилию ҳуқуқии рушди соҳибкорӣ, аз назари мо, усулҳои арзёбӣ намудани таъсири андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин таъсири МММ ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ, бо дарназардошти танзими низоми андозӣ аз ҳисоби сафарбар намудани усулҳо ва моделҳои эконометрикӣ, хеле муҳим мебошад. Вобаста ба ин, аз тарафи олимони ватанӣ ва хориҷӣ тарзу усулҳои арзёбинамоии таъсири андоз ба натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, ки аз ҷониби онҳо ҷиҳатҳои миқдории арзёбӣ намудани танзими муносибатҳои андозӣ зарур дониста шудааст. Аз ҷумла, тибқи ақидаи Ван Хорн Дж.К. “Омӯзиши тағйирот дар фаъолияти соҳибкории хурд бо мурури замон, аз ҷумла нишондиҳандаҳои пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ дар бораи тамоюлҳои мавқеи ин корхонаҳо дар бозор, тағйироти мусоид ва номусоид дар муҳити берунии онҳо, афзалиятҳо ва хатарҳо, самаранокии

[67] Ҳисоботҳои давравии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022.

идоракунӣ тасаввуроти дақиқи миқдорӣ медиҳад”.[68] Аз инҷо, чунин бар меояд, ки ба ҳисоб гирифтани омилҳои таъсиррасон дар мавриди такмили низоми андоз ва истифодаи васеъ аз усулҳои иқтисодию математикӣ раванди идоракунии фаъолияти соҳибкории хурду миёнаро муфид менамояд. Ҳамзамон дар ин самт, таҳқиқотҳои илмии олимони ватанӣ аз қабили Ҳ.У. Умаров, Л.Х. Саидмуродзода, И.Р. Иброҳимзода, С. Маъдиев, У.М. Воҳидов, П.Ҷ. ва дигарон ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии арзёбӣ намудани алоқамандии нишондиҳандаҳои асосии муносибатҳои андозӣ ва заминаи рушди таҳқиқотии ин самтро дар бар мегиранд. Дар ин ҷода, муайян кардани қонуниятҳои ташаккулёбии иқтидори иқтисодӣ ва воридоти андоз дар заминаи ба назар гирифтани сатҳи мутлақ ва нисбии нишондиҳандаҳои микро ва макроиқтисодӣ, инчунин ба назар гирифтани талаботи таъмини ягонагии сиёсати андозӣ дар робита ба муфид гардонии гаронии андоз муайянкунанда ба шумор меравадн.

Қайд кардан бамаврид аст, ки барои арзёбӣ намудани таъсири андозбандӣ ба нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои хурду миёна ва тақвияти иқтидори иқтисоди миллӣ аз назари мо, истифодаи усулҳои иқтисодию математикӣ хеле зарур буда, бо мақсади беҳтар гардонидани раванди маъмурикунонии андоз дар заминаи алоқамандии аломати натиҷавӣ бо омилҳо таъсиррасон истифодаи модели регрессионии дараҷавӣ бомаврид мебошад. Чунин ҳолат бевосита аз талаботҳои рушди иқтисоди миллӣ дар шароити бозор бар меояд, яъне дар шароити иқтисоди бозор фаро гирифтани шуғли меҳнатӣ ва ташаккули фаъолияти субъектҳои хурду миёна хеле муҳим буда, онҳо дар баробари васеъ кардани заминаҳои молиявӣ даромадҳои андозиро зиёд гардонида, устувории буҷетро дар сатҳҳои гуногун таъмин менамоянд. Бо ин роҳ

[68] Ван Хорн Дж.К. Основы управления финансами / Дж. К. Ван Хорн.-М.: Финансы и статистика, 1996. - 799с.

имкониятҳое фароҳам меоянд, ки онҳо ба ҳалли масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум равона мегарданд. Дар ин асос қайд кардани ҳастем, ки дар раванди рушди муносибатҳои бозорӣ аз ҳисоби ташаббускориҳо ва навовариҳо табақаи фаъоли соҳибкорон ба амал омада, бо дарназардошти татбиқи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ва васеъ шудани ҷойҳои нави корӣ раванди фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун омили таъсирбахш баромад мекунад.

Имрӯзҳо фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар арафаи ташаккулёбӣ ва рушд қарор доранд. Бинобар ин, дар ин самт имкониятҳое ҷой дорад, ки бо истифода аз усулҳои эконометрикӣ татбиқи чорабиниҳои танзими андоз ва рушди минбаъдаи онҳо дар васеъ кардани манбаи андоз ва таносуби он дар нишондиҳандаҳои макро ва микроиқтисодӣ шароити муҳимро ба амал меорад. Тавре аз маълумоти омори соҳавӣ бар меояд, ҳиссаи корхонаҳои хурд ва миёна дар асоси истифодаи омили соҳибкорӣ дар ҳоли рушд қарор доранд. Маълум мегардад, ки дар ин самт ҳаҷм ва сифати натиҷаи фаъолияти соҳибкорӣ ва мувофиқан васеъ шудани таркиби даромади онҳо афзуда истодаанд. Аз рӯйи арзёбии алоқамандии байни нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои хурду миёна дар солҳои 2020-2022 чунин бар меояд, ки корхонаҳои хурд дар давраи таҳлилӣ 1727 адад ва корхонаҳои миёна 488 адад зиёд шудаанд. Дар ин доира, ҳаҷми истеҳсоли корхонаҳои хурд 753,5 млн. сомонӣ коҳиш ёфта, дар корхонаҳои миёна бошад ба андозаи 4235,8 млн. сомонӣ афзоиш ёфтааст. Вобаста ба воридоти андоз дар давраи таҳлилӣ, агар аз ҳисоби корхонаҳои хурд 110,3 млн. сомонӣ кам гардида бошад, пас аз ҳисоби корхонаҳои миёна дар ҳаҷми 713,8 млн. сомонӣ ба буҷет воридоти андоз зиёд ворид гардидааст. Инчунин, қайд кардан зарур аст, ки теъдоди корхонаҳои хурду миёна дар давраи

таҳлилӣ ба андозаи 2215 адад, ҳаҷми истеҳсол ва фурӯш 3482,3 млн. сомонӣ ва воридоти андоз бошад 603,5 млн сомонӣ афзоиш ёфтааст.[69]

Ҳамин тавр, тағйиротҳои фаъолияти соҳибкории хурду миёна характери ояндавӣ дошта, дар робита ба васеъ шудани ҷойҳои корӣ, гирифтани музди меҳнати мувофиқ ва дар маҷмуъ ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ мақоми ҳалкунанда доранд. Ин пеш аз ҳама бо дигаргуншавии шакли хоҷагидорӣ алоқаманд буда, ҳаҷму таркиби истеҳсол ва хизматрасонӣ, инчунин пардохти андозҳо ба буҷет ба тариқи тафриқавӣ мувофиқан ислоҳоти калонро ворид менамояд. Дар ин замина, мақоми нави соҳибкорӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун муҳаррики рушди иқтисоди миллӣ ифода мегардад. Ин барои тақвият додани инфрасохтори инноватсионии рушди фаъолияти корхонаҳои хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид мебошад. Бинобар ин, ба ақидаи мо зарурате дар пеш меистад, ки аз фишангҳои дастгирии давлатӣ ва истифода аз таҷрибаи пешқадами технологияи замони муосир истифода барем.

Дар доираи фаъолияти соҳибкории хурду миёна нишондиҳандаи муҳим аз он иборат аст, ки бо хароҷоти камтарин натиҷагирӣ намоянд. Чунки ҳиссаи бештари хароҷот дар даромади корхонаҳои хурд ва миёна аз он бар меояд, ки хароҷотҳои маъмурии андозӣ қисми бештарро ташкил медиҳанд. Аз ин ҳисоб истифодабарии низоми соддакардашудаи андозбандӣ зарур буда, барои дар оянда муфид ба роҳ мондани хароҷотҳои андозӣ дар фаъолияти соҳибкории хурду миёна шароити муфид барои танзими муносибатҳои андозии субъектҳои соҳибкории хурду миёна, бо истифода аз усулҳо ва моделҳои эконометрикӣ, муайянкунанда баромад мекунад.

[69] Ҳисоботҳои давравии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022.

Аз тадқиқот чунин бар меояд, ки барои пеш гирифтани танзими муносибатҳои андозии субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар заминаи усулҳо ва моделҳои эконометрикӣ, истифодаи низоми содакардашудаи андозбандӣ дар доираи фаъолияти соҳибкории хурду миёна, имкониятҳои асоснокгардониро ба миён меорад. Дар амалия аз мазмуни раванди андозбандӣ тибқи низоми содакардашуда чунин бар меояд, ки тарзи ҳисоб барои бешбурди фаъолияти соҳибкории хурду миёна то қадри имкон мушкилиҳоро пеш меорад. Аз ин сабаб, усули андозбандии субъектҳои мазкур бояд дар асоси ҳаҷми фоидаи бадастомада амалӣ гардонида шавад. Чунин тарз, барои дар оянда беҳтар ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, дар шароити кунунӣ масъалаи муҳимтарини рушди механизми танзими андозбандии субъектҳои хурду миёна аз он иборат аст, ки натиҷаи фаъолияти молиявии онҳо ба интихоби низоми мувофиқи андозбандӣ алоқамандии зич дорад. Бинобар ин, истифодаи усулҳои иқтисодию математикӣ имконияти методии арзёбӣ намудани алоқамандии аломати натиҷавӣ ва омилҳои таъсиррасонро дар доираи муносибатҳои андозӣ таъмин мегардонад.

Ҳамин тариқ, дар самти амалӣ намудани танзими муносибатҳои андозии субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар заминаи усулҳо ва моделҳои эконометрикӣ, пеш аз ҳама, истифода бурдани онҳо аз интихоби муфиди нишондҳандаҳои таркибии даромади андозӣ вобастагӣ дошта, дар ин ҷода барои танзими муносибатҳои андозии субъектҳои соҳибкории хурду миёна ба назар гирифтани сатҳи гаронии андоз дар доираи фосилаи боваринок хеле муҳим мебошад. Аз ин ҳисоб, аниқ намудани муносибатҳои андозӣ вобаста ба низомҳои махсуси андозбандӣ имкониятҳоеро фароҳам меорад, ки муайян намудани

муфидгардонии гаронии андоз дар сатҳҳои алоҳидаи фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна истифодаи модели регрессияи дараҷагӣ бамаврид мебошад. Бо ин мақсад, ба роҳ мондани таҳлили регрессионӣ зарур мебошад (ниг. ба ҷадв. 3.1.1).

**Ҷадвали 3.1.1. – Динамикаи воридоти андоз ва даромади умумии субектҳои соҳибкории хурд барои солҳои 2015-2022**

| Нишондиҳандаҳо / Солҳо | Воридоти андоз – Y, млн. сомонӣ | Даромади умумӣ – X, млн. сомонӣ | Ln(Y) | Ln(X) |
|---|---|---|---|---|
| 2015 | 14,5 | 241,0 | 2,675 | 5,485 |
| 2016 | 14,7 | 243,4 | 2,685 | 5,495 |
| 2017 | 14,8 | 245,9 | 2,695 | 5,505 |
| 2018 | 15,0 | 248,4 | 2,705 | 5,515 |
| 2019 | 15,5 | 252,6 | 2,740 | 5,532 |
| 2020 | 16,2 | 268,1 | 2,786 | 5,591 |
| 2021 | 16,3 | 260,7 | 2,792 | 5,563 |
| 2022 | 15,1 | 244,8 | 2,713 | 5,501 |

***Сарчашма:*** *Коркарди муаллиф дар асоси ҳисоботҳои даврии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Дар раванди таҳлил бо истифода аз усулҳои эконометрикӣ дар заминаи маълумоти омории ҷадвали 3.1.1. модели регрессияи дараҷагии арзёбии воридоти андоз таҳия карда шуд, ки намуди хаттӣ ва ғайрихатии моделҳои ҳисобӣ бо тариқи зайл пешниҳод гардонида мешаванд:

$$BA_{сх} = 0{,}0256 \cdot ДУ^{1{,}1562} \quad (3.1.5)$$

Намуди хатии модели таҳиягардида чунин мебошад:

$$BA_{сх} = -3{,}6624 + 1{,}1562 * ДУ \quad (3.1.6)$$

Дар инҷо, $BA_{сх}$- воридоти андоз ва ДУ – даромади умумӣ аз ҳисоби субъектҳои соҳибкории хурд мебошанд.

Модели таҳиягардида аз рӯйи тавсифҳои омории сифат, хатогӣ ва эътимоднокӣ санҷида шудааст, ки натиҷаи он чунин мебошад: $R^2 = 0{,}9113$; $\bar{A} = 0{,}3998\%$; $DW = 1{,}9018$.

Натиҷаи тавсифҳои оморӣ, эътимоднок будани модели ҳисобии регрессияи дараҷагии арзёбии воридоти андози субъектҳои соҳибкории хурдро нишон медиҳанд.

Дар мавриди истифодаи модели таҳиягардида чунин бар меояд, ки ҳангоми ба 1% зиёд гардидани даромади умумии субъектҳои соҳибкории хурд, ба ҳисоби миёна воридоти андози субъектҳои мазкур ба андозаи 1,1562 % афзоиш меёбад. Ҳамзамон, қайд кардан бамаврид аст, ки дар раванди таҳлил, вобаста ба шартҳо ва қонуниятҳои амал намудани талаботҳои эконометрикӣ, бо мақсади мунфидгардонии тарафҳои андозбандӣ зарурате дар пеш меистад, коэффитсиенти мазкурро дар доираи истифодаи фосилаи боваринок мавриди таҳқиқ қарор диҳем. Дар баробари ин, барои ноил гардидан ба қиматҳои ҳисобии фосилаи боваринoки коэффитсиенти регрессия, муайян намудани хатогии стандартии коэффитсиенти мазкур ва қимати ҷадвалии меъёри Стюдент зарур мебошад, ки натиҷаи ҳисоби он шакли зеринро мегирад:

$$m\ (b) = \sqrt{\frac{\sum_{i=1}^{n}(y_i - y_{xi})^2}{(n-2)\cdot\sum_{i=1}^{n}(x_i - \bar{x})^2}} = 0{,}1472 \quad (3.1.7)$$

Дар робита ба шумораи солҳои мушоҳидавӣ, қимати ҷадвалии меъёри Стюдент шакли зеринро мегирад:

$$t_{чад} = t_{0,05;8-2} = 2{,}4469 \quad (3.1.88)$$

Ҳамин тавр, дар натиҷаи қиматҳои ҳисобии коэффитсинти регрессия, хатогии стандартии коэффитсиенти мазкур ва қимати ҷадвалии меъёри Стюдент қиматҳои ҳисобии фосилаи боваринокро барои коэффитсиенти модели регррессияи таҳиягардида пешниҳод менамоем:

$$b^- = 1{,}1562 - 2{,}4469 \cdot 0{,}1472 = 0{,}7959\ ;\ b^+ = 0{,}1562 + 2{,}4469 \cdot 0{,}1472 = 1{,}5166 \quad (3.1.9)$$

Вбасата ба ҷараёни таҳлилии регрессионии арзёбии воридоти андоз барои субъектҳои соҳибкории хурд, тасмим гирифтем, ки таҳлили арзёбии воридоти андозро дар робита ба субъектҳои соҳибкории миёна мавриди таҳқиқ қарор диҳем. Бо ин мақсад, намуди хаттӣ ва ғайрихатии моделҳои ҳисобии регрессияи дараҷагӣ ва фосилаҳои бовариноки коэффитсиенти регрессия барои субъектҳои соҳибкории миёна таҳия гардонида шуд (ниг. ба замимаи 1):

$$\text{ВА}_{\text{см}} = 0{,}0350 \cdot \text{ДУ}^{1{,}1558} \quad (3.1.10)$$

Намуди хатии модели таҳиягардида чунин мебошад:

$$\text{ВА}_{\text{см}} = -3{,}3512 + 1{,}1558 * \text{ДУ} \quad (3.1.11)$$

Фосилаи бовариноки барои коэффитсиенти модели регррессияи тащиягардида чунин мебошад:

$$b^- = 1{,}1558 - 2{,}4469 \cdot 0{,}1102 = 0{,}8862 \;;\; b^+ = 0{,}1558 + 2{,}4469 \cdot 0{,}1102 = 1{,}4255 \quad (3.1.12)$$

Ҳамин тавр, таҳлили нишондиҳандаҳои таркибии муносибатҳои андозӣ дар робита ба танзими муносибатҳои андозӣ дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар асоси истифодаи усулҳо ва моделҳои эконометрикӣ нишон медиҳанд, ки зарурияти ба назар гирифтани таносуби ҳудудҳои поёнӣ ва болоии фосилаи бовариноки коэффитсиенти регрессия ҷой доранд. Дар робита ба фаъолияти соҳибкории хурду миёна ва ташаккул ёфтани иқтидори иқтисодии онҳо зарурате ҷой дорад, ки дар доираи арзёбӣ намудани дастгирии давлатӣ ва ғанигардонии буҷет эҳтимолияти баҳодиҳии ҳудуди ҳадди ақал ва ҳадди аксари фосилаҳои бовариноки сафарбар намоем.

**Хулосаи зербоби 3.2.**

Ҳамин тавр, баррасӣ намудани танзими муносибатҳои андозии субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар заминаи усулҳо ва моделҳои эконометрикӣ нишон медиҳад, ки муносибатҳои андозии субъектҳои соҳибкории хурду миёна характери маҷмуӣ доранд. Амалияи

андозбандии субъектҳои хоҷагидори бахшҳои воқеии муносибатҳои мазкур ҳамчун фишангӣ идоракунӣ баромад карда, танзими механизми андозбандӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби васеъ ба роҳ мондани ҳамкориҳо, муратабгардонӣ ва амалӣ гардонидани тавсияҳои илмию методӣ бо мақсади истифодаи усулҳои эконометрикӣ хеле муҳим баромад мекунад.

Маълум карда шуд, ки дар ин раванд яке аз нишондиҳандаи муҳимтарини пешгирифтани батанзимдарорӣ ин гаронии андоз ва муфидгардонии он мебошад. Дар ин самт зарур аст, ки таносуби умумии воридоти воқеии андоз, имтиёзҳои андозӣ ва қарзҳои андозӣ дар маҷмӯъ нисбат ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ба назар гирифта шаванд. Ҳамин тавр, собит намудем, ки дар равандиислоҳоти андоз бояд чунин татбирҳо, ба монанди коҳиш додани гаронии умумии андоз, дараҷаи шадиди андозбандӣ дар истеҳсолот, ҳавасмандгардонии низоми андозбандӣ дар самти истеҳсолот, соддагардонии низоми андоз, истифодаи васеъи усули регрессивии андоз, ҳавасмандгардонии ҷалби сармоя ва рақамикунонии маъмурикунонии андоз бояд ба назар гирифта шаванд. Дар баробари ин, қобилияти нокифояи харидории аҳолӣ, баланд будани арзиши хизматрасониҳо, нокифоя будани дастрасӣ ба технологияҳои нав ба назар гирифта шуда, дар доираи танзими муносибатҳои андозӣ ва дар робита ба фаъолияти соҳибкории хурду миёна зарурати васеъ ба роҳ мондани усулҳои эконометрикиро ба миён овардааст, ки ин ҳамчун воситаи танзими низоми андозбандии фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди иқтисоди миллӣ баромад мекунад.

Муйян намудем, ки ташаббускорӣ, навоварӣ ва корчалонии субъектҳои соҳибкории хурду миёна бо дарназардошти ба роҳ мондани кластерҳои истеҳсолию хизматрасонӣ ва васеъ ба роҳ мондани шаклҳои нави хоҷагидорӣ ҳамчун имконияти васеъи ташаккул ёфтани заминаи моддии афзоиши даромад баромад мекунад. Дар робита ба ин, пеш

гирифтани диверсификатсияи истеҳсоли молу хизматрасониҳо устувории иқтисодую молиявӣ ва васеъ кардани манбаи андозбандӣ ва танзими онро таъмин мегардонад. Аниқ карда шуд, ки низомҳои махсуси андозбандӣ дар робита ба соҳибкории хурду миёна имкониятҳоеро фароҳам меоранд, ки дар ин замина муфидгардонии гаронии андоз дар сатҳҳои алоҳидаи фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна бо истифода аз модели регрессияи дараҷагӣ бамаврид мебошад. Ҳамин тавр, дар асоси маълумоти омории нишондиҳандаҳои асосии субектҳои соҳибкории хурду миёна моделҳои регрессяии дараҷагии арзёбии воридоти андоз таҳия ва пешниҳод карда шуд. Муайян карда шуд, ки бо истифода аз нишондиҳандаҳои таркибии муносибатҳои андозӣ дар робита ба танзими муносибатҳои андозӣ дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна, истифодаи усулҳо ва моделҳои эконометрикӣ имкониятҳои зиёди идоракуниро дар бар мегиранд. Бо ин роҳ, аниқ гардонида мешавад, ки ташаккули иқтидори иқтисодӣ ва арзёбии тарафҳои андозбандӣ дар доираи баҳодиҳии ҳудудҳои фосилаҳои боваринок таъмин гардонида мешавад.

## 3.2. Роҳҳои устуворгардонии манбаҳои андозбандии соҳибкории хурду миёна

Роҳҳои устуворгардонии манбаҳои андозбандии соҳибкории хурду миёна аз шароитҳои ташаккулёбии принсипҳо, равияҳои омӯзишӣ, истифодаи воситаҳои татбиқи санадҳои ташкилию иқтисодӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ дар алоқамандӣ бо рушди фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ иборат мебошад. Дар ин ҷода, муваффақ шудан ба рақобатпазирӣ ва ҷолибгардонии бозори сармоягузорӣ ба арзёбӣ намудани таъсири омилҳои рушди иқтисоди миллӣ нигаронида шудааст.

Дар ин замина, иқтидори фаъолияти соҳибкории хурду миёна аз рӯйи аломатҳои таркиби сохторӣ ба ҷой доштани мушкилотҳои

иқтисодию молиявӣ, ташаккул ва истифодаи дастовардҳои инноватсионӣ, баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ вобаста мебошад. Чунки, шароитҳои мазкур дараҷаи рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёнаро дар робита ба танзими андозӣ муайян мекунад. Бо ин роҳ, ташаккул додани механизми ташкилию иқтисодии субъектҳои мазкур, коркарди механизми иқтисодии устуворгардонии манбаи андози субъектҳои соҳибкорӣ дар алоқамандӣ бо назария ва методологияи татбиқи танзими давлатии рушди фаъолияти соҳибкорӣ муайян карда мешавад.

Қайд кардан бамарид аст, ки дар ин самт ҳалли масъалаҳои маблағгузорӣ, интихоб ва сафарбар кардани фишангҳои танзими давлатии андоз ҳавасмандгардонии раванди соҳибкории хурду миёна асоси рушди устуворгардонии фаъолияти субъектҳои мазкур дар самти васеъ кардани манбаи андоз дар доира муфидгардониии гаронии андоз мебошад. Яъне, устуворгардонии манбаҳои андозбандии соҳибкории хурду миёна вобаста ба шароитҳои ташаккулёбии принсипҳо ва равияҳои омӯзишӣ, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ташкилии механизми ҳамкории мақомоти танзимкунандаи давлатӣ аз ҳисоби фаъол гардонидани шарикии давлат бо бахши хусусӣ мебошад. Чӣ тавре аз Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бар меояд “Имрӯз таъмини шароитҳои мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, фароҳам овардани шароит ҷиҳати кафолат додани ҳифзи ҳуқуқҳои молу мулкӣ, ҷалби сармоягузориҳои мустақим ва идоракунии самараноки дороиҳои худӣ шартҳои зарурӣ барои соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт ба ҳисоб меравад”.[70] Вобаста ба ин, рушди соҳибкории хурду миёна чандирӣ буда, аз рӯйи хислати фаъолияти ташаббускорӣ, навоварӣ, қобилияти

[70] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – С.28.

васеъ кардани ҷойҳои кории нав ва иқтидори иқтисодӣ дар заминаи коркарди ашёи хоми ватанӣ, дар самти васеъ намудани манбаи андоз шароити муайянкунанда баромад менамоянд.

Ҳамин тавр, масъалаҳои муайян кардан ва асосноккунии амиқи илмии имкониятҳои таъмини рушди соҳибкории хурду миёна аз ҳисоби устуворгардонии манбаи андоз тибқи усулҳои эконометрикӣ аҳамияти махсус доранд. Дар ин замина имкониятҳое фароҳам меоянд, ки барои устуворгардонии манбаҳои андозбандии соҳибкории хурду миёна аз танзими давлатии низоми андоз ба шароитҳои рушди иқтисоди бозорӣ мутобиқ ба роҳ монда шавад. Аз инҷо, омӯзиши ҳаматарафаи назариявӣ ва масъалаҳои инкишоф додани танзими давлатии низоми андоз дар фаъолияти соҳибкории хурду миёна хеле зарур мебошад. Иҷрои чунин вазифаҳо, ба монанди ташаккул ва татбиқи механизми рушди инноватсионӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ, истифодаи усулҳои таҳлили эконометркӣ ва муайян намудани тамоюлҳои татбиқи сиёсати фискалии давлат дар заминаи васеъ кардани манбаи андозбандӣ аз раванди ба роҳ мондани шаклҳои нави хоҷагидорӣ дар бахшҳои воқеии иқтисоди миллӣ вобастагӣ дорад. Дар ин самт, бо тариқи маҷмуӣ ба эътибор гирифтани тамоюлҳои рушди соҳибкории хурду миёна ва сабабҳои тағйир ёфтани онҳо доираи муаммоҳои рушди иқтисоди миллӣ муайянкунада баромад мекунад (ниг. ба рами 3.2.1).




**Расми 3.2.1 – Муаммоҳои такмили механизми иқтисодии устуворгардонии манбаи андози субъектҳои соҳибкории хурду миёна**

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Чӣ тавре аз расми 3.2.1 бар меояд, такмил додани механизми иқтисодии устуворгардонии манбаи андоз дар раванди соҳибкорӣ аз иқтидори иқтисодӣ, аз рӯйи шаклҳои навоварӣ, сохторӣ, сармоягузорӣ ва молиявӣ муайян карда мешавад. Татбиқи усулҳои эконометрикӣ имкониятҳоеро фароҳам меорад, ки бо дарназардошти арзёбӣ намудани омилҳои таъсиррасон пешниҳод гардонида мешавад. Дар ин замина, мутобиқгардонии соҳибкории хурду миёна ба тағйироти муҳити рушди устувори молиявии онҳо самаранок ба роҳ мондани идоракунии равандҳои инноватсиониро, бо дарназардошти муқаррар намудани омилҳои таъсирбахш, дар таъмини устувории молиявӣ ва васеъ кардани манбаи андоз таъмин намояд.

Зарурати тақвият додани механизми устуворгардонии манбаҳои андозбандии соҳибкории хурду миёна барои васеъ намудани манбаи андози субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси татбиқ намудани ҳадафҳои стратегӣ мебошанд. Алалхусус, дар самти рушди бахшҳои воқеӣ, ки дар он соҳаи саноат дар

алоқаманди зич бо рушди соҳаи кишоварзӣ ҳамчун заминаи муҳим барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд гардидани даромади шахсонивоқеӣ ва ҳуқуқӣ, диверсификатсияи молу хизматрасониҳои ватанӣ ва дар ин замина васеъ шудани манбаи андоз нақши калидӣ дошта, дар ҳалли ин масъала рушди соҳибкории истеҳсолӣ, дастгирии давлатӣ тавассути танзими андозӣ ва вусъат додани рақамикунонии тарафҳои андозӣ хеле зарур гардидааст.

Ҳамин тавр, тақвияти механизми устуворгардонии манбаҳои андозбандии соҳибкории хурду миёна ва васеъ намудани манбаи андози субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои таъмини рушди иқтисоди миллӣ ва минтақаҳои он, инчунин баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ нигаронида шудааст. Назария ва амалияи механизми танзими андоз ба самте нигаронида мешавад, ки имкониятҳои соҳибкории хурд, аз қабили ташкил ва рушд сармоя, ташкили корхонаҳои хурд, ҷалби лоиҳаҳо, рушди истеҳсолоти инноватсионӣ ва дигар намуди ташаббускориҳои соҳибкорӣ мавриди сафарбарӣ қарор дода мешаванд. Яъне, рушди соҳибкории хурду миёна талаботро барои қонеъ гардонидани зарурати истеҳсолию хизматрасонӣ, пайваста дар алоқамандӣ бо истифодаи техника ва технологияи нав, рушди шаклҳои нави хоҷагидориро дар шароити бозор таъмин мегардонад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки соҳибкории хурду миёна асосан ба тавлиди молу хизматрасониҳои инноватсионӣ равона карда мешаванд. Субъектҳои соҳибкории хурду миён тезамал буда, ба ниёзҳои бозор дар асоси ихтирокорӣ ва ташаббускорӣ асос ёфта, бо дарназардозти дастгирии давлатӣ ва танзими андозии он барои тақвият додани иқтидори иқтисодии кишвар шароити мусоидаткунанда баромад мекунад. Ҳамин тавр, масъалаи тақвияти механизми устуворгардонии

манбаҳои андозбандии соҳибкории хурду миёна ва васеъ намудани манбаи андози субъектҳои соҳибкории хурду миёна аз алоқамандии унсурҳои иқтидорҳои инноватсионӣ, фискалӣ, сохторӣ ва сармоягузорӣ иборат буда, бо дарназардошти шаклҳои нави хоҷагидорӣ истифодабарӣ аз усулҳои эконометрикӣ барои қабули қарорҳои муфид дар самти рушди соҳибкорӣ ва тақвияти манбаи андоз вобастагии зич дорад.




**Расми 3.2.2. – Модели ташкилию иқтисодии устуворгардонии манбаи андози субъектҳои соҳибкории хурду миёна**

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Чӣ тавре аз сохтори модели ташкилию иқтисодии устуворгардонии манбаи андози субъектҳои соҳибкории хурду миёна бар меояд, ташаккул

ёфтани иқтидори иқтисодӣ аз зарурати коркард ва пешниҳод намудани механизми ташкилию иқтисодӣ дар самти мазкур бо дарназардошти моделсозӣ ва дурнамои фаъолияти инноватсионии соҳибкрии хурду миёна бар омада, дар робита ба меъёрҳои муқарраргардидаи ташкилию ҳуқуқӣ ва барномавӣ амалӣ гардонида мешавад. Дар доираи модели мазкур, таҷдиди назар намудани рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна ба таъсисёбӣ ва афзоиш ёфтани нишондиҳандаҳои молиявӣ, муфидгардонии гаронии андоз ва васеъгардонидани манбаи андоз асос ёфта, дар ин замина ташаккул ва тасдиқи қабули санадҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва барномаҳои ҳукуматӣ, бо мақсади таъмини афзоиши иҷтимоию иқтисодӣ, таҳлили миқдории рушди минбаъдаи соҳибкорӣ, барои ноил гаштан ба ҳадафҳои стратегӣ дар кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он ҳамчун заминаи таъсирбахш ба роҳ монда мешавад.

Ҳамзамон, дар татбиқи модели мазкур тақвият додани заминаҳои иқтисодии танзими андоз бо истифода бурдани баҳисобгирӣ ва назорат алоқамандии зич дорад. Дар ин замина, воридоти андозҳо, ки дар робита ба муфидгардонии гаронии андоз фаъолияти соҳибкориро ҳавасманд мегардонад, имкониятҳоеро фароҳам меорад, ки бодарназардошти истифодаи имтиёзҳо ва сабукиҳои андозию гумрукӣ таъсири пурсамари модели мазкурро дар робита амалӣ гардонидани муқарраротҳои Кодекси андоз дар таҳияи нав таъмин мегардонад.

Вобаста ба татбиқи муқарарроти Кодекси мазкур, тибқи ақидаи олимони ватанӣ чорабиниҳо асосан барои ҳалли мушкилотҳои ҷойдошта ва арзёбӣ намудани таъсири фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ нигаронида шудаанд. Аз ҷумла, аз ҷониби И.Р. Иброҳимзода, А.Б. Мирсаидов ва М.А. Одинаев дар маҷмуъ қайд мегардад, ки “кодекси мазкур, пеш аз ҳама, ба кам кардани хароҷоти соҳибкор ва давлат, сарфа намудани вақт, суръати анҷоми амалиётҳо, шаффофияти фаъолияти

ҳамаи онҳо, маҳдуд сохтани иқтисодиёти пинҳонӣ, канорагирӣ аз андозбандӣ ва пешгирии омилҳои коррупсионӣ мусоидат намуда, дар назар аст, ки воридоти даромадҳои буҷетӣ марҳила ба марҳила зиёд мегарданд”.[71] Ҳамин тавр, механизми иқтисодии устуворгардонии манбаи андози субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан дар доираи механизми молиявии кишвар ва дар ин замина, бо мақсади рушди иқтисодиёти миллӣ ва тақвияти танзими андозӣ ва васеъ кардани манбаи андоз, барои таъмини устувории даромадҳои андозӣ равона карда шудааст. Хусусан, аз ҳисоби муфидгардонии таркибии низоми андозӣ, ки дар таҳрири нав шумораи умумии андозҳо тавассути бартараф кардани андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ва муттаҳид намудани андози воситаи нақлиёт бо андозҳо аз молу мулк, инчунин, андоз аз фоида бо андоз аз даромад, шароите ба амал омад, ки теъдоди онҳо аз 10 то ба 7 намуд расонида шуд. Ҳамзамон, қайд кардан бамаврид аст, ки тағйиротҳо дар алоқамандӣ бо муфидгардонии меъёрҳои андоз, барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла субъектҳои хурду миёна дар доираи низомҳои махсуси андозбандӣ ва таносуби азнавтақсимкунии маблағҳои буҷетӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва маҳал шароитҳои мусоидаткуниро муқарарр намуда, бо дарназардошти таҷрибаи пешқадам мавриди истифодабарӣ қарор дода шудаанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки баланд бардоштани нуфуз ва мақоми соҳибкории хурду миёна дар натиҷаи фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар самти рушди истеҳсолот, коркарди ашёи хоми ватанӣ ҳамчун натиҷаи ташаббускорӣ бобати ҷалб намудани навовариҳо аз ҳисоби таҳқиқотҳои инфиродӣ тавассути гирифтани патент аз рӯйи ихтироъ ва

[71] Иброҳимзода И.Р., Мирсаидов А.Б., Одинаев М.А. Рушди низоми молиявию бонкии кишвар дар 31-соли истиқлолияти давлатӣ / И.Р. Иброҳимзода, А.Б. Мирсаидов, М.А. Одинаев//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.-Душанбе, 2022. - №8. – С. 86.

кашфиётҳои нав ба амал меоянд. Бинобар ин, аз назари мо, масъалаҳои такмили механизми иқтисодии устуворгардонии манбаи андози субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурatеро пеш овардааст, ки баланд бардоштани самаранокии андозбандӣ фаъолияти онҳоро аз рӯйи мақсадҳои мушаххаси андозӣ вобаста ба фаъолияти корхонаҳои давлатӣ, хусусӣ, муштарак ва корпоративӣ муқаррар гардонем. Аз чунин мавқеъ, шафоффияти ташаккул ёфтани манбаи андоз аниқтар гардида, саҳми субъектҳои соҳибкории хурду миёна аз рӯйи равиши фарқкунандаи андозбандӣ ва имкониятҳои риояи принсипи баробарии пардохти андозҳо имконияти бештар пайдо мекунад.

Масъааи мазкур аҳамияти махсусро аз ҳисоби муфидгардонии хароҷотҳои маъмурикунонии андоз ва дар робита ба кам гардонии гаронии андоз пайдо мекунад. Чунки, раванди ҳавасмандкунии иқтисодии пешниҳод ва талабот, коҳиши гаронии андоз ва ташаккули шароитро барои андозсупорандагон, шахсони алоҳида ва гурӯҳҳое, ки ғайрирасмӣ фаъолият менамоянд, нисбатан муфид мегардонад. Аз назари мо, низоми муосири андоз ва самаранок амал намудани он аз такмилдиҳии идоракунии гаронии андоз алоқамандии калон дорад. Кам гардонидани хароҷотҳои маъмурӣ дар ин самт, муқаррар намудани таркиби муфиди кормандони нозироти андозро дар робита ба шумораи соҳибкорони инфиродӣ ва ҳуқуқӣ, таъмини онҳо дар шароити рақамкунонӣ бо техника ва технологияи нав имкониятҳоеро дар худ мегирад, ки кори танзимкунонии андозӣ тақвият гирифта, канораҷӯи намудан аз андоз ва дигар қонунвайронкуниҳои андозиро кам мегардонад. Аз назари мо, ҳавасмандгардонии иқтисодӣ дар ин самт хеле муҳим мебошад. Таносуби музди меҳнат дар робита ба муносибатҳои анозбандӣ, яъне вобаста ба даромади тарафҳои андозбандӣ, имкониятҳои зиёди устуворгардонии молиявӣ ба

ташаккулёбии истеҳсолот ва навоварӣ алоқамандии зич дорадЧунин алоқамандӣ яке аз тадбири такмил додани механизми иқтисодии устуворгардонии манбаи андози субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар низоми идоракунии молиявии кишвар мебошад.

Қайд кардан бамврид аст, ки тафриқабандии андоз дар доираи таносуби таркибии андозҳо, ташаккулёбии занҷираи арзиши иловашуда муҳити дохила ва берунаи фаъолияти соҳибкориро барои соҳаҳои воқеӣ беҳтар мегардонад. Аз нигоҳи назария ва метордологияи иқтисодӣ, муқаррароти мазкур, иқтисоди пешниҳодро ҳавасманд гардонида, ҳамчун омили рақобатпазирии маҳсулот ва хизматрасониҳои ватанӣ дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ баромад мекунад, яъне, дар самти такмил додани механизми иқтисодии устуворгардонии манбаи андози субъектҳои соҳибкории хурду миёна, супорандагони андозии тибқи низомҳои махсуси андозбандӣ фаъолияткунанада, асосан субъектҳои иқтисодие мебошанд, ки ба парвариш ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ машғул буда, барои рушди истеҳсолоти ватанӣ заминаи тавлиди ашёи хом ва коркарди минбаъдаи он мебошанд. Маҳз иқтидори ҳамин гуна субъектҳои иқтисодӣ дар шароити Чумҳурии Тоҷикистон иқтидори фондҳои сармоягузорӣ ва инноватсиониро пайдо карда, мақоми соҳибкории хурду миёнаро баланд мебардоранд.

Таъсиси субъектҳои хурду миёна бо мақсадҳои андоз, ки дар низоми махсуси андозбандӣ муқаррар гардидаанд, барои боз ҳам ҳавасманд гардонидани фаъолияти бахшҳои воқеӣ зарур мебошанд. Зиёда аз ин, таҷрибаи мамлакатҳои пешқадам нишон медиҳад, ки соҳибкории хурду миёна таъминкунандагони асосии маҳсулоти инноватсионӣ ва омилҳои асосии ташкили ҷойҳои кории нав, зиёд кардани манбаи андоз ва муфид гардидани меъери андоз мебошанд. Алалхусус, ба субъектҳои иқтисодие робит дорад, ки бештар ба

истифодаи заминҳо алоқамандӣ дошта, фаъолияти онҳо аз таъсири ҳолатҳои табиии вобастагӣ доранд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар тамоми ҷаҳон, корхонаҳои давлатӣ рушд ва дастгирӣ карда мешаванд. Ҳамзамон, ягон давлат танҳо тавассути даромадҳои андози фаъолият карда наметавонад. Бинобар ин, дар шароити ҳозира давлат хамчун субъекти соҳибкорӣ ва тақвияти танзими муносибатҳои андозӣ, мавқеи махсус мегирад. Алалхусус, бо ташкили марказҳои афзалиятҳои фоиданоки соҳаҳои монополияи давлатӣ муайянкунанда баромад мекунад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон саноати пахта ва коркарди он барои фурӯши нахи пахта дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ, истеҳсол ва фурӯши молҳои озуқаворӣ ва саноатӣ, тақвияти неругоҳҳои ватанӣ мувофиқ баромад мекунад. Ҳамин тариқ, такмили механизми иқтисодии устуворгардонии манбаи андози субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар робитаи зич бо шарикии давлат имкониятҳои дараҷаи самаранокии фаъолияти онҳоро ба амал оварда, дар ин замина васеъшавии манбаи андозро ба миён меоварад.

Аз инҷо, такмили механизми танзими давлатии андоз дар заминаи дастгирии соҳибкории хурду миёна ба самте нигаронида мешавад, ки онҳо дар самти ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ аз ҷиҳати интихоби унсурҳои муфиди идоракунӣ, дар робита ба самтҳои институтсионалии рушди механимҳои танзими давлатии андоз, мавқеи таъсирбахш мегиранд (ниг. ба расми 2.2.1)




**Расми 2.2.1. – Механизми институтсионалии танзими давлатии низоми андози дастгирии соҳибкории хурду миёна**

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Чӣ тавре аз расми 2.2.1 бар меояд, омӯзиш ва ҳалли муаммоҳои танзими низоми андоз дар шароити бозор механизми институтсионалӣ мақоми хосро дар бар гирифта, зарурати коркарди механизмҳоро барои ташккули фишангҳои самарабахши танзими давлатии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меорад. Аз ҷумла, Стартатегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи молия аз қабили унсурҳои муайянкунада дар самти заминаҳои институтсионалӣ барои танзими низоми андоз дар шароити бозор нигаронида шудаанд. Масалан, дар Стартатегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030 омадааст, ки “...зарурати такмилдиҳии механизмҳои танзими андоз ва ҳифзи ҳуқуқ, шакл ва усулҳои банақшагирии стратегию минтақавӣ ва идоракунӣ, тадбирҳои танзими давлатӣ дар соҳаи стандартикунонӣ ва сертификатсия, инкишофи низоми самараноки идоракунии молӣ ва

моликияти давлатиро пешакӣ муайян мекунанд”.[72] Аз инҷо, чунин бар меояд, ки бо мақсади асоснок кардани таъсири институтсионалӣ ва фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, дар заминаи танзими меъёрҳо имкониятҳои зиёди рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва баланд бардоштани иқтидори иқтисодӣ муфидгардонии меъёрҳо барои муфид гардонидани идоракунии давлатӣ дар сатҳҳои гуногун ва баланд бардоштани саҳми онҳо, ҷиҳати ҳалли масъалаҳои некуаҳволии мардум дар заминаи таҷдиди инфрасохторҳо ва афзун гардонидани хизматрасониҳои иҷтимоии баландсифат дар маҳалҳо таъмин карда мешавад. Тибқи банди 10-уми моддаи 14-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон “... пешбурди сиёсати ягонаи давлатӣ ва батанзимдарории меъёрии ҳуқуқии фаъолияти молиявӣ, буҷету андоз ва ғайраро таъмин намуда, фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро оид ба иҷро ва риояи қонунгузории андоз, баҳисобгирӣ ва сари вақт ба буҷети давлатӣ ва фондҳои давлатӣ ворид намудани андозҳо, боҷҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ аз тарафи андозсупорандагон ва идоракунии молияи давлатӣ ҳамоҳанг менамояд”.[73] Ҳамин тавр, коркард ва пешниҳод намудани механизми институтсионалии танзими давлатии низоми андози дастгирии соҳибкории хурду миёна аз мураттаб сохтани чорабиниҳо бобати пешбурди сиёсати ягонаи давлатӣ ва батанзимдарории меъёрии ҳуқуқии батанзимдарории муносибатҳои андозӣ буда, фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро оид ба иҷро уҳдадориҳои молиявӣ алалхусус дар робита ба фаъолияти соҳибкории хурду миёна таъмин менамояд. Дар ин раванд, истифодабарии усулҳои эконометрикӣ ва беҳтар кардани механизми идоракунии устуворгардонии манбаи андози субъектҳои соҳибкории хурду миёна, зарурати васеъ кардани манбаи андозро ба миён меорад, ки ин ҳамчун ниҳоди муҳими беҳтар кардани

[72] Стартатегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – С. 34.
[73] Кодекси андози Ҷумхурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С.33.

нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ баҳисоб рафта, характери комплексӣ дорад. Яъне, низоми андоз дар доираи муносибатҳои бозории ташаккул додани заминаи молияи давлатӣ ҳамчун ниҳоди танзими макроиқтисод будабаромад намуда, ҳамзамон тавассути низоми мазкур даромадҳои андозӣ ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ дар заминаи рушди бахшҳои хусусӣ равона карда мешавад.

Ҳамин тариқ, барои тақвият додани такмили механизми иқтисодии устуворгардонии манбаи андози субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз назари мо, бояд чорабиниҳои зерин ба назар гирифта шаванд:

1. Устуворгардонии низоми андоз дар робита ба ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва беруна;

2. Тақвият додани малака ва маҳорати касбии кормандонва иҷрои уҳдадории андозсупорандагон;

3. Вусъат бахшидани шарикии давлат бо бахши воқеӣ;

4. Пешгирии қонунвайронкуниҳо аз тариқӣ муфидгардонии раванди андозбандӣ дар шароити рақамикунонӣ ва ҳукумати электронӣ;

5. Истифодаи васеи усулҳо ва моделҳои эконометрикӣ бо мақсади қабули қарорҳои муфидӣ муносибатҳои андозӣ.

Дар ин замина, имкониятҳо барои муътадилгардонии низоми андозӣ ба амал омада, дар алоқамандии зич бо танзим ва соддагардонии андозӣ, истифодаи адолатнокии имтиёзҳои андозию гумрукӣ ба татбиқи ҳадафҳои стратегӣ ва рушди иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ин замина, дар баробари таъмин кардани омилҳои устуворгардонии муносибатҳои андозӣ, таъмини рушди иқтисод ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ танзими давлатии низомои андоз ба амал меояд. Ҳамин тавр, шароитҳое ба амал меоянд, ки дар доираи рушд пайдо намудани соҳибкории хурду миёна муфиднокии муносибатҳои андозбандӣ майл пайдо карда, тартиби супоридани андоз,

ҷамовардани саривақтии онҳо ба буҷет ва самаранок гардонидани хароҷотҳои буҷетӣ ба доираи маъмурикунонии андоз бодарназардошти татбиқи рақамикунонӣ вобаста мегардад.

Ҳамин тариқ, такмили механизми иқтисодии устуворгардонии манбаи андози субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон заруратеро дар бар мегирад, ки барои пешрафти низоми иқтисоди миллӣ сафарбар гардида, сарчашмаҳои манбаи андозӣ шаффоф гардонида шавад. Ҳамзамон, барои пешрафти иқтисоди миллӣ заминагузорӣ намуда, тавассути риояи меъёрҳои андозӣ, муфидгардонии гаронии андоз ба амал омада ҳамчун омили рушди иқтисоди миллӣ ва минтақаҳои алоҳида он баромад намояд. Аз назари мо, ташаккул додани низоми андоз ва устуворгардонии молиявии субъектҳои хоҷагидор бояд дар алоқамандӣ бо соҳаҳои кишоварзӣ ва саноати кишвар ба роҳ монда шавад. Дар ин замина, бартараф кардани гаронии зиёди андоз боиси рушди бахшҳои воқеӣ гардида, бо роҳи тақвият додани шарикии давлат бо бахшҳои воқеӣ ва риояи қоидаҳои стандартҳои байналмилалӣ, низоми андозбандӣ ва таъмини захираҳои ҷойдошта таъсирбахш баромад мекунад. Дар робита ба ин, масъалаи ташаккули сарчашмаҳои мукаммали андозбандӣ аз ҳисоби захираҳои маҳаллӣ , , бояд васеъ кардани манбаи андозбандиро дар робита ба беҳтар гардонидани ҳолати молиявии онҳо таъмин намояд, чунки сарчашмаҳои зиёди даромадҳои андозбандишаванда аз ҳисоби муфидгардонии меъёри қарзҳои молиявӣ, гаронии зиёди андозҳо ба амал меояд.

Аз назари мо, агар субъектҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ аз тарафи давлат бо роҳи танзими имтиёзҳои андозӣ дастгирӣ карда шаванд, пас он омили муҳими устуворгардони баромад мекунад, яъне дар раванди иқтисоди миллӣ пешниҳоди воситаҳои қарзӣ зиёд гардида, онҳо ба рушд ва афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар оварда мерасонанд.

Ҳамин тариқ, такмили механизми иқтисодии устуворгардонии манбаи андози субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз он вобаста мебошад, ки давлат ба воситаи истифодаи усулҳои танзими иқтисодӣ ҳиссаи муайяни даромади худро дар шакли марказонидашуда ҷамъоварӣ намуда, дар ин асос буҷаи давлатро устувор мегардонад. Дар ин замина, даромади буҷет асоси таъмини рушди иқтисоди миллии кишвар ташкил дода, саҳмгирии он ба амалӣ намудани вазифаҳои иҷтимоию иқтисодӣ равона карда мешаванд. Яъне, пайваста афзоиш ёфтани нишондиҳандаҳо, аз қабили ҳаҷми маҳсулот ва хизматрасониҳои ватанӣ, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, буҷети давлатӣ, даромадҳои андозӣ ва ғайриандозӣ, асоси тағйирёбиҳои асъор ва ноустувории нархҳо дар бозорҳои иқтисодии кишвар баромад мекунанд. Дар самти мазкур, ташкили низоми мукаммали корхонаҳои истеҳсолии хурду миёна ва рақобатпазир, бо роҳи таъмини самаранокии раванди андозбандӣ, имкони ҳавасмандии минбаъдаи рушд ва инкишофи иқтисодиро фароҳам меорад. Бо муайян кардани сиёсати амалкунандаи андозу буҷетӣ сиёсати фаъоли ҳавасмандгардонии андозбандӣ ва, баҳои таъсири гаронии андоз ба рушди иқтисодӣ дар асоси усулхои эконометрикӣ, истифодаи равияҳои иқтисоди талабот барои афзоиши талаботи аҳолӣ, истифодаи фишангҳои андозӣ ва буҷетӣ ҷиҳати рушди иқтисоди миллӣ, зиёд намудани даромадҳои ғайриандозӣ ва тадриҷан кам кардани гаронии андоз барои иқтисоди бозори воқеӣ зарур гардидааст. Бинобар ин, ташкил намудани низоми самараноки кам кардани ҳаҷми бақияи қарзи андозҳо ва пардохтҳо ва мунтазам амалӣ намудани истифодаи усулҳои эконометрикӣ имкон медиҳанд, ки фаъолияти сохибкории хурду миёна дар сатҳи замонавӣ ба роҳ монда шуда, самаранокии кори онҳо афзун гардад. Ин имкониятеро фароҳам меорад, ки барои мукаммал гардонидани механизми иқтисодии

устуворгардонии манбаи андози субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар оянда замина гузошта шавад.

### Хулоса зербоби 3.2

Ҳамин тавр, масъалаҳои такмилдиҳии механизми иқтисодии устуворгардонии манбаи андози субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шароитҳои ташаккулёбии қоидаҳо, равияҳои илмӣ-омӯзишӣ, истифодаи воситаҳои санадҳои ташкилию иқтисодӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ заминаҳоеро фароҳам меоранд, ки ба ҷиҳатҳои назариявию методологӣ ва амалии рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна вобаста мебошад. Дар ин самт, аниқ гардонидем, ки муваффақ шудан ба рақобатпазирӣ ва ҷолибгардонии бозори сармоягузорӣ ба истифодаи усулҳои эконометрикӣ ва арзёбӣ намудани таъсири омилҳои рушди иқтисоди миллӣ дар заминаи муносибатҳои андозӣ алоқамандӣ дорад. Бинобар ин, ҳалли муаммоҳои такмили механизми иқтисодии устуворгардонии манбаи андози субъектҳои соҳибкории хурду миёна аз мураттаб гардонидани механизми иқтисодии устуворгардонии манбаи андоз дар раванди соҳибкорӣ вобастагӣ дорад. Дар ин замина, шаклҳои навоварӣ, сохторӣ, сармоягузорӣ ва молиявӣ бо мақсади дар оянда васеъ кардани манбаи андоз хеле муҳим мебошад. Бинобар ин, дар натиҷаи коркарди нуқтаҳои муҳими назариявӣ ва амалӣ ба хулосае омадем, ки татбиқи усулҳои эконометрикиро бо дарназардошти арзёбӣ намудани омилҳои таъсиррасони рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна пешниҳод намоем. Вобаста ба ин, муайян карда шуд, ки мутобиқгардонии соҳибкории хурду миёна ба тағйироти муҳити рушди устувори молиявии онҳо алоқаманд буда, аз баланд бардоштани самаранокии идоракунии равандҳои инноватсионӣ дар асоси истифодаи усулҳои эконометрикӣ имкониятҳои васеи таъмини устувории молиявӣ ва васеъ кардани манбаи андозро аз ҳисоби молу хизматрасониҳои

инноватсионӣ ба миён меорад. Бо ин роҳ, ба хулосае омадем, ки такмил додани механизми иқтисодии устуворгардонии манбаи андози субъектҳои соҳибкории хурду миёна аз таъсири омилҳои иқтидорҳои инноватсионӣ, фискалӣ, сохторӣ ва сармоягузорӣ ва моделсозии онҳо вобаста мебошад. Дар ин замина, ташаккул ёфтани иқтидори иқтисодӣ аз коркард ва пешниҳод намудани механизми ташкилию иқтисодӣ дар самти мазкур, бо дарназардошти моделсозӣ ва дурнамои фаъолияти инноватсионии соҳибкрии хурду миёна, ба амал меояд.

Бояд қайд намуд, ки баланд бардоштани нақши соҳибкории хурду миёна дар натиҷаи фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар самти рушди истеҳсолот, коркарди ашёи хоми ватанӣ ҳамчун натиҷаи ташаббускорӣ бобати ҷалб намудани навовариҳо аз ҳисоби таҳқиқотҳои инфиродӣ тавассути гирифтани патент аз рӯйи ихтироъ ва кашфиётҳои нав ташкил ва ба роҳ мешаванд. Бинобар ин, собит намудем, ки аз чунин мавқеъ ташаккул додани манбаи андоз вобаста ба фаъолияти корхонаҳои давлатӣ, хусусӣ, муштарак ва корпоративӣ субъектҳои фаъоли рушди соҳибкорӣ муҳим баромад мекунанд. Дар ин замина, имконияте пайдо мешавад, ки соҳибкории хурду миёна ҳамчун омили риояи принсипи баробарии пардохти андозҳо ва шароити иқтисоди миллӣ баромад кунанд.

Ҷиҳати дигаре, ки дар рафти таҳқиқот мавқеи моро муайян менамояд, аз он иборат аст, ки дар робита ба шумораи соҳибкорони инфиродӣ ва ҳуқуқӣ, таъмини онҳо дар шароити рақамкунонӣ дар асоси техника ва технологияҳои иттилоотию иртиботии муосир имкониятҳоеро фароҳам меоранд, ки кори танзимкунонии андозӣ тақвият ёфта, канораҷӯӣ намудан аз андоз ва дигар қонунвайронкуниҳои андозӣ кам гарданд. Исбот карда шуд, ки таносуби музди меҳнат дар робита ба муносибатҳои анозбандӣ, имкониятҳои зиёди

устуворгардонии молиявиро аз ҳисоби ташаккулёбии истеҳсолот ва навоварӣ таъмин мегардонад. Яъне, аниқ карда шуд, ки такмил додани механизми иқтисодии устуворгардонии манбаи андози субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар низоми идоракунии молиявии кишвар ҳамчун омили рушди иқтисоди миллӣ, дар асоси истифодаи шаклҳои нави хоҷагидорӣ, бо муайян намудани коэффитсиентҳои саҳеҳи ҳудуҳои ҳадди ақал ва ҳадди аксари гаронии андоз дар низоми муносибатҳои андозӣ ба амал меояд.

### 3.3. Такмили механизми танзими давлатии андоз дар заминаи дастгирии соҳибкории хурду миёна

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар робита ба такмили муносибатҳои бозорӣ ташаккул ёфтани механизми танзими давлатии андоз, бо дарназардошти дар заминаи дастгирии соҳибкории хурду миёна тақвият додани шаклҳои нави хоҷагидорӣ, хеле муҳим мебошад. Маҳз ҳамин ҷиҳат, вазъи кунунии механизми андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро ифода карда, дар шароити кунунӣ вазъият ва ҳолати таъсиррасонии андозбандиро ба нишондиҳандаҳои иқтисоди миллӣ инъикос менамояд. Вобаста ба ин, мунтазам заминаҳои ташкилию ҳуқуқии андоз, аз ҷумла Кодекси андоз дар таҳияи нав, вобаста ба талаботҳои муносибатҳои бозорӣ, пешгирии таҳдидҳо ва сафарбар кардани имкониятҳои дохилии кишвар ҳамчун унсури асосии ташаккул ёфтани заминаҳои молиявии буҷети давлатӣ такмил ва рушд ёфта истодааст.

Тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 махсус чунин таъкид гардидааст, ки “Имрӯз таъмини шароитҳои мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, фароҳам овардани шароит ҷиҳати кафолат додани ҳифзи ҳуқуқҳои молу мулкӣ, ҷалби сармоягузориҳои мустақим ва идоракунии самараноки

дороиҳои худӣ шартҳои зарурӣ барои соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт ба ҳисоб меравандˮ.[74] Ҳамин тавр, арзёбӣ намудани вазъи кунунӣ ва такмили ояндавии механизми танзими давлатии андоз дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дастгирии соҳибкории хурду миёна вобаста буда, зарурати омӯзиши имкониятҳои ҷойдошта барои тақвияти механизми муносибатҳои андозӣ самти афзалиятнок ҳисобида мешавад. Ҳамин аст, ки тибқи моддаи 25 – и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи нав низомҳои махсуси андозбандӣ муқарар гардида, амалӣ намудани онҳо ҳамчун шароити муфид барои рушди минбаъдаи соҳибкории хурду миёна барои таъмини рушди иқтисоди миллӣ ва таҳкими молиявии буҷети давлатӣ нигаронида шудааст. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки раванди мазкур аз таъсири омилҳои маъмурикунонӣ вобаста буда, муфид гардонидани истифодабарии онҳо барои таъмини танзими муносибатҳои андозӣ муайянкунанда мебошад. Чунки, ҷорӣ намудани сиёсати самараноки фискалӣ аз низоми маъмурикунонии андоз вобаста буда, дар амал татбиқ намудани он имкониятҳои воридоти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмиро дар заминаи шаклҳои нави хуоҷагидорӣ аз ҷумла, субъектҳои соҳибкории хурду миёна барои тамоми сатҳҳои буҷетӣ дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, пайваста ривоҷ додани механизми танзими давлатии андоз аз таъсири маъмурикунонии андозҳо дар робита ба тақдиди сандаҳои ташкилию ҳуқуқӣ, тақвияти муносибатҳои андозбандӣ ва рақамикунонӣ бо дарназардошти низомҳои андозбандӣ, имтиёзу сабукиҳо, имкониятҳои тақвияти минбаъдаи соҳибкории хурду миёнаро таъмин намуда, стратегия ва ояндабинии ташаккулёбии муносибатҳои андозбандиро дар заминаи ташаккули шаклҳои муносибатҳои нави хоҷагидорӣ, мустаққкам кардани фаъолияти корхонаҳои саноатӣ,

---

[74] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – С.28.

тақвият додани иқтидори содиротӣ ва баланд бардоштани дараҷаи самаранокии фаъолияти соҳибкориро дар бар мегирад (ниг. ба расми 3.3.1).




**Расми 3.3.1. – Механизми такмилиояндавии танзими давлатии андоз дар заминаи дастгирии субъектҳои хоҷагидор**

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф*

Ҳамин тавр, механизми такмилиояндавии танзими давлатии андоз дар заминаи дастгирии соҳибкории хурду миёна дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маҷмуи унсурҳои ташкилию ҳуқуқӣ, иқтисодию техникӣ ва иттилоотию иртиботӣ ба оянда нигаронида шуда иборат мебошад. Мақсад аз амал намудани чунин механизм, нишон додани татбиқи амалии ҳадафҳои стратегии кишвар вобаста ба арзёбӣ намудани чораёни такмилиояндавии танзими давлатии андоз дар робита ба рушди фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва иқтисодию техникӣ мунтазам таҷдиди назар карда мешаванд ва вобаста ба талаботҳои муносибатҳои бозорӣ ва пайомадҳои омилҳои беруна бо тариқи ҷорӣ ваояндавӣ мавриди истифодабарӣ барои рушди соҳибкории хурду миёна дар самти тақвият додани бахшҳои воқеӣ ва дар ҳамин замина, устувор гардонидани заминаҳои молиявӣ субъектҳои хоҷагидор ва буҷети сатҳҳои гуногун мусоидат менамояд. Буҷети

давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз ҳисоби даромадҳои андозӣ ташаккул меёбад. Бинобар ин мавқеъгирӣ дар самти таъсири андоз ба фаъолияти субъектҳо аз тариқи истифодаи усулҳои эконометрикӣ имкониятҳоеро фароҳам мерад, ки бо дарназардоштаи истифода таҷрибаи мамлакатҳои пешқадам сохт ва таркиби даромадҳои андозию ғайриандозиро бо мақсади беҳтар кардани фаъолияти молиявии субъектҳои соҳибкории хуру миёна равона карда мешавад. Дар ин раванд, ба ҳисоб гирифтани нишондиҳандаи гаронии андоз хеле муҳим буда, дар низоми танзими давлатии андозии субъектҳои соҳибкории хурду миёна накши муҳим дорад. Чунки, бо пуррагӣ ва саривақтӣ арзёбӣ намудани нишондиҳандаи мазкур имкониятеро фароҳам меорад, ки хавфу хатарҳои номукамалии муносибатҳои андозию буҷетиро дар оянда баэътибор гирад. Дар ин замина дараҷаи баланди истеҳсоли мулу хизматрасониҳои ватанӣ бо дарназардошти занҷири арзиши изофа таъмин мегардад. Бинобар ин, аз назари мо, дар ин ҷода имконияти ҳалли мушкилиҳои муфидгардонии муносибатҳои андозбандӣ аз нигоҳи нишондиҳандаҳои молиявӣ бахшҳои воқеӣ ояндабинӣ карда мешаванд. Аз ҷумла, тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз рӯйи индикатор мақсаднок таносуби дигаргунии сохтории иқтисодӣ дар доираи сенарияҳои индустриалӣ ва индустриалию инноватсионӣ муайян гардидааст. Аз ҷумла, агар соли 2020 тибқи сенарияҳои индустриалӣ ҳиссаи маҳсулоти кишоварзӣ дар ММД 21 фоизро ташкил дода бошад, нишондиҳандаи мазкур дар соли 2030 ба 19,5 ташкил медиҳад. Ҳамзамон, дар давраи ин давра тибқи сенерияи индустриалӣ коркарди маҳсулоти саноатӣ мувофиқан аз 74 то 76,5 фоиз баэътибор гирифта шудааст. Чунин ҳолат, дар мавриди баэътибор гирифтани сенарияи инноватсионӣ мувофиқан, 20,5 то 18

фоиз ва 74 то 78,5 фоизро ташкил медиҳанд.[75] Барои ноил шудан ба чунин индикаторҳои мақсадноки стратегӣ, яке аз фишнгҳои таъсиррасон ин тақвият додани танзими давлатии андозии фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар рушди иқтисоди миллӣ мебошад. Алалхусус, тақвияти бахшҳои воқеӣ ва дар робита бо мамлакатҳои пешқадам ба роҳ мондани рушди соҳибкории хурду миёна дар асоси баэътибор гирифтани манфиатҳои миллӣ хеле муфид баромад карда, барои фоидаовар гардонидани субъектҳои хоҷагидор дар асоси диверсификатсияи молу хизматҳо ва афзун гардонидани иқтидори содиротӣ, васеъ кардани манбаи андоз дар шароити амал намудани механизмҳои бозорӣ муайянкунанда мебошад.

Аз назари мо механизми танзими давлатии андозбандӣ барои тамоми субъектҳои иқтисодӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна дар робита ба қабул ва истифодаи санадҳои ташкилию ҳуқуқӣ, иқтисоди техникӣ, низомҳои андозбандӣ, ҳавасмандгардонӣ, стратегияюояндабинӣ ва рақамикунонии муносибатҳои андозиро бо тариқи мунназам дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, соҳибкории хурду миёна ҳамчун унсури таркибии гузариш ба муносибатҳои такмилёфтаи бозорӣ мебошад. Самаранокии низоми иқтисоди миллӣ аз дараҷаи рушди иқтисодӣ бо истифода аз сохтори мукаммал ва риояи сифати молу хизматрасониҳо дар заминаи тақвияти маҳорати соҳибкории хурду миёна вобастагии зич дорад. Чунки, ин шакли фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ имкониятеро дорад, ки барои ҳалли як қатор мушкилоти иқтисодию иҷтимоӣ равона карда мешавад. Дар ин замина, фаъол намудани иқтисоди миллӣ, васеъ гардидани манбаи андоз, рақобатпазир гардонидани молу хизматрасониҳои ватанӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои

[75] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – С.98.

рушди минтақаҳо мусоидат намояд. Ҳамаи ин, дар ниҳоят ҳамчун шароити муфид барои беҳтар кардани вазъи инфрасохтори бозорӣ, ҳалли масъалаҳои шуғли меҳнат, баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии мардум, ташаккули шаклҳои нави хоҷагидорӣ аз ҳисоби рушди корхонаҳои хурди истеҳсолӣ мебошад.

Тибқи маълумоти омори расмӣ маълум мегардад, ки дар давоми солҳои 2016-2022 динамикаи рушди соҳибкории хурду миёна тамоили рушдро доранд. Агар, дар бахши давлатӣ теъдоди аҳолии машғул аз 441,5 то 509,9 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, дар бахши хусусӣ бошад чунин нишондиҳанда мувофиқан аз 1588,6 то 1775,5 ҳаз. нафар мебошанд.[76] Лекин, дар муқоиса, маълум мегардад, ки кормандони бахши давлатӣ 15,5% ва бахши хусусӣ бошад 11,8%-ро ташкил медиҳанд, ки чунин таносуб аз зарурати дар оянда тақвият додани шуғл аз ҳисоби васеъ кардани корхонаҳои хурду миёнаро ба миён овардааст. Чунки, чи тавре аз таҷрибаи мамлакатҳои пешқадам бар меояд, рушд ёфтани соҳибкории хурду миёна барои афзоиши иқтидори иқтисоди миллӣ, ҷорӣ кардани сиёсати илмӣ-техникӣ, навигариҳо, муфидгардонии нархҳо на инки дар дохил балки барои рушди иқтисоди берунӣ мусоидат намуда, ҳамзамон раванди рақамикунонии муносибатҳои андозӣ бо тариқи умумӣ мусоидат мекунад. Дар робита ба ҳамин, тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳиссаи маблағгузориҳои хусусӣ дар ММД аз рӯйи сенарияи индустриалӣ барои солҳои 2020 – 2030 аз 10 то 18 фоиз бошад, мувофиқан дар ҳамин давра тибқи сенарияи индустриалӣ-инноватсионӣ аз 12 то 25 фоиз пешбинӣ гардидааст,[77] ки нишондиҳандаҳои мазкур аз аҳамиятнокии такмил додани механизми танзими давлатии андоз дар

---

[76] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, 2022. – С.83.
[77] Стратегияи миллии рушд Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – С.98.

заминаи дастгирии бахши хусусӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна дарак медиҳад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки вазифаи муҳимтарини рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна ва дастгирии давлатии онҳо дар ниҳояти кор аз он иборат аст, ки гаронии андоз муфид гардонида шавад. Чунин дастгирӣ, бояд ба тамоми субъектҳои амалкунанда ва навоғозёфта нигаронида шуда бошад. Чунки, яке аз омили асосии маҳдудшавии фаъолнокии субъектҳои соҳибкории хурду миёна, маҳз дараҷаи баланди андозҳо мебошад. Гарчанде, дар шароити имрӯза дастгирии молиявӣ дар минтақаҳо ба монанди грантҳо, субсидияҳо ва қарзҳои имтиёзнок мавҷуд бошад ҳам, лекин бинобар сабаби баланд будани меъёрҳои андоз ва набудани мутобиқшавандагии низоми андозӣ барои субъектҳои навкори соҳибкорӣ на онқадар муфид ҳисобида мешавад. Ҳол он, ки субъектҳои хурди соҳибкорӣ дар мавриди ҷой доштани дастгирӣ имкониятҳои зиёди рушд ва пардохтҳои андозиро буҷетҳои сатҳҳои гуногун доранд. Ба ақидаи мо, чунин ҳолат сабабҳои асосии кам гардидани ташаббускории субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар бахши воқеии рушди истеҳсолот ва хизматрасониҳо дар кишвар мебошад.

Танзими андозии субъектҳои соҳибкории хурду миёна ба қоидаҳои асосии низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро муқаррар намудааст, асос меёбад. Чунин ҷиҳат, аз як тараф санадҳои меъёрию ҳуқуқиро дар бар гирад, аз тарафи дигар мунтазам воридкунии дигаргуниҳо ба ҳуҷҷатҳои амалкунанда боиси ноустувории фаъолияти субъектҳои иқтисодии хурду миёна мегардад. Чунки, мунтазам тағйир ёфтани қоидаҳо ва дигар амалиётҳои андозбандӣ боиси риоя нагардидани принсипҳо ва сар задани ҳар гуна номунтазамиҳо дар низоми андозбандӣ мегардад.

Имрӯзҳо, дар доираи таҳқиқотҳои илмии сиёсати давлатии андоз шаклҳои фискалӣ, батанзимдароварӣ ва ҳавасмандгардониро дарбар мегирад. Дар ин самт, сиёсати фискалии давлат ба самте нигаронида мешавад, ки то ҳадди аксар буҷети давдатӣ пурра карда шавад. Дар робита ба субъектҳои соҳибкории хурду миёна, сиёсати фискалӣ кам ба роҳ монда мешавад, чунки гаронии баланди андоз ба рушди субъектҳои мазкур таъсири манфӣ мерасонад. Дар мавриди татбиқи сиёсати танзимкунонӣ, давлат кӯшиш менамояд, ки тавозуни манфиатҳоро дар муносибатҳои андозӣ баэътибор гирифта, дар ин раванд азнавтақсимкунии гаронии андозро дар байни субъектҳои иқтисодӣ таъмин намояд. Сиёсати ҳавасмандгардонӣ бошад, ҷиҳатеро дар бар мегирад, ки гаронии андозро барои субъектҳои иқтисодӣ сабук гардонад. Дар ин раванд, қайд кардан зарур аст, ки давлат барои самаранок ба роҳ мондани танзими андозии фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна, сиёсати омехтаро истифода барад, яъне шаклҳои фискалӣ, батанзимдароварӣ ва ҳавасмандгардонӣ бояд дар маҷмӯъ мавриди истифодабарӣ қарор гиранд.

Ҳамин тариқ, танзими андозии субъектҳои соҳибкории хурду миёна барои таъмини оқилонаи маблағҳо ба низоми буҷетӣ буда, ҳангоми муқаррараргардонии имтиёзҳо ба категорияҳои алоҳидаи субъектҳои соҳибкорӣ бо мақсади кам кардани гаронии андози онҳо ва баланд бардоштани ҳавасмандӣ ба фаъолияти минбаъда нигаронида шудааст (ниг. ба расми 3.3.2).




**Расми 3.3.2. – Механизми танзими давлатии андозии фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна**

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Чӣ тавре аз расми 3.1.2 бар меояд, низоми давлатии андоз дар мавриди коркарди тартиби андозбандии субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар назди худ вазифаҳои гуногунро мегузорад. Дар ин замина, қайд кардан зарур аст, ки барои арзёбӣ намудани ҳолати амалкунанда ва тадбири чорабиниҳо оид ба такмили ояндавии механизми танзими давлатии андоз соҳибкории хурду миёна ба сифати вазифаи аз ҳама афзалиятнок ҳисобита мешавад. Бинобар ин, дар самти танзими давлатии андозии субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раҳо додани субъектҳо аз фаъолияти ғайрирасмӣ мебошад,

ки дар ин замина мақсади асосӣ ҳавасмандгардонии фаъолнокии соҳоибкорон, ҷалби сармоя дар иқтисодиёти миллӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки дар ин самт барқарор намудани мувозинати субъектҳои хоҷагидор, заруратеро ба миён меорад, ки нисбати субъектҳои соҳибкории хурду миёна имтиёзҳои андозӣ бештар равона карда шаванд. Ин дар навбати худ, зарурати ҷорӣ кардани низомҳои махсуси андозбандиро ба миён меорад. Бо ин мақсад, барои субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон низомҳои махсуси андозбандӣ амал мекунад, ки барои пешбурди фаъолияти субъектҳои мазкур шароитҳои танзими давлатиро дар робита ба андозбандии фаъолияти онҳо тибқи моддаи 25-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардонидааст.

Ҳамин тавр, танзими давлатии андоз тибқи низомҳои махсус аз тадбирҳое маҳсуб дониста мешавад, ки барои дастгирии соҳибкории хурду миёна нигаронида шуда, ин дар ниҳояти кор барои муфид гардонидани маъмурикунонии андоз дар доираи фаъолгардонии унсурҳои низоми давлатии андоз, буҷет, хусусиятҳои соҳибкории хурду миёна, интихоби низоми андозбандӣ бо дарназардошти имтиёзҳои андоз ва дигар намуди сабукиҳо алоқаманд мебошанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки таъмини ситонидани оқилонаи маблағҳо ба низоми буҷетӣ ҳангоми муқаррар намудани имтиёзҳо ба субъектҳои соҳибкории хурду миёна асосан бо мақсади муфидгардонии гаронии андоз ва баланд бардоштани сатҳи ҳавасмандгардонии фаъолияти онҳо мебошад. Чунки, дар доираи низоми амалкунандаи муносибатҳои андозӣ зарурате ба миён меояд, ки гаронии андоз сатҳи муваффақшавии дараҷаи рушди субъкктҳои иқтисодиро муайян менамояд. Яъне, аз назари мо ҳангоми муайян ва баҳодиҳии гаронии воқеии андоз бедарназардошти танзимкунонии муфиди андозӣ

ғайриимкон мебошад. Баръакси ҳолати мазкур, ташаббускории соҳибкорони хурду миёнаро кам гардонида, боиси сар задани қонунвайронкуниҳои андозӣ ва ғарисамаранок гардидани сиёсати андозӣ ва фаъолияти субъектҳои хоҷагидор мегардад. Муҳим будани ҳамин ҷиҳатро ба эътибор гирифта, муфидгардонидани таносуби гаронии андоз дар робита ба нишондиҳандаҳои молиявӣ аз ҷониби олимон таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Аз ҷумла, тибқи ақидаи Л.А. Крамаренко ва А.В. Назаров “баэътибор гирифтани чунин таносуби муфид аз тақсимшавии гаронии андоз байни шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ иборат буда, гаронии андоз бештар ба шахсони воқеӣ бодарназардошти арзиши молу хизаматрасониҳо алоқаманд ҳисобида мешавад”.[78] Аз инҷо, чунин бар меояд, ки андозҳое, ки субъектҳои соҳибкории хурду миёна ба буҷет пардохт менамоянд, бо андозҳои супурдаи шахси воқеӣ муқоиса карда намешавад. Бинобар ин, аз назари мо бояд гаронии андоз ба тариқи тафриқавӣ сатҳи идоракунии иқтисодиётро дар бар гирад. Яъне, гаронии андози шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, заруратеро ба миён овардааст, ки ҳангоми муайян намудани он манфиати тарафҳо дар сатҳи макро, мезо, микро ва наноиқтисодӣ баэътибор гирифта шавад.

Масъалаи мазкур аз ҷониби олимони ватанӣ низ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Аз ҷумла, тибқи ақидаи назари И.Р. Иброҳимов, Р.М. Мирбобоев ва Е.Ш. Мирзоева “Гаронии андоз ба аҳолӣ - ин таносуби ҳамаи пардохтҳои андозӣ барои ҳар як фард нисбати даромади миёнаи аҳолӣ, аз он ҷумла баҳогузории пулие, ки аз неъматҳои молии онҳо иборат мебошад”.[79] Аз инҷо, чунин бар меояд, ки гаронии андоз ҳамчун унсури муҳими батанзим даровардани муносибатҳои андозӣ

---

[78] Крамаренко Л.А., Назаров А.В. Проблема распределения налогового бремени в обществе как одно из основных направлений налоговых реформ // Современные проблемы науки и образования. – 2014. – № 1. – С.35; URL: https://science-education.ru/ru/article/view?id=12013 (Санаи мурочиат: 26.08.2023).

[79] Иброҳимов И.Р., Мирбобоев Р.М., Мирзоева Е.Ш. Управление государственными финансами: учебник.- Душанбе. 2014.-272с. – С.15.

бештар характери умумииҷтимоӣ гирифта, ҳамзамон тақозои онро дорад, ки хусусиятҳои сатҳи идоракунии иқтисодӣ аз нигоҳи методикаи арзёбӣ намудани он дар оянда баинобат гирифта шавад. Дар робита ба ин, тавре аз ақидаи назари С. Маъдиев ва У.М. Воҳидов бар меояд "нишондиҳандаҳои гаронии андоз барои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ универсалӣ намебошад, чунки гаронии андозҳои мустақим ва ғайримустақим байни иштирокчиёни бозор вобаста ба таносуби сатҳи идоракунӣ тақсим мешаванд".[80] Аз инҷо, барои боз ҳам мукаммал гардонидани механизми танзими давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна зарурате дар пеш меистад, ки бо истифода аз усули муайян арзёбӣ намудани таносуби маблағи андозҳо ва андоз аз даромад ба таносуби даромади субъектҳои соҳибкорӣ ва фонди музди меҳнат асос меёбад. Нишондиҳандаи мазкур, имконияти аниқгардонии гаронии андозро дар сатҳи идоракунии фаъолияти субъектҳои хурду миёна таъмин менамояд. Бинобар ин, бо мақсади таъмини такмил додани механизми танзими давлатии андоз дар оянда бо мақсади вусъат бахшидани дастгирии соҳибкории хурду миёна, имкониятҳое фароҳам меояд, ки татбиқи механизми танзими давлатии андоз барои вусъат бахшидани соҳибкории хурду миёна тадбирҳои зеринро пешниҳод менамоем:

✓ баэътибор гирифтани хароҷотҳои эътирофгардида аз рӯйи зинаҳои ташаккул ёфтани истеҳсол ва хизматрасониҳо бо мақсади ба хисоб гирифтани хароҷотҳои зарурӣ хангоми муайян кардани манбаи андози соҳибкорони хурду миёна;

✓ сафарбар намудани имкониятҳои пардохт намудани андоз мутаносибан аз рӯйи баҳисобгирии андоз дар раванди ташаккулёбии занҷираи арзиши иловашуда;

---

[80] Маъдиев С., Воҳидов У.М. "Усулҳои оморию иқтисодии идоракунии гаронии андоз дар сатҳи корхона. Монография / С. Маъдиев, У.М. Воҳидов. – Душанбе, 2019. – 120с. – С.34.

✓ дар доираи фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна бо мақсади баланд бардоштани ташаббускории соҳибкорӣ ба роҳ мондани раванди соддагардонии қоидаҳои интихоби интихоб ва гузариши мустақилонаи низомҳои андоз.

Ҳамин тавр, ҳангоми татбиқи сиёсати давлатии нисбат ба фаъолияти соҳибкории хурду миёна, ҷиҳатеро бояд баэътибор гирифтан лозим аст, ки арзёбии омилҳои таъсиррасонро дар ин самт бо мақсади рушди субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сафарбар намоем. Яъне, танзими давлатии андоз шароити муайянкунанда барои таъмини самаранокии фаъолияти соҳибкории хурду миёна ба тариқи комплексӣ дар таъмини рушди иқтисоди миллӣ ва сатҳи некуаҳволӣ равона карда шавад.

Ҳамин тавр, аз рафти таҳқиқот маълум мегардад, барои такмил додани механизми танзими давлатии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шароитҳои зиёд ҷой дорад. Бо ин мақсад, зарурате дар пеш меистад, ки танзими давлатии андози фаъолияти субъектҳои хурду миёна дар робита бо дастгирии давлатӣ барои тақвият додани бахшҳои воқеии иқтисодӣ аз ҳисоби тақвият додани фаъолияти соҳибкорӣ дар самти чорводорӣ, паррандапарварӣ, занбӯриасалпарварӣ, рушди растанипарварӣ, аз ҷумла зироатҳои техникӣ, ҷамъоварӣ ва фурӯши гиёҳҳои шифобахш бо дарназардошти субъектҳои хурду миёнаи ба коркарди онҳо дар асоси кластерҳои аграрию саноатӣ нигаронидашуда равона карда шавад. Дар ин замина, имкониятҳое пайдо мешавад, ки бо тақвият додани шарикии байни бахшҳои хусусӣ ва давлат даромади буҷети давлатӣ устувор гардида, дар ин замина рушди иқтисоди миллӣ дар алоқамандии зич бо баланд гардидани нишондиҳандаҳои молиявии субъектҳои хурду миёнаро бо дарназардошти муфидгардонии сохт ва таркиби муносибатҳои андозӣ ва муфидгардонии меъёрҳои андозиро дар самти

такмили механизими давлатии танзими андоз ва тақвияти соҳибкории хурду миёнаро дар кишвар таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, барои такмил додани механизми танзими давлатии андоз ва дастгирии соҳибкории хурду миёна, зарурати беҳтар кардани сифати маҳсулот ва истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар самти рушди соҳибкорӣ бо дарназардошти ҳавасамандгардонии онҳо хеле муҳим мебошад. Дар ин замина, имконияте пайдо мешавад, ки таносуби байнисоҳавии ситонидани андозҳо беҳтар гардида, бо дарназардошти сафарбар намудани низоми имтиёзҳою сабукиҳои андозӣ ва муфидгардонии меъёрҳои қарзию молиявӣ барои рушди соҳибкории хурду миёна шароитҳои мусоид фароҳам оварда мешавад. Аз назари мо, дар ин самт лозим аст, ки барои дар оянда такмили механизми танзими давлатии андози соҳибкории хурду миёна, ҷиҳате лозим мебошад, ки мунтазамии рушди бахшҳои воқеӣ ҷой дошта, бо дарназардошти риояи манфиатҳои давлат ва шаклҳои хусусии хоҷагидорӣ татбиқи ҳадафҳои стратегӣ дар робита ба вусъат додани ҳавасмандгардонии андозӣ, қабули қарорҳои муфиди идоракунӣ таъмин гардонида шавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки такмил додани низоми андози субъектҳои хурду миёна характери комплексӣ дошта, аз таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ вобастагии зич дорад. Аз инҷо, зарурате ба миён меояд, ки шаклҳои гуногуни рушди фаъолияти соҳибкорӣ бо дарназардошти арзёбии сатҳи таваррум ва дигагуншавии сохтори иқтисодӣ дар заминаи шаклҳои нави хоҷагидорӣ суръати бештар дошта бошад. Чунки, муҳити нави бозорӣ тақозои онро дорад, ки сатҳи даромаднокии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ устувор бояд бошад.

Ҳамин тавр, дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамин тавр, тақвият доданаи механизми танзими давлатии андоз ва дастгирии субъектҳои хурду миёна аз баланд бардоштани қобилияти харидории аҳолӣ, муфид гардонидани нархҳои хизматрасонӣ, дастрасӣ ба захираҳо,

ҷорӣ кардани технологияи коркарди ашёи хоми маҳаллӣ, тақвияти сармоягузорӣ хеле муҳим мебошанд. Ҳамзамон, такмили механизми мазкур аз сафарбар намудани имкониятҳои ҷойдоштаи ҷумҳурӣ дар бахшҳои истеҳсолот ва хизматрасонӣ, инчунин таҷрибаи пешқадам дар заминаи сиёсати воридотивазкунанда ва рушди содиротӣ муайянкунанда баромад мекунад. Бинобар ин, аз назари мо зарурате дар пеш меистад, ки бо дарназардошти хусусиятҳои миллии иқтисодиёти Тоҷикистон, такмили ояндавии механизми танзими давлатии андоз бо мақсади вусъат додани соҳибкории хурду миёна дар заминаи васеъ истифода бурдани усулҳои эконометикӣ ва қабули қарорҳои муфиди идоракунӣ ба роҳ монда шавад.

### Хулосаи зербоби 3.3

Ҳамин тавр, бо мақсади такмили ояндавии механизми танзими давлатии андоз дар заминаи дастгирии соҳибкории хурду миёна зарурате дар пеш меистад, ки дастгирии соҳибкории хурду миёна дар робитаи зич бо муносибатҳои бозорӣ дар алоқамандии зич қарор дорад. Татбиқи ҳадафҳои стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рушд ва тақвият ёфтани соҳибкории хурду миёна бевосита вобаста буда, дар ин самт тақвияти танзими давлатӣ ва дастгирии субъектҳои хоҷагидор муайянкунанда баромад мекунад. Маҳз ҳамин ҷиҳат, вазъи кунунии механизми андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро ифода карда, зарурати омӯзиши муайян намудан ва арзёбии ҳолати таъсиррасонии андозбандиро ба нишондиҳандаҳои иқтисоди миллӣ инъикос менамояд.

Дар раванди омӯзиш аниқ гардонида шуд, ки вобаста ба талаботҳои муносибатҳои бозорӣ ва таъсири омилҳои беруна рушд ёфтани соҳибкории хурду миёна дар бахшҳои воқеӣ ва устувор гардонидани заминаҳои молиявӣ субъектҳои хоҷагидор ба ғанӣ гардонидани сатҳҳои гуногуни буҷет мусоидат менамоянд. Дар ин ҷода,

мавқеъгирӣ дар самти таъсири андоз ба фаъолияти субъектҳо аз тариқи истифодаи усулҳои эконометрикӣ хеле зарур буда, бо дарназардоштаи истифода аз таҷрибаи пешқадам сохт ва таркиби даромадҳои андозию ғайриандозиро муфид гардонида, шароити муҳим барои беҳтар гардонидани фаъолияти молиявии субъектҳои соҳибкории хуру миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Шакл ва намудҳои нави фаъолияти хоҷагидорӣ аз тариқи васеъ ба роҳ мондани соҳибкории хурду миёна имкониятҳоеро фароҳам меорад, ки онҳо барои фаъол гардонидани иқтисоди миллӣ, васеъ намудани манбаи андоз, афзун намудани молу хизматрасониҳои рақобатнок, беҳтар гардонидани шароитҳои муфиди рушди минтақаҳоро таъмин мегардонад. Бинобар ин, исбот карда шуд, ки беҳтар кардани вазъи инфрасохтори бозорӣ, ҳалли масъалаҳои шуғли меҳнат, баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии мардум дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дараҷаи ташаккули шаклҳои нави хоҷагидорӣ ба монанди корхонаҳои хурди истеҳсолӣ омили таъсирбахш баромад мекунанд.

Ҳамин тариқ, дар рафти таҳқиқот дар низоми муносибатҳои андозию буҷетӣ кам кардани гаронии андозӣ, баланд бардоштани ҳавасмандии фаъолияти минбаъда соҳибкорони хурду миёна аз коркарди механизми танзими давлатии андозии фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар заминаи ҳавасмандгардонии фаъолнокии соҳоибкорон, ҷалби сармоя дар иқтисодиёти миллӣ вобастагии зич дорад. Бинобар ин, собит намудем, ки гаронии андоз ба тариқи тафриқавӣ сатҳи идоракунии иқтисодиётро бояд дар бар гирад. Дар ин самт, имкониятҳое фароҳам меояд, ки татбиқи механизми танзими давлатии андоз барои вусъат бахшидани соҳибкории хурду миёна аз тариқи баэътибор гирифтани хароҷотҳои эътирофгардида, сафарбар намудани имкониятҳои пардохт намудани андоз аз рӯйи таносуби ташаккулёбии

занҷираи арзиши иловашуда ва баланд бардоштани ташаббускории соҳибкорӣ аз тариқи соддагардонии қоидаҳои интихоби интихоб ва гузариш вобаста мебошад. Бо ин мақсад, исбот карда шуд, ки танзими давлатии андози фаъолияти субъектҳои хурду миёна дар оянда бо дастгирии давлатӣ барои тақвият додани бахшҳои воқеии иқтисодӣ аз ҳисоби тақвият додани фаъолияти соҳибкорӣ дар алоқамандӣ бо бахшҳои воқеӣ ва ташаккул кластерҳои аграрию саноатӣ ба роҳ монда шавад.

## ХУЛОСА

1. Дар натиҷаи ба эътибор гирифтани ташаккули манбаи андозбандӣ вобаста ба сатҳи рушди иқтисоди миллӣ алоқамандии фоизнокии гаронии андоз ва фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар робита ба танзими давлатии манфиатҳои андозбандӣ ва тақвият додани иқтидори иқтисодӣ, васеъ кардани манбаи андоз ва таъмини суботи молиявӣ пешниҳод гардонида шуд. Дар ин замина собит намудем, ки таъсири давлат дар таъмини рушди иқтисодӣ ва низоми андоз аҳамияти ҳалкунанда дошта, алоқамандии ҷиҳатҳои афзалиятноки бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ, аз ҳисоби фаъолияти корхонаҳои хурду миёна ва танзими андозбандии фаъолияти онҳо заминаи хуби устувории таъмини танзими муносибатҳои андозию буҷетӣ дар кишвар баромад мекунанд[2, 6 - М].

2. Зимни таҳлил ва омӯзиш собит намудем, ки таъмини мувозинати муносибатҳои андозӣ ва табдид додани он ба омили рушд аз муносибати давлат бо субъектҳои хоҷагидор вобастагии зич дорад. Аниқ намудем, ки барои таъмини мувозинати андозҳои мустақим ва ғайримустақим, яъне афзоиши ҳиссаи андозҳои мустақим ва коҳиши ҳиссаи андозҳои ғайримустақим дар ташаккул додани даромади умумии буҷети давлатӣ аз ҳисоби ташаккули низоми андоз муайянкунанда мебошанд [1, 3, 8 - М].

3. Бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои пешқадам аниқ гардонида шуд, ки дар доираи муносибатҳои андозӣ меъёрҳои муқараргардида дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар характери фискалӣ дошта, гаронии зиёдро ба субъектҳои хоҷагидори хурду миёна ба амал овардааст. Бинобар ин, зарурате дар пеш меистад, ки дар баробари амал намудани низоми андозбандии нав, ҷиҳати ҳавасмандгардонии субъектҳои хоҷагидор дар доираи муфидгардонии гаронии андоз ба эътибор гирифта шавад. Дар ин замина, маблағҳои дар буҷа ҷамъшуда

барои пӯшонидани хароҷоти давлатӣ аз ҳисоби тақсимоти вобастагии корхонаҳои давлатӣ мавриди истифодабарӣ қарор дода мешаванд [4, 8, 9 - М].

4. Аз ҷараёни таҳқиқ маълум гардид, ки барои фароҳам овардани шароити таъмини рушди иқтисоди миллӣ дар робита ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ, алалхусус вусъат додани фаъолияти корхонаҳои хурду миёна, бо мақсади коркарди ашёи хоми ватанӣ иқтидори иқтисодӣ бояд васеъ гардонида шавад. Дар баробари ин, дар сохтори воридоти андоз ҳисссаи андозҳои ғайримустақим то дараҷаи лозимӣ муфид гардонида шавад. Чунки, айни ҳол дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таносуби муфид дар сохтори воридоти андоз маҳдуд мебошад [4, 9 - М].

5. Аниқ гардонида шуд, ки назорат аз рӯйи таносуби идоракунии муносибатҳои андозӣ як қисми даромади миллӣ ба шумор рафта, дар маҷмуъ дар низоми андоз он фишанги муҳими танзими андоз барои таъмини такрористеҳсол мебошад. Ин ҳолат, мавқеи муаллифӣ дошта, алоқамандии механизми андоз ва рушди фаъолияти соҳибкории субъектҳои хурду миёнаро, дар робита ба коркарди ашёи хоми ватанӣ, васеъ кардани бозори дохилӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегиии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бар мегирад. Ҳамин тавр, ташаккул ёфтани механизми функсионалии андоз барои баланд бардоштани сатҳи идоракунӣ тибқи талаботҳои рақамикунонӣ заминагузори фаъолияти ояндавии субъектҳои хоҷагидор ва қабули қарорҳои муфид мебошанд [5, 6, 9 - М].

6. Бо мақсади таъмини устувории молиявии буҷети сатҳҳои гуногун механизми арзёбии андозбандии субъектҳои хоҷагидори хурду миёна коркард ва пешниҳод карда шуд. Дар заминаи механизми мазкур имкониятҳои ташаккул додани фаъолияти соҳибкории хурду миёна ба амал меояд. Дар робита ба истифодаи таҷрибаи пешқадам ва хусусиятҳои минтақавӣ, инчунин истифодаи техника ва технологияҳои

иттилоотию иртиботӣ, натиҷаи молиявии субъектҳои хоҷагидор шароити мусоиди ташаккул ёфтани иқтидори иқтисодиро бо роҳи танзими муносибатҳои андозии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро фароҳам меорад. Яъне, ташаккул додани фаъолияти молиявии субъектҳои соҳибкории хурду миёна, бо мақсади роҳандозӣ намудани занҷири арзиши илова, муфидгардонии гаронии андозро ҳамчун фишанги муҳими танзими низоми андозбандӣ пешниҳод менамояд. Бо ин роҳ, муфид гардонидани муносибатҳои андозбандӣ бо дарназардошти муайян ва интихоби меъёрҳои муфид, инчунин шаффофияти манбаи андоз ва ҷалби субъектҳои хоҷагидор барои таъмини устувории иқтисоди миллӣ омили муайянкунанда баромад мекунад [2, 5, 9, 10 - М].

7. Бо мақсади танзими давлатии низоми андозу буҷа дар шароити иқтисоди бозорӣ, коркард ва пешниҳод намудани механизми ташкилию иқтисодии истифодаи моделсозӣ ва дурнамои фаъолияти инноватсионии соҳибокрии хурду миёна зарур мебошад. Чунин ҳолат ҳамчун заминаи ташкилию иқтисодии устуворгардонии манбаи андози субъектҳои соҳибкории хурду миёна баромад мекунад. Бинобар ин, модели ташкилию иқтисодии устуворгардонии манбаи андози субъектҳои соҳибкории хурду миёна коркард ва пешниҳод гардонида шуд. Дар доираи модели мазкур шароите фароҳам оварда мешавад, ки он барои асоснокгардонии таҳлили миқдории рушди минбаъдаи соҳибкорӣ ҳамчун заминаи таъсирбахш дар ҳалли ҳадафҳои стратегӣ баромад мекунад. Исбот намудем, ки шафоффияти ташаккул ёфтани манбаи андоз аниқтар гардида, саҳми субъектҳои соҳибкории хурду миёна аз рӯйи равиши фарққунандаи андозбандӣ ва имкониятҳои риояи принсипи баробарии пардохти андозҳо имконияти муфидгардонии идоракуниро бештар мегардонад [1, 3, 7 - М].

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот:**

1. Аниқ гардонида шуд, ки масъалаи самаранок ба роҳ мондани таъмини мувозинатӣ маҷмӯи даромаду таклифоти молиявӣ характери комплексӣ доранд. Ҳамзамон, бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавӣ, алалхусус дар шароити Ҷумуҳурии Тоҷикистон татбиқи ислоҳоти андоз зарурати омӯзиш ва роҳандозии шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва арзёбӣ намудани фаъолияти онҳо зарурати ҳавасмандгардониҳоро ба миён меорад. Дар робита ба ин, тақвият ёфтани механизми истифодабарии усулҳои идораи низоми андоз дар кишвар пешниҳод гардонида шуд.

2. Муайн карда шуд, ки ташаккули шаклҳои нави хоҷагидорӣ аз таъсис ёфтани фондҳои махсусгардонидашуда аз ҳисоби қарзҳо ва ҷаримаҳои андоз муфид мебошад. Чунки, дар ин замина ташаккул додани фонди рушд ва ҳавасмандгардонии моддии мақомоти давлатии андоз фаъол гардонида мешавад. Бо ин роҳ, ҳисоби тарҳҳои андозҳо ва даромадҳои санҷишии ҳисобшуда, инчунин маблағи ҷамъшудаи муҷозоти маъмурӣ ва молиявӣ ҳамчун унсури институтсионалӣ ва муфидгардонии муносибатҳои андозӣ баромад мекунанд. Яъне, бо дарназардошти ба эътибор гирифтани асосҳои функсионалии механизми андоз раванди мазкур таъсирбахш баромад мекунад.

3. Дар натиҷаи таҳқиқи раванди ташаккулёбии муносибатҳои бозорӣ маълум карда шуд, ки рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшаванда дар бозори дохилӣ ва беҳтар гардидани сохтори ҳаракати субъектҳои истеҳсолӣ дар шароити имрӯза омили муҳим ба шумор мераванд. Дар робита ба ин, тамоили болоравии гаронии андоз дар фаъолияти субъектҳои истеҳсолии хурду миёна майли муфид пайдо мекунанд. Яъне, нишондиҳандаи мазкур дар низоми идоракуни андоз ва танзим, ҳамчун омили рушди иқтисоди миллӣ, мавқеи устувор гирифта

истодааст. Бо коҳиш додани гаронии андоз, истифодаи қарзҳои имтиёзнок, баланд бардоштани маҳорати молиявӣ, беҳтар кардани инфрасохтори иттилоотию иртиботӣ, имтиёзу сабукиҳои андозӣ имкониятҳоро ба амал меоранд. Ҳамзамон, истифодабарии усулҳо ва моделҳои эконометрикӣ барои қабули қарорҳои муфид дар самти танзими муносибатҳои андозӣ ҳамчун омили рушди иқтидори андозӣ мусоидат менамоянд.

4. Аниқ гардид, ки соҳибкории хурду миёна ҳамчун унсури таркибии гузариш ба муносибатҳои такмилёфтаи бозорӣ баромад мекунад. Яъне, самаранокии низоми иқтисоди миллӣ аз дараҷаи рушди иқтисодӣ бо истифода аз сохтори мукаммал ва риояи сифати молу хизматрасониҳо вобаста мебошад. Дар ин замина бо тақвияти маҳорати соҳибкории хурду миёна ва такмили механизми танзими низоми андоз шароити муфиди рушд ба амал меояд. Ҳамзамон, фаъол намудани иқтисоди миллӣ, васеъ гардидани манбаи андоз, рақобатпазир гардонидани молу хизматрасониҳои ватанӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушд хамчун муайянкунанда баромад мекунанд. Барои беҳтар кардани вазъи инфрасохтори бозорӣ, ҳалли масъалаҳои шуғли меҳнат, баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии мардум, ташаккули шаклҳои нави хоҷагидорӣ аз ҳисоби рушди корхонаҳои хурди истеҳсолӣ ба амал меояд. Дар ин замина собит намудем, ки мунтазам тағйир ёфтани қоидаҳо ва дигар амалиётҳои андозбандӣ боиси риоя нагардидани принсипҳо ва сар задани ҳар гуна номунтазамиҳо дар низоми андозбандӣ ва ноустувории даромади буҷет мегардад.

5. Аниқ карда шуд, ки дар доираи тақвияти танзими муносибатҳои андозӣ устуворгардонии молиявӣ аз ташаккулёбии истеҳсолот ва навоварӣ алокамандии зич дорад, яъне чунин алоқамандӣба сифати яке аз тадбири такмил додани механизми иқтисодии устуворгардонии

манбаи андози субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар низоми идоракунии андоз баромад менамояд. Бинобар ин, дар доираи арзёбии коэффитсенти регрессия ва фосилаи боваринок муайян намудани ҳудудҳои минималӣ ва максималии нишондиҳандаи мазкур, яъне ташаккулёбии гаронии андоз дар низоми муносибатҳои андозбандӣ, таъмин гардонида мешавад.

6. Моделҳои регрессияи дараҷагии арзёбии воридоти андози субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ таҳия ва пешниҳод гардонида шуд, ки барои танзими ояндавии миёнамуҳлати банақшагирӣ ва татбиқи низоми андоз мусоидат менамоянд. Натиҷаи татбиқи моделҳои таҳиягардида нишон доданд, ки ҳангоми ба 1% зиёд гардидани даромади умумии субъектҳои соҳибкории хурду миёна, ба ҳисоби миёна воридоти андози субъектҳои мазкур мутаносибан ба андозаи 1,1562 ва 1,558 фоиз афзоиш меёбанд. Вобаста ба шартҳо ва қонуниятҳои эконометрикӣ, бо мақсади мунфидгардонии тарафҳои андозбандӣ ва ба роҳ мондани танзими коэффитсиенти мазкур, қиматҳои фосилаи боваринок ҳисоб карда шуд.

## РУЙХАТИ АДАБИЁТ

### Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – С.10.

2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси олии ҶТ, с.2012., №9, мод. 838, с. 2013, №12, мод. 889, мод.890; с. 2015, №3, мод. 210.

3. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2021. – 340с.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2011, таҳти № 723.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021 [Матн]: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.11.2022, № 230.

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ». - ш. Душанбе, 26 июли соли 2014, № 1107. – С. 4.

7. Пайёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.12.2018.

8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 26.01.2021.

9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 23.12.2022.

10. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Душанбе, 2016.- 104с.

### Захираҳои электронӣ:

11. https://iworld.com/ru/blog/poorest-countries
12. https://www.oecd.org/tax/consumption/
13. https://visasam.ru/emigration/vybor/nalogi-v-mire.html
14. https://archive.doingbusiness.org/ru/data/exploretopics/paying-taxes#
15. https://visasam.ru/emigration/europe-emigration/nalogi-i-biznes-v-shvecii.html

16.https://science-education.ru/ru/article/view?id=12013

**Монография, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ:**

17. Абдуллоев М.М. Андозбандии соҳибкории Инфиродӣ. Комплекси таълимӣ-методӣ / М.М. Абдуллоев.- Хуҷанд: Дабир, 2019. – 186с.

18. Антиксон Э.Б., Стиглиц Дж.Э. Лекции по экономической теории государственного сектора. Учебник /пер. с англ. под. ред. Л.П. Любимова.-М.: Аспект Пресс, 1995. – 832с.

19. Бабич А.М., Павлова Л.Н. Государственные и муниципиальные финансы: Учеб. для вузов / А.М. Бабич, Л.Н. Павлова. -М.: Финансы, ЮНИТИ,1999. – 687 с.

20. Вагнер А. Русские бумажные деньги. Исследование народно-экономическое и финансовое: с приложением проекта восстановления металлического обращения. Пер. Н. Бунге. с дополнениями и примечаниями переводчика. – Киев: Унив. Типография, 1871. – 340с.

21. Ван Хорн Дж.К. Основы управления финансами / Дж. К. Ван Хорн.-М.: Финансы и статистика, 1996. – 799с.

22. Воҳидов У.М. Усулҳои иқтисодӣ-математикӣ дар андозбандӣ. Монография / У.М. Воҳидов. – Душанбе: ДДМИТ, 2022. – 160с.

23. Врублевский О.В. Налогииналогообложение / О.В. Врублевский, М.В. Романовский. - СПб.: Питер, 2002. – 576с.

24. Гаюров Ш. Анализ Налогового Кодекса Республики Таджикистан / подготовлен исследовательской группой ТФ ИОО-ФС в рамках програмы экономического развития и предпринимательства. – Душанбе, 2003. – С. 111.

25. Гулмирзоев Д.Г. Назарияи андоз ва андозбандӣ. Китоби таълимӣ / Д.Г. Гулмирзоев. Душанбе, 2000. – 244с.

26. Дамари Р. Финансы и предпринимательство. Финансовые аргументы, используемые западными фермами для роста и развития организации / Р. Дамари. - Ярославль, 1993. – 160с.

27. Джабборов Р.Т. Направления налогового регулирования в Таджикистане. – Душанбе, 2002. – 184с.

28. Дуканин Л.В. Налоги и налогообложение - Ростов на Дону: Феникс, 2000. – 384с.

29. Иброхимов И.Р. Пути совершенствования налогово-бюджетной политики Таджикистана. Монография / И.Р. Иброҳимов. - Душанбе. – Ирфон, 2004. – 51с.

30. Иброҳимов И.Р., Мирбобоев Р.М., Мирзоева Е.Ш. Управление государственными финансами: учебник. - Душанбе. 2014.-272с. – С.15.

31. Исломов Т.С. Системаи андози миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2004. – 110с.

32. Исломова З.С. Юсупова З.И., Мизробов С.С. Бюджетно-налоговая политика: состояние, проблемы и перспективы развития. Монография. Душанбе, СИ «Ахмед Рузи», 2014. – 124с.

33. Исмаилов Ш.М. Правовое регулирование предпринимательской и налоговой деятельности в Республике Таджикистан. Монография / Ш.М. Исмоилов. – Душанбе: Конуният 1998. – С. 186.

34. Кенэ Ф. Избранные экономические произведения. — М.: Соцэкгиз, 1960. – 487с.

35. Козырина Ф.Н. Налоговое право зарубежных стран: вопросы теории и практики. М.: Манускрипт, 1993. – 123с.

36. Коровкин В.В., Кузнецова Г.В. Налоговая проверка предприятия. М.: “ПРИОР”, 1995. – 207с.

37. Кочетков А.И. Налогообложение предпринимательской деятельности (изд. второе) М.: АО “ДИС” 1995. – 239с.

38. Майбуров И.А. Теория и история налогообложения / И.А. Майбуров. – Москва: ЮНИТИ-ДАНА, 2015. – 495 с.

39. Макконел К.Р., Брю С.А. Экономикс / К.Р. Макконел, С.А. Брю. Т.2. - М.,1992. – 1041с.

40. Маркс К., Энгельс Ф. Сочетания 2. Т.7 / К. Маркс, Ф. Энгельс. –

М., 1956. – 702с.

41. Маъдиев С., Воҳидов У.М. Усулҳои оморию иқтисодии идоракунии гаронии андоз дар сатҳи корхона. Монография / С. Маъдиев, У.М. Воҳидов. – Душанбе, 2019. – 120с.

42. Молияи Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, 2022. -С.65-66.

43. Муравьев А.И. Малый бизнес: экономика, организация, финансы: учебное пособие. - 4-е изд., перераб. и доп. - СПб: ИД Бизнес-пресса, 2006. – 608с.

44. Норт Д. Институты, институциональные изменения и функционирование экономики / Д. Норт. – М., 1997. – 190с.

45. Оймаҳмадов Г.М. Молия / Г.М. Оймаҳмадов. - Душанбе, «Нодир», 2005. – 312с.

46. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, 2020. – 180с.

47. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, 2022. – 415с.

48. Орифов А. Бозор ва такмили системаи андоз: Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография / А. Орифов. – Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 1999. – 339с.

49. Пинская М.Р. Основы теории налогов и налогообложения / Под научн. ред. д.э.н., проф. В.С. Барда: Монография. - М.: Издательство «Палеотип», 2004. – 160с.

50. Пансков В. Г. Налоги и налогообложение: теория и практика. В 2 т. Т. 1 / В. Г. Пансков. – Москва: Издательство Юрайт, 2016. – 336 с.

51. Пансков В.Г., Налоги и налогообложение в Российской Федерации, учебник, пятое издание, Москва, МЦФЭР, 2003. – 320с.

52. Пигу А. Экономическая теория благосостояния. В 2 т. Т. 1 / А. Пигу; пер. с англ. – М.: Прогресс, 1985. – 329с.

53. Петти У. Трактат о налогах и сборах: Verbum sapienti — слово мудрым: Разное о деньгах. М.: Ось-89, 1997. – 112с.

54. Поляк Г.Б. Налоги и налогообложение: Учебное пособие для ВУЗ-ов 3-е изд./ Г.Б. Поляк, А.Е. Суглобова - перераб. и доп., М.: Юнити, 2010. – 562с.

55. Пушкарева В. М. История финансовой мысли и политики налогов: учеб. пособие. М.: ИНФРА-М, 1996. – 192с.

56. Разгуляева Е.Ф. Налоговое планирование как фактор совершенствования финансовой деятельности субъекта предпринимательства / Е. Ф. Разгуляева. – Москва: ИНФРА-М, 2016. – 448с.

57. Рахимов М.З. Правовые проблемы достижения конечного результата предпринимательской деятельности –Душанбе: Сино, 1998. – С. 138 -139.

58. Раҳимзода М.З. Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ. Монография / М.З. Раҳимзода. -Душанбе, 2018. – 390с.

59. Рикардо Д. Начала политической экономии и налогового обложе-ния. Том 3. Отдел третий: О влиянии налогов, которыми облагаются отдель-ные товары: монография/ Д.Рикардо – М.: Эксмо, 1998. – 539 с.

60. Саидмуродов Л.Х., Сабуров В.Д. Налоговый потенциал региона и региональная система налогового администрирования: механизмы и инструменты управления. Монография / Л.Х. Саидмуродов, В.Д. Сабуров. – Душанбе: «Матбуоти Уротеппа», 2020. – 176с.

61. Салимова М.М. Андоз ва андозбандӣ. Васосити таълимӣ / М.М. Салимова. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2019. – 304с.

62. Самуэльсон П. Экономика / П. Самуэльсон. - М.: Прогресс, 1964 - 843с. – С.276-277.

63. Сидоров Н. Экономические последствия налоговой политики//Финансы. – 2002.- №11. – С.72-74.

64. Смит А. Исследование о причинах и богатство народов: монография / А. Смит. - Кн. I-III. -М.: Наука, 1993. – 200с.

65. Смит А. Исследования о природе и причинах богатства народов / А. Смит. – М.1962. – 1590с.

66. Солехзода А.М. Налоговое администрирование в Республике Таджикистан: учебное пособие / А.М. Солехзода. - Душанбе: «Мега-принт», 2018. – 176с.

67. Стиглиц Дж. Ю. Экономика государственного сектора / Дж.Ю. Стиглиц. – М.: Издательство МГУ: ИНФРА-М, 1997. – 720с. – С. 368.

68. Улугходжаева Х.Р. Проблемы совершенствования налогового механизма в условиях обеспечения экономического роста / Х.Р. Улугходжаева. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 175с.

69. Улуғхоҷаева Х.Р. Андоз ва андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Душанбе, 2009. – 350с.

70. Шамсиев К.Б. Экономические проблемы развития предпринимательства Таджикистана / К.Б. Шамсиев. Душанбе: Ирфон, 2004. – 268с.

71. Шомуродов Ф. Андоз аз корхонаҳо ва шаҳрвандон / Ф. Шомуродов.-Душанбе: Эрграф, 2005. – 141с.

72. Шомуродов Ф. Асосҳои системаи миллии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф. Шомуродов. –Душанбе: Эрграф, 2009. – 160с.

73. Шумпетер Й. Теория экономического развития, М.: "Прогресс", 1982. – 455с.

74. Шумпетер Й.А. История экономического анализа: в 3 т. Т. 1 / Й.А. Шумпетер; пер. с англ.; под. ред. В.С. Автономова. – СПб.: Экономическая школа, 2001. – С. 238.

75. Юткина Т.Ф. Налоги и налогообложение: учебник / Т.Ф. Юткина. - М.: ИНФРА – М., 2002. – 429с.

76. Pareto V. Manual of Political Economy. Translated by A. Schwier. New York: Augustus M. Kelley, (1909, 1971). – 504p.

77. Coournot A. Researches into the mathematical Principles of the Theory of Wealth. Translated by Bacon. New York, 1897.

78. Marshall A. Principles of economics. L.: 9th Variorum edition, edition with a volume of notes by C. Guillebaud, 1961 p483-484.

79. Hansson A. Tax policy and entrepreneurship: empirical evidence from Sweden. Working paper / A. Hansson. – Sweden, 2016. – 350p. - P.8.

80. King D. N., Fiscal Tiers: The Economics of Multi-Level Government. – London: George Allen and Unwin, 1984.

**Мақолаҳо ва маърӯзаҳо:**

81. А Акулинин Д. Ю. Правовые аспекты налогового планирования / Д.Ю. Акулинин // Налоговый вестник. – 2014. – № 10. – С. 131–132.

82. Астапов К.Л. Новые тенденции в бюджетной и налоговой политике / К.Л. Астапов // Финансы. - 2002. – № 10. – С. 19-23.

83. Бегматов А.А. Вопросы совершенствования налоговых отношений в переходной экономике Таджикистана//Сборник научных трудов Налогово-правового института № 3 Душанбе 2001. – С.60 – 66.

84. Бегматов А.А. Нуров Ш.С. Муносибатҳои байнибуҷетӣ ва нақши он дар рушди минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон // Вестник Финансово-экономического института Таджикистана (научный журнал), №4(8). –2016. – С. 15-22.

85. Берстембаева Р.К. Организация государственых финансов в отдельных развитых странах. – Алматы:Институт развития Казахстана, 2001. – С. 41-48.

86. Бобоев Ҷ.К., Азизов И.М. Таҳлили андозбандии соҳибкорони инфиродӣ тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон// Қонунгузорӣ, №3, 2013. – С.74.

87. Бобоев М., Кашин В. Налоговая политика России на современном этапе// Вопросы экономики. – 2002. - № 7. – С. 54 – 69.

88. Бобоев М.Р., Мамбаталиев Н.Т., Тютюрюков Н.Н. Налоговые системы зарубежных стран содружество независимых государств. М. Гелиос АРБ, 2002. – С. 17-24.

89. Брянцева Л.В., Полозова А.Н., Оробинская И.В., Маслова И.Н. Информационно-методическое обеспечение анализа налоговой состоятельности перерабатывающих организаций АПК / Л.В. Брянцева, А.Н. Полозова, И.В. Оробинская, И.Н. Маслова // Налоги и налогообложение. – 2018. – № 1. – С. 20 - 36.

90. Воловик Е. Глобализация экономики и ее влияние на национальные бюджеты// Проблемы теории и практики управления. – 1999. – № 5. – С. 41-45.

91. Воҳидов У.М. Влияние налогового бремени на экономический рост /У.М. Воҳидов // Вестник Национального университета Таджикистана. Серия: Экономические науки. – 2013.-№ 1/1 (102) . – С. 123-128.

92. Воронин Ю. Приоритеты бюджетной политики // Экономист. – 2002. - № 6. – С.52 – 63.

93. Воҳидов У.М. Таҳлили омилии воридоти андозӣ ва самаранокии он дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / У.М. Воҳидов // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба инкишофи иқтисодиёти миллӣ: воқеият ва дурнамо», (ДДМИТ, 7-уми майи соли 2022).-Душанбе, 2022 . – С. 68-75.

94. Воҳидов У.М. Ташаккули низоми андозбандӣ дар доираи иқтисодиёти рақамӣ / У.М. Воҳидов // Маводҳои конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “ Муаммоҳои рушди ҳамгироии саноатии кишварҳои Осиёи Марказӣ» (Коллеҷи техникии ДТТ ба номи М.Осимӣ, 15.05.2022).-Душанбе, 2022. – С. 93-102.

95. Вылкова Е.С. Налоговое планирование в системе управления финансами хозяйствующих субъектов / Е. С. Вылкова. – Москва: Проспект, 2014. – 368 с.

96. Горегляд В. Бюджетная система и экономический потенциал страны// Вопросы экономики. – 2002. – № 4. – С. 67 – 77.

97. Горегляд В. Взаимоотношения бюджета и финансового сектора экономики// Экономист. – 2002. – № 11. – С. 14 –20.

98. Горский И. К оценке налоговой политики// Вопросы экономики. – 2002. – № 7. – С. 70 –78.

99. Данильчук О.В., Конотопов М.В. Налоговая политика в России// В мире науки. – 2003. – № 9. – С.84.

100. Джаббаров Р.Т. Направления налогового регулирования в Таджикистане / Р.Т. Джаборов. – Душанбе: Конуният, 2002. – С.44.

101. Джумабоев Х. Тенденция развития налоговых систем в зарубежных странах//Сборник научных трудов Налогово-правового института. – №4. – 2002. – С.76 – 80.

102. Дэниэлс Джон Д., Радеба Ли Х. Международный бизнес: внешняя среда и деловые операции/ Пер. с англ. 6-е изд. - М.: Дело, 1998. – С.50-51.

103. Егорова Е.Н., Петров Ю.А Сравнительный анализ эффективности ставки налогов в России и зарубежных странах / Е.Н. Егорова, Ю.А. Петров // Налоговый вестник. – 1995, №11. – С. 25-34.

104. Егорова Н.Е., Хромов И.Е. Концептуальные подходы и методы анализа налогообложения в малом бизнесе России / Н.Е. Егорова, И.Е. Хромов // Концепции. – 2003, №2. – С.68-75.

105. Егорова Н.Е., Хромов И.Е. Налогообложение малых предприятий: расчетные схемы и проблема выбора / Н.Е. Егорова, И.Е. Хромов / Экономическая наука современной России. – 2004. – №2. – С.72-84.

106. Елубаева Ж.М. Влияния изменений в налоговом законодательстве на состояние бюджетной системы в Республике Казахстан// Финансы. – 2003. – №6. – С. 67 – 72.

107. Иброҳимзода И.Р., Мирсаидов А.Б. Рушди низоми молиявию бонкии кишвар дар 31-соли истиқлолияти давлатӣ / И.Р. Иброҳимзода, А.Б. Мирсаидов//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. - №8. – С. 85-87.

108. Игудин А.Г. Использование совместных налогов для межбюджетного регулирования// Финансы. 2003. – № 3. – С. 17-20.

109. Ирагимов И.Р. Снижение налогового бремени – как фактор устой-чивого экономического роста // Сборник научных трудов НПИ. – Душанбе, 2005. – №7. – С. 67-77.

110. Искаков М. Развитие налоговой системы Казахстана//Экономист №11, 2003. – С.79

111. Исломова З.С. Юсупова З.И. Механизм совершенствование налогообложения субъектов малого предпринимательства. Республики Таджикистан. Материалы республиканский научно – практической конференции «Развитие финансовых услуг в условиях интеграции мирового хозяйства». Душанбе. – 2017. – С.28-35.

112. Исломова З.С. Юсупова З.И. Совершенствование налоговой системы как фактор развития малого предпринимательства. Республики Таджикистан. Материалы республиканский научно – практической конференции «Бухгалтерский учет, анализ и аудит: современное состояние и перспективы развития». Душанбе. – 2014. – С.99-102.

113. Исмаилов Ш.М. Некоторые вопросы совершенствования налогового законодательства в РеспубликеТаджикистан//Сборник научных трудов Налогово-правового института, №4, 2002. – С. 106-110.

114. Кадушин А.Н., Михайлова Н.М. Насколько посильно налоговое бремя в России (попытка количественного анализа) / А.Н. Кадушин, Н.М. Михайлова // Финансы. 2005. – №1. – С.54-58.

115. Каримова М.Т. «Положение сельских женщин в Таджикистане» Известия АНРТ. Серия Экономика №3 –4 (7-8) 2002. – С. 47

116. Кашин В.А. Налоговая политика России на современном этапе// Финансы. – 2002. – №. 38. – С. 42.

117. Кейнс Дж. М. Избранные произведения. М.: Экономика, 1993 – 224с.

118. Кирова Е.А., Захарова А.В., Самоделко Л.С., Бахтина Д.А. Трансформация администрирования налога на добавленную стоимость в цифровой реальности / Е.А. Кирова, А.В. Захарова, Л.С. Самоделко, Д.А. Бахтина // Экономика и управление: проблемы, решения. – 2021. – Т. 1, № 1. – С. 86–93.

119. Кодиров Ш. Экологические налоги//Сборник научных трудов Налогово-правового института. – №2, 2000. – С. 163-165.

120. Козлов Д. Налоговая политика: какой путь выбрать// Вопросы экономики. – 2002. - № 7. – С. 79 – 82.

121. Колесов А.С. Финансовая политика: цели и задачи// Финансы. – 2002. – № 10. – С. 8 – 13.

122. Комилов С.Д. Азбука бизнеса Душанбе: НИЦ Диловар – ДДМТ, 1994. – С. 7.

123. Крамаренко Л.А., Назаров А.В. Проблема распределения налогового бремени в обществе как одно из основных направлений налоговых реформ // Современные проблемы науки и образования. – 2014. – № 1. – С.35.

124. Крейнина М.Н. Влияние налоговой системы на финансовое состояние предприятий / М.Н. Крейнина // Менеджмент в России и за рубежом. 1997. – № 4.

125. Крутов А.Д. Налогообложение малого бизнеса: проблемы и перспективы / А.Д.Крутов //Аудитор. – 2002. – 211. – С.22

126. Крюкова О.Н. Анализ эффективности применяемой системы налогообложения на основе данных учета / О.Н. Крюкова // Научное обозрение. Экономические науки. – 2018. – № 4. – С. 5-10.

127. Лаффер А. Экономическая теория уклонения от налогов. Москва, 2010.-250с. – С.25.

128. Литвин М.И. Налоговая нагрузка и экономические интересы предприятий / М.И. Литвин // Финансы. 1998. – № 5. – С.29-31.

129. Малис Н.И. Налогообложение субъектов малого предпринимательства / Н.И. Малис, О.О. Юшкова //Аудит и финансовый анализ. – 2002. – №1. – С. 24.

130. Мандрошенко О.В. Налоги и налогообложение. Учебное пособие / О.В. Мандрошенко. – М.: Издательско-торговая корпорация «Дашков и К», 2002. – С. 5.

131. Маъдиев С., Воҳидов У.М. Масълаҳои мубрами таҳлили оморӣ-математикии воридоти андозӣ ва мақоми он дар идоракунии молиявии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / С. Маъдиев, У.М. Воҳидов // Маводи конф. байнал-лӣ дар мавзуи «Иқтисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» (21 - 23 юми майи соли 2022). – Душанбе: ДМТ, 2022. – С. 711-712.

132. Мирсаидов А.Б., Воҳидов У.М. Налоговые механизмы стимулирование как фактор развитие малого предпринимательства / А.Б. Мирсаидов, У.М. Воҳидов // Проблемы развития предпринимательства в условиях глобализации: материалы международной конференции (21-22 апреля 2015г). – Душанбе. – С. 76-82.

133. Мураховская Е.С. Налоговое регулирование формирования финансовҷх ресурсов территорий / Е.С. Мураховская. СПб., 1997. – С.8.

134. Наджмиддинов С.М. Углубление реформирования финансовой системы в Республике Таджикистан //Экономика Таджикистана Стратегия развития №52 2001. – С.24-30.

135. Назаров А.И. Учетная и налоговая политика и резервы увеличения доходов бюджета// Финансы. – 2001. – № 10. – С.34-42.

136. Оймахмадов Г.Н. Налоговый фактор в решении социально – экономических проблем//Сборник научных трудов Налогово-правового института №2 Душанбе: 2000. – С.154-155.

137. Павлова, Л.П. Налоговая реформа и создание модели эффективной налоговой системы в России/ Л.П. Павлова, А.В. Ефремов // -Налоговый Вестник, 1998. – С. 9.

138. Плышевский Б.П. Финансовое положение: новые тенденции// Финансы. – 2002. – № 2. – С. 18-21.

139. Ризокулов, Т.Р. Некоторые аспекты совершенствования фискальных механизмов национальной экономики в современных условиях [Текст] / Т.Р. Ризокулов // Экономика Таджикистана: Стратегия развития. - 2008. – №4. – С.121-133.

140. Ряднов М.А. Налогообложение малого бизнеса в России / М.А. Ряднов // Аналитические и финансово-экономические аспекты развития региональной экономики: науч.-практ. конф. молодых ученых. – Ставрополь, 2016. – С. 239-242.

141. Саидмуродов Л.Х. Теоретические вопросы совершенствования регионального налогового администрирования. - 2017. № 3. С. 204-215.

142. Салимова М.М. К вопросу об оценке налогов и налогового бремени в Республике Таджикистан. Экономика Таджикистана: стратегия развития. 2009. – №3. – С. 85 - 92.

143. Смородина Е.А. Налогообложение малого бизнеса в России: проблемы и пути их решения // Современная российская экономика: анализ, прогнозы: М-во образования и науки РФ, Урал. гос. экон. ун-т. – Екатеринбург, 2014. – С. 109 – 124.

144. Фишер О.В. Налоговое планирование на промышленном предприятии / О.В. Фишер. – Москва: Дашков и К, 2014. – 478 с.

145. Черковец О. Белорусская альтернатива//Экономист №5 2004. - С.50.

146. Черник А.А. Сравнительный анализ методик расчета налоговой нагрузки организации / А.А. Черник// Научно-методический электронный журнал «Концепт». – 2013. – Т. 4. – С. 166–170.

147. Черник Д.Г. Налоги в рыночной экономике / Д.Г. Черник. – М., 1997. – С. 25.

148. Ҷумъабоев Х.Қ. Беҳтарнамоии низоми андозбандии миллӣ ва аҳамияти он дар ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ / Х.Қ. Ҷумъабоев // Паёми молия ва иқтисод. Маҷаллаи илмӣ. – Душанбе, 2021.-№1(25). – С.58.

149. Юткина Т.Ф. «Налог и налогообложение» - М: ИНФРА-М 1999. – С. 390-393.

**Диссертатсия ва авторефератҳо:**

150. Беков Ф. Ш. Муккамалгардонии механизми баландбардории самаранокии воситахои беҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дисс. … номз. илми иқтисодӣ [Матн]: 08.00.10 / Ф.Ш. Беков. – Душанбе, 2019. – 174с.

151. Боймирзоев Б.И. Бюджетноегосударственное регулирование экономики в условиях перехода к рыночному хозяйству (на материалах Республики Таджикистан) // Автореферат дисс. на соиск. учен. степ. канд. экон. наук. – Душанбе, 2002. – 28с.

152. Валиев Н.Ш. Ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкории хурд (дар мисоли савдои чаканаи Ҷумҳурии Тоҷикистон) [Матн]: дисс. … номз. илми иктисодӣ: 08.00.05 / Н.Ш. Валиев.-Душанбе, 2021. – 186 с.

153. Воҳидов У.М. Такмили усулҳои идоракунии гаронии андоз дар сатҳи субъектҳои хоҷагидорӣ (дар мисоли корхонаҳои хурди Ҷумҳурии

Тоҷикистон: дисс. … номз. илми иқтисодӣ [Матн]: 05.13.10 / У.М. Вохидов. – Душанбе, 2018. – 159с.

154. Давлатов Д.С. Такмили танзими андозии иқтисоди миллӣ (дар маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) [Матн]: дисс. … номз. илми иқтисодӣ: 08.00.10 / Д.С. Давлатов.-Душанбе, 2021. – 183 с.

155. Иброхимов И.Р. Налогово-бюджетное регулирование экономики Таджикистана: автореф. дис. .. канд. экон. наук: 08.00.05/ И.Р. Иброхимов. – Душанбе, 2006. – 24с.

156. Маъмуров А.М. Такмили маъмурикунонии андоз дар низоми чораҳои танзими рушди иқтисодиёти минтақа (тибқи маводи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон): рис. ... ном. илмҳои иқтисодӣ: 08.00.05 /А.М. Маъмуров. – Хуҷанд, 2021. – 192с.

157. Маъмуров, А.М. Такмили маъмуркунонии андоз дар низоми чораҳои танзими рушди иқтисодиёти минтақа (тибқи маводи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон) [Матн]: дисс. … номз. илми иқтисодӣ: 08.00.05 / А.М. Маъмуров.-Хуҷанд, 2021. – 192с.

158. Пушин С.А. Совершенствование системы налогообложения предприятий малого бизнеса на основе применения специальных налоговых режимов [Текст]: дис. ... канд. экон. наук: 08.00.10 / С.А. Пушин. – Краснодар, 2006. – 186 с. – С. 50.

159. Рахимов Ш.М. Возрождение и развитие промышленности Таджикистана в переходный период // Автореферат диссертации на соискание ученной степени доктора экономических наук. Бишкек: ОООНПУ ОГРТ, 2001. – С.28.

160. Сабуров В.Д. Методы и инструменты совершенствования управления региональной системой налогового администрирования [Текст]: дис… канд. эконом. наук: 05.13.10 / В.Д. Сабуров. – Душанбе, 2018. – 177с.

161. Султонби Р. Совершенствование налоговых отношений в условиях рыносный экономики [Текст]: дис… канд. эконом. наук: 08.00.01 / Р. Султонби. - Душанбе, 2020. – 185с.

162. Улугходжаева Х.Р. Основные тенденции формирования налоговой политики Таджикистана в переходный период: теория и практика: дис. ... д-ра экон. наук. – Худжанд, 2014. – 297 с.

163. Тоджибоева Ф.Э. Влияние налогового механизма на развитие экономики Таджикистана [Текст]: дисс. … канд. эконом. наук: 08.00.10 / Ф.Э. Тоджибоева. – Душанбе, 2020. – 149с.

164. Халифазода С. Такмили низоми маъмуркунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) [Матн]: дисс. … номз. илми иқтисодӣ: 08.00.07 / С. Халифазода. - Душанбе, 2022. – 192с.

165. Хусейнова Д.К. Развитие финансового предпринимательства в условиях переходной экономики Республики Таджикистан [Текст]: автореферат дисс. … экон. наук: 08.00.05 / Д.К. Хусейнова. -Душанбе, 2004. – 24с.

166. Шогунбеков М.В. Совершенствование механизма налогово-бюджетной поддержки развития региона [Текст]: дисс. … канд. эконом. наук: 08.00.05 / М.Б. Шогунбеков. – Душанбе, 2018. – 138с.

167. Яъқуб Ҳ. Масъалаҳои танзими давлатии иқтисодиёт тавассути низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: дисс. … док. Фалсафа (PhD): 6D050900 / Ҳ. Яъқуб. – Душанбе, 2021. – 190с.

# РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-М]. Файзуллоев Б.С. Асосҳои институтсионалии рушди низоми андоз / И.Р. Иброҳимзода, Б.С. Файзуллоев // Маҷаллаи илмӣ-назариявии “Ахбори ДДҲБСТ”. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2021. – №4(89). – С. 13 – 26.

[2-М]. Файзуллоев Б.С. Ҳолати муосири низоми андозу буҷа / И.Р. Иброҳимзода, Б.С. Файзуллоев // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – №1(30) . – С. 61 -73.

[3-М]. Файзуллоев Б.С. Асосҳои назариявии танзими давлатии сиёсати андозу буҷа / Б.С. Файзуллоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2023. – №1/3 (113) . – С. 359 - 367.

[4-М]. Файзуллоев Б.С. Маъмурикунонии андоз асосии танзими муносибатҳои андозбандии соҳибкории хурду миёна / Б.С. Файзуллоев // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – №4(37) . – С. 132 -141.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[5-М]. Файзуллоев Б.С. Танзими давлатии суботи молиявӣ / И.Р. Иброҳимзода, Б.С. Файзуллоев // Муаммоҳои такмили низоми молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: маводи семинари ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 7 декабри соли 2020). – Душанбе, 2020. – С. 356-367.

[6-М]. Файзуллоев Б.С. Танзими давлатии сиёсати андозу буҷа дар шароити муосир / И.Р. Иброҳимзода, Б.С. Файзуллоев // Муаммоҳои такмили низоми молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: маводи семинари ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 7 декабри соли 2020). – Душанбе, 2020. – С. 347-355.

[7-М]. Файзуллоев Б.С. Асосҳои методологии танзими давлатии сиёсати андозу буҷа / И.Р. Иброҳимзода, Б.С. Файзуллоев // Масъалаҳои

такмили механизми молиявию қарзии рушди иқтисодиёти миллӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 5 октябри соли 2021). – Душанбе, 2021. – С. 86 -93.

[8-М]. Файзуллоев Б.С. Таҳлили муқоисавии усулҳои арзёбии иқтидори андози минтақа / Б.С. Файзуллоев, А.Х. Баротов // Арзёбии ҳолати фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалӣ (ш. Душанбе, 6 майи соли 2023). – Душанбе, 2023. – С. 76-80.

[9-М]. Файзуллоев Б.С. Механизмҳои андозбандии рушди соҳибкории хурду миёна / Б.С. Файзуллоев, З.А. Холиқзода // Ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамӣ ва тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалӣ (ш. Душанбе, 25 ноябри соли 2023). – Душанбе, 2023. – С. 101-106.

[10-М]. Файзуллоев Б.С. Арзёбии муносибатҳои андозии субъектҳои соҳибкории хурд дар заминаи моделҳои эконометрикӣ / У.М. Воҳидов, Б.С. Файзуллоев, З.А. Холиқзода // Ҳолати муосири низоми молиявӣ дар шароити рақамикунонӣ: маводи конференсияи байналмилалӣ (ш. Душанбе, 7 декабри соли 2023). – Душанбе, 2023. – С. 120-126.

ЗАМИМАИ 1

**Ҷадвали 1. Динамикаи воридоти андоз ва даромади умумии субектҳои соҳибкории миёна барои солҳои 2015-2022**

| Нишондиҳан-даҳо / Солҳо | Воридоти андоз – Y, млн. сомонӣ | Даромади умумӣ – X, млн. сомонӣ | Ln(Y) | Ln(X) |
|---|---|---|---|---|
| 2015 | 205,0 | 1873,8 | 5,323 | 7,536 |
| 2016 | 213,0 | 1892,7 | 5,361 | 7,546 |
| 2017 | 223,0 | 1911,8 | 5,407 | 7,556 |
| 2018 | 238,0 | 1 931,1 | 5,472 | 7,566 |
| 2019 | 252,9 | 2 231,1 | 5,533 | 7,710 |
| 2020 | 262,9 | 2 435,3 | 5,572 | 7,798 |
| 2021 | 381,7 | 2 933,6 | 5,945 | 7,984 |
| 2022 | 380,3 | 3 126,0 | 5,941 | 8,047 |

Сарчашма: Коркарди муаллиф дар асоси: Ҳисоботҳои даврии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бо истифода аз усулҳои эконометрикӣ дар заминаи маълумоти омории ҷадвали 3.3.1 модели регрессияи дараҷагии арзёбии воридоти андоз таҳия карда шуд:

$$\text{ВА}_{\text{см}} = 0{,}0350 \cdot \text{ДУ}^{1{,}1558} \quad (3.3.1)$$

Намуди хатии модели таҳиягардида чунин мебошад:

$$\text{ВА}_{\text{см}} = -3{,}3512 + 1{,}1558 * \text{ДУ} \quad (3.3.2)$$

Модели таҳиягардида аз рӯйи тавсифҳои омории сифат, хатогӣ ва эътимоднокӣ санҷида шудааст, ки натиҷаи он чунин мебоша: $R^2 = 0{,}9738$; $\bar{A} = 0{,}7690\%$; $DW = 2{,}3366$.

Натиҷаи тавсифҳои оморӣ эътимоднок будани модели регрессияи дараҷагии арзёбии воридоти андози субъектҳои соҳибкории миёнаро нишон медиҳандд.

Хатогии стандартии коэффитсиенти модели мазкур чунин мебошад:

$$m(b) = \sqrt{\frac{\sum_{i=1}^{n}(y_i - y_{xi})^2}{(n-2)\cdot\sum_{i=1}^{n}(x_i - \bar{x})^2}} = 0{,}1102 \quad (3.3.3)$$

Вобаста ба шумораи солҳои мушоҳидавӣ қимати ҷадвалии меъёри Стюдент чунин мешавад:

$$t_{чад} = t_{0,05;8-2} = 2{,}4469 \quad (3.3.4)$$

Фосилаи боваринок барои коэффитсиенти модели регррессияи тащиягардида чунин мебошад:

$$b^{-} = 1{,}1558 - 2{,}4469 \cdot 0{,}1102 = 0{,}8862\ ;\ b^{+} = 0{,}1558 + 2{,}4469 \cdot 0{,}1102 = 1{,}4255 \quad (3.35)$$

Аз рӯйи модели таҳиягардида чунин хулосабарорӣ кардан мумкин мебошад: ҳангоми ба як фоиз зиёд шудани даромади умумии субъектҳои соҳибкории хурд, ба ҳисоби миёна воридоти андози субъектҳои мазкур ба андозаи 1,1562 фоиз афзоиш меёбад.